# ХИРМАНИ СУХАН

**(баргузидаи ҳикояҳои адибони ӯзбек)**

(КИТОБИ ЯКУМ)

Мутарҷим ва мураттиби китоб

**ЮНУСИ ИМОМНАЗАР**

«Noshirlik yog'dusi»
Тошканд – 2019

УЎК: 821.222.8-1
КБК: 84(5 Ў)
Х52

**Мутарҷим ва мураттиби китоб:**
Юнуси ИМОМНАЗАР

**Муҳаррири масъул ва ношир:**
Асадуллоҳ ИСМОИЛЗОДА, шоир

**Таҳти назари:**
Абдулло СУБҲОН,
шоир, узви Иттиҳоди нависандагони Ўзбекистон

**Хирмани сухан.** Баргузидаи ҳикояҳои адибони ӯзбек ба забони тоҷикӣ. Китоби якум. (Мутарҷим Ю. Имомназар). Тошканд: «Noshirlik yog'dusi», 2019. 212 саҳ.

Насри ӯзбек дар давоми сад соли охир на танҳо дар хиттаи Осиёи Миёна ҳамчунин дар миқёси ҷаҳонӣ ба наҳви аҳсан шинохта шудааст. Дар пешрафти он бештар аз чаҳорсад нафар адиб бо осори каму беши худ саҳм гузоштаанд. Дар канори достонҳои кӯтоҳ даҳҳо қиссаю романҳои ӯзбекӣ ба забонҳои гуногун тарҷума шуда дастраси дӯстдорони адабиёт гардидаанд. Аз ҷумла, хонандаи тоҷик низ бо беҳтарин намунаҳои насрии ӯзбек ошно аст.

Ин китоб бо саъю эҳтимоми адиб ва мутарҷими нозукбин Юнуси Имомназар фароҳам омада, бар замми шарҳи мухтасари зиндагию осори сӣ тан нависандаи шинохтаи ӯзбек намунаҳо аз ҳикояҳои эшонро дарбар мегирад. Таҳияи чунин як маҷмӯаи осори баргузида бори аввал сурат мегирад ва дар оянда низ ин иқдом идома хоҳад ёфт. Китоби мазкур ба сифати як хрестоматияи адабӣ барои такмили дарсҳои адабиёти донишомӯзон ва ба хонандагони синну соли гуногун пешниҳод мегардад.

ISBN 978-9943-5564-1-6

«Noshirlik yog'dusi», 2019.

***Эй, ки дастат мерасад коре бикун,***
***Пеш аз он, к-аз ту наёяд ҳеҷ кор.***
***Номи неку гар бимонад з-одамӣ,***
***Беҳ, к-аз ӯ монад сарои зарнигор.***
***Ганҷ хоҳӣ дар талаб ранҷе бибар,***
***Хирмане мебоядат тухме бикор.***
***(Саъдӣ)***

# ДАСТОВЕЗИ ПУРАРЗИШ

«... Чанде қабл бахши адабиёт ва ҳунари рӯзномаи «Овози тоҷик» як ҳикояи нависандаи муосири ӯзбек Муҳаммад Алиро зери номи «Ситораи Насри Тоир» ба дасти чоп супурда буд. Онро, ки аз охирин рӯзҳои пурфоҷиаи ситорашиноси бузург ва фармонфармои Мовароуннаҳр Мирзо Улуғбек ҳикоя мекунад, нависандаи боистеъдод Юнуси Имомназар ба тоҷикӣ баргардондааст. Дар ҳикоя гӯйишу ифодаҳо куллан форсии тоҷикианд. Агар номи муаллифи ҳикоя – Муҳаммад Алӣ сарфи назар гардад, хонанда гумон мекунад, ки ҳикояро худи Юнус навиштааст.

Бино ба фикри коршиносони соҳа, ҳадаф аз ҳар гуна тарҷума ба мулки маънавии халқи худ табдил додани беҳтарин осори адибони ҷаҳон мебошад. Ба фикрам, Юнус ин корро уҳда кардааст ва ба назар мерасад, ки ӯ аз мактаби тарҷумаи адибони муосири Эрон хеле баҳра бардоштааст. Адибони Эрон имрӯз низ, чун дар аҳди қадим, вақте беҳтарин осори адибони дунёро тарҷума карданӣ мешаванд, саъй мекунанд, ки ҳар як асарро ба сарвати маънавии форсигӯёни дунё табдил диҳанд..» (А. Субҳон: «Зиндагӣ бе орзу ширин набуд...». «Овози тоҷик», №57, 18.07.2018).

Чунин эътироф ва суханони гарми устоде мисли Абдулло Субҳон, ки узви Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон аст, мудирияти бахши адабиёт ва ҳунари рӯзномаи ҷумҳуриро ба уҳда дорад ва ҳамчун як тан шоиру рӯзноманигори шинохта ба дили мардум роҳ ёфтааст, ба мо имкон медиҳад, ки бе дудилагӣ ва бо эътимоду эътиқод ба ҳунари эҷод ва тарҷуманигории адиби пуркор ва равшанфикри худшинос Юнуси Имомназар назар афканем ва дар идомаи ҳикояву қиссаҳои нобу дилангези ӯ дастовези навашро, ки китобе иборат аз чандин тарҷумаи достонҳои кӯтоҳи адибони ӯзбек аст, бипазирем. Дар воқеъ, кори тарҷума, ба вижа, тарҷумаи осори адабӣ-бадеӣ ҳунари содаву саҳле нест. Ин шуғл аз ҳар як эҷодкор дониши густурдаи адабиёту забоншиносӣ, ҷаҳонбинии васеи фарҳангию таърихӣ, сабру таҳаммул ва ошноии ҳарчи бештар бо нукоту таъбирҳои забониро тақозо мекунад. Китоби «Хирмани сухан», бе муболиға, боғи пурборест, ки дар назди «манзил»-и тафаккур ва андешаҳои Юнус ба диди мо мерасад ва меваҳоиноберо аз адаббоғи ӯзбекӣ бо сабку лаҳну лафзи салиси форсӣ-тоҷикӣ рӯнамоӣ мекунад.

Дастёбӣ ба китоби «Хирмани сухан» гувоҳӣ бар он аст, ки хонандаи тоҷик, ба хусус, донишомӯзони тоҷик ба орзуи деринаи худ, гӯё ба хӯрдани оби ширин аз чашмаи дӯстдоштаашон ноил мегарданд. Дар як маҷмӯа гирд омадани намунаҳое аз достонҳои кӯтоҳи чанд тан нависанда ҳамроҳ бо баёни мухтасари шарҳи ҳоли онҳо дар адабиёти ҳавзаи Варорӯд навгонии назаррас ва дастовези беҳамтое барои дӯстдорони забону адабиёт аст. Бояд таъкид намуд, ки имрӯз ҳар як мактаби тоҷикии кишвар ба чунин як манбаи адабию фарҳангӣ ниёз дорад ва яке аз ҳадафҳои дурнамои Вазорати омӯзиш ва парвариши кишвар низ ба ҳарчи бештар таҳия ва чоп кардани чунин китобҳои муътабар ва дардхур, ки дар такмили дониш ва хониши беруназсинфии донишомӯзон аҳамият дорад, нигаронида шудааст.

Баъд аз мутолиаи китоб ва муқоисаи тарҷумаҳои Юнуси Имомназар бо матнҳои аслӣ ба хулосае омадем, ки адиб гузашта аз риояти мизону меъёрҳои забони адабии муосири форсӣ-тоҷикӣ, ба чанд нукта таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст. Аввалин бардошти мо бар ин замина аст, ки мутарҷим аз равиши тарҷумаи калима ба калима, ки дар воқеъ ин услуб ҳамеша хонандаро ба гумроҳӣ бурдааст, билкул парҳез мекунад. Ӯ асло побанди сохтори таъбиру ҷумласозии ӯзбекӣ нашудааст.

Дувум, мутарҷим бо дарки ҳисси миллӣ қобилияти забондонии худро ба наҳви аҳсан истифода карда, беҳтарину муассиртарин таъбиру ибораҳо, мақолу зарбулмасалҳо ва расонаҳои баёнро ба кор бурдааст. Чунин амалкарди мутарҷимро сар то по дар муҳтавои достонҳои тарҷумашуда пай бурдан мумкин аст ва гузинаҳои тоҷикӣ на камтар бадеияте аз матни асл доранд, чунончи:

***Эрга навбат – шерга навбат*** – Далерӣ кун, ки майдон аз далер аст; ***Бош устина*** – Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан; ***Қордан қутулиб, ёмғирга тутилмоқ*** – Аз борон гурехта ба дӯл пеш омад; ***Хонақоҳнинг ичи зич тўлди*** – Дохили хонақоҳ чунон серодам шуд, сӯзан партоӣ замин

намеафтад; ***Дардни бардош енгади*** – Бо дард бисоз, то ба дармон бирасӣ; ***Нимасини айтасан*** – Ту нагӯю ман насӯзам; ***Одамга одам қувват бўлади*** – Одам ба одам зинда аст; ***Туриб еганга турум тоғ чидамас*** – Ба хӯрдан оби дарё бахс наояд; ***Одамнинг оласи ичида*** – Лола ҳам дар дарунаш сиёҳӣ дорад; ***Сут ичиб оғзи куйган одам қатиқни ҳам пуфлаб ичади*** – Одами моргазида аз ресмони ало метарсад; ***Ҳувиллаб ётган бўш ҳовли*** – Ҳавлии холӣ, ки ҷуз бод чизе надошт; ***Биров ўлай деса, бошқаси кулай дермиш*** – Мурдаро монда тутхӯрӣ; ***Битта шалтоқ бузоқ бир тўда подани бузади*** – Як гӯсолаи касиф подаро хароб мекунад; ***Шаталоқ отмоқ*** – Ҷуфтак рост кардан; ***Йиглоқӣ*** – Гиряаш дар остин аст; ***Чурқ этган овоз чиқмади*** – Ҳама ба даҳан об гирифта меистоданд; ***Шодлиги ичига сиғмасди*** – Аз шодӣ дар курта намеғунҷид; ***Зиёфатни дўндириш керак*** – Доди зиёфатро бояд дод; ***Меҳмон отадай азиз*** – Меҳмон атои Худост; ***Ичидан қиринди ўтаётган бўлса ҳам*** – Агарчи таҳи дилашро гурба чанг мезад; ***Ордона*** –Бесоҳиб *(ҳайкали бесоҳиб)*; ***Кечирмайман...*** – Узри бадтар аз гуноҳ; ***Қуруқ қўл – қора косов*** – Ду даст дар бинӣ рафтан аз одоби меҳмонравӣ нест; ***Шу тахлит орадан йиллар ўтди*** – Чун оби рӯд моҳу солҳое аз умр гузашта рафт; ***Кўзгинанг тешилсин*** – Дар чашмҳоят намак ҷӯшад; ***Ўлганнинг устига тепган бўлиб...*** – Болои мурда сад ҷӯб; ***Қарилик, қарилик экан...*** – Пирию ҳазор иллат; ***Тақдирни лаънатланади...*** – Даст ба пешонӣ зада; ***Бозорда танишиб, чиқишиб қолган*** – Дар бозор вохӯрда, обашон аз як ҷӯй омада будааст; ***Чарчаган одамга битта гап ҳам ортиқча*** – Тани хаста гӯши суханшунав надорад; ***Ҳа, қилиғинг қурсин!*** – Ҳа, ҷорӯбат аз сарат монад! *(бо дарки ҷорӯбзании бемаврид);* ***Етимга қараш савоб*** – Ятимро соя бар сар фикан; ***Лаллайиб ўтирманг*** – Латта барин поя ҷамъ карда нашинед; ***Сен гапга аралашмай, ишингни қил*** – Ту нахӯди пеши ҳар қошуқ нашав, рав аз пайи корат; ***...Ҳам куламан, ҳам куяман*** – Ҳам месозам, ҳам месӯзам; ***Кутилмаган ташриф дард устига чипқон бўлди*** – Ташрифи нохонда ба болои сӯхта намакоб шуд...

Севум нуктаи нозуке, ки мутарҷим ҳангоми тарҷумаи достонҳои кӯтоҳ аз забони ӯзбекӣ диққат додааст, нигаҳ доштани тарзи баёни воқеаҳо ба ҳамон шакле, ки муаллифи асар хостааст, мебошад. Юнуси Имомназар саъй менамояд, ки дар матни тоҷикӣ низ рӯҳият ва диду назари нависанда нигаҳдорӣ шавад ва аз ин тариқ ба вуқӯъ пайвастани рӯйдодҳо ва таҷассуми қаҳрамонҳои асар бо матни аслӣ ҳамхонӣ кунад. Ва бо ҳамин равиш кор кардани мутарҷим боиси он шудааст, ки хонанда намегӯяд ин ҳикоя «юнусӣ» аст, балки ҳикояи мустақилест бо тобишу рангҳои хоссаи худ, ки марбут ба муаллифаш мебошад.

Дигар ҷиҳати муҳиме, ки ба забони тарҷума колорити миллӣ бахшидааст, бамаврид ба кор бурдани вожаю ибороти хосу асили тоҷикӣ аст. Бояд зикр намуд, ки ахиран мардуми форсизабони ҷаҳон новобаста аз маҳалли зоду буми худ барои тоза нигаҳ доштан ва тарвиҷи забони умумии форсӣ аз ҳисоби вожаҳои худӣ саъю ҷадал доранд. Агарчи ба туфайли пешрафту фановариҳои инсонӣ қариб ҳар рӯз як калима ё истилоҳи нав арзи вуҷуд мекунад, миллатҳои худшиносу бофарҳанг дар пайдо кардани муодили он барои забони хеш дасткӯтаҳӣ намекунанд. Ин аст, ки матнҳои тарҷумаи Юнуси Имомназар дар мадди назари мо бар замми ибораю ҷумласозиҳои мукаммал сели вожаҳои аслан форсӣ-тоҷикиро муҳайё месозад. Ин нукта низ аз дониши фарох ва истеъдоди сайқалёфтаи адиб дар риштаи вожашиносию забондонӣ гувоҳӣ медиҳад. Чунончи, иҷмолан ин вожаҳоро метавон ба унвони мисол овард: бознишаста (нафақахӯр), худрав (мошини сабукрав), ангора (этюд, тарҳи ягон асар ё қисми он дар санъати тасвирӣ), ҳован (ҷувозак, ӯғур), қаҳвасо (дастгоҳ ё абзор, ки қаҳваро майда кунад), мошинпойгоҳ (автобаза, автоколонна), хатгард (маршрутка, миниавтобус), камарбандӣ (роҳи ҳалқавии гирди шаҳр), кӯдакистон (боғчаи бачагон), наҳорхӯрӣ (ошхонаи умумӣ), фановарӣ (технология, пешрафти техникӣ), такнафара (яккаса), сиёҳчол (зиндон, маҳбас), корогоҳ (муфаттиш, бозраси бахши амнияти миллӣ), тарак (дарз, чок), асбобкашӣ (кӯчокӯч, ҷо ба ҷо кардани лавозиму ашёи манзил ба хонаи дигар), пашиз (пули сиёҳ, чизи беарзиш), додгоҳ (суд, маҳкама), сурохӣ (графин), кашу (ҷаъбаи рӯбози ҷосозишуда дар дохили қафаса ё ҷевон, тумбочка), боздоштгоҳ (ҳабсхонаи муваққатӣ, авахта), донишомӯз (хонанда, муҳассил), суроға (адрес, нишонӣ), кампайдо (камнамо, камдидор), торнамо (вебгоҳ, вебсайт), роёна (компютер), офтобсар (кал, качал), додрас (судя, қозӣ), варшикаст (муфлис, хонасалот), воруна (баръакс, чаппа, сарнагун), болосарӣ (изофапул), пуштбанд (такягоҳ, девори нигаҳдоранда), веростор (муҳаррир), дампойӣ (пойпӯш, шипак), хорбор (маводи ғизоӣ, хӯрокворӣ), варандоз кардан (синчакорона нигоҳ кардан), фурудгоҳ (аэропорт), гӯшӣ (гӯшаки телефон, телефон), шакароб (ранҷиши андак, ранҷидахотир), дағеч (авусун, зани бародари шавҳар), китобона (маоши донишҷӯйӣ, стипендия), наворгирд (лентае, ки духтаракон ба сар банданд), киё (ҷаноб, ака, соҳиб), достони кӯтоҳ (ҳикоя), расидбарг (квитансия дар хусуси расиди пул, ашё ва ғ.), тавора (девор); сунҳор (келин, арӯси хона), обгӯшт (шӯрбо), болгард (чархбол, вертолёт), гардона (муҳаррик, мотор)...

Тарҷумаи асари бадеӣ сангин ва масъулиятталаб аст. Бо ин ҳол, матни баргардоншуда низ бояд бадеияти комил дошта бошад ва ин ҷо дониши фарогирии забони модарӣ нақши муҳим мебозад. Ин аст, ки беҳтарин мутарҷим ҳамеша ё шоир будааст ё нависанда ва ӯ ҳатто дар сурати комил надонистани забони асл метавонад ба ҳадафи аслӣ дастёб шавад. Нависанда бо вожаҳои мавриди корбурд бисёр «бозӣ» мекунад ва мутарҷим ин гуна бозиҳоро низ бояд дарк кунаду бамаврид муодилашро дарёфта ба хонанда расонад. Ба ин гуна маҳорат то ҷӣ андоза муваффақ шудани Юнуси Имомназарро бо мутолиаи китоби «Хирмани сухан» метавон дарк намуд.

Бояд гуфт, ки дар давоми бештар аз сад соли ахир адабиёти ӯзбек, ба вижа, насри он хеле пешрафт кард. Аз осори адибони ӯзбек то имрӯз миқдори бениҳоят кам барои тоҷикон баргардон шудааст. “Хирмани сухан” иқдоми неке дар ин кор аст, ки достонҳои кӯтоҳро аз эҷодиёти адибони саршиноси ӯзбек Беҳбудӣ, Абдулло Қодирӣ, Чӯлпон, Ғафур Ғулом, Ойбек, Абдулло Қаҳҳор, Ҳамид Ғулом, Саид Аҳмад, Асқар Мухтор, Мирмуҳсин, Шукрулло, Саида Зуннунова, Мақсуд Қориев, Одил Ёқубов, Пиримқул Қодиров, Худойбердӣ Тӯхтабоев, Фарҳод Мусоҷон, Ӯлмас Умарбеков, Эркин Самандар, Неъмат Аминов, Шукур Холмирзо, Ӯткир Ҳошим, Муҳаммад Алӣ, Тоҳир Малик, Тоғай Мурод, Отаули, Эркин Аъзам, Абдусаид Кӯчимов, Эркин Усмон, Абдуқаюм Йӯлдошев фаро мегирад ва феълан аз ду китоб иборат аст.

Ҳамчун як тан дӯстдори забони модарӣ ин китоби тозанашрро барои мураттиб ва мутарҷимаш табрик гуфта, ҳар яки шумо – ҳаммиллатони соҳибдилу хушниятро барои хонданаш даъват менамоям ва бовар дорам аз тариқи хомаи пурбаракати Юнуси Имомназар ба дунёи рангину ҷаззоби адибони ӯзбек ворид ва бо мазмуну мухтавои беҳтарин достонҳои кӯтоҳи ӯзбекӣ бо забони модарии худамон ошно хоҳед шуд.

**Асадуллоҳ Исмоилзода,**
шоир, сармуҳаррири нашриёти “Ноширлик ёғдуси”

**Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ**
**(1875 – 1919)**

*Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ 18 январи соли 1875 (10 зилҳиҷҷаи соли 1291 ҳ.қ.) дар деҳаи Бахшитеппаи ҳумаи Самарқанд, дар оилаи муфтӣ зода шудааст. Падари ӯ фақеҳ буда, аз ҷумла, асари «Ҳидоя» (шарҳу тавзеҳоти ҳуқуқи исломӣ)-ро ба фарзанди худ таълим додааст.*

*Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ соли 1902 ба Макка сафар мекунад ва ба унвонҳои хӯҷа (хоҷа) ва муфтӣ соҳиб мешавад. Сипас бо ҳадафи ошно шудан бо фарҳанги аврупоиён ба шаҳрҳои Қазон ва Уфа меравад. Дар Қазон ва Оренбург бо рӯзномаю маҷаллаҳое, ки бо хатти арабӣ ба чоп мерасиданд, ҳамкорӣ мекунад. Ҷойи зикр аст, ки алломаи қрим-тотор Исмоил Ғаспари (Гасперинский) ва рӯзномаи «Тарҷумон», ки ӯ сармуҳаррири он буд, дар маърифатшинос ва пешкори ҳаракати ҷадидия шудани Беҳбудӣ нақши босазо мегузорад.*

*Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ солҳои 1912 – 1913 дар Самарқанд рӯзномаи «Самарқанд» ва маҷаллаи «Оина»-ро асос мегузорад. Ӯ соли 1914 ба Туркия ва Миср сафар карда, аз он ҷо китобу дастурҳои омӯзишии зиёдеро меоварад ва барои таҳияи барномаҳои таълимии мактабҳои усули нав заҳмат мекашад. Агарчи ба садҳои зиндагӣ рӯ ба рӯ шуда, ҳамчун «роҳнамои ҷадидон», «даҳрӣ» ба таъқиби ҳукуматдорон дучор мешавад, аз корҳои маорифпарварӣ ва тарғиби забону фарҳанги пешрафтаи замон даст намекашад.*

*Беҳбудӣ ба забонҳои ӯзбекӣ ва форсӣ-тоҷикӣ бештар аз дусад мақолаю асар офаридааст. Аз ҷумла, «Мунтахаби ҷуғрофияи умумӣ» (1903), «Китоб-ул-атфол» (1904), «Мухтасари таърихи ислом» (1904), «Амалиёти ислом» (1905), «Ҷуғрофияи мухтасари Русия» (1908). Муқаддаман аз соли 1901 нигоштаҳои худро дар рӯзномаю маҷаллаҳои «Рӯзномаи вилоятии Туркистон», «Тараққӣ», «Хуршед», «Шуҳрат», «Туҷҷор», «Осиё», «Ҳуррият», «Тӯрон», «Садои Туркистон», «Улуғ Туркистон» (Туркистони бузург), «Наҷот», «Меҳнаткашлар товуши» (Овози заҳматкашон), «Тирик сӯз» (Каломи зинда), «Тарҷумон», «Шӯро», «Вақт», «Тоза ҳаёт» (Ҳаёти нав), «Самарқанд», «Оина» ба таваҷҷуҳи хонандагон мерасонад.*

*Соли 1911 драмаи «Падаркуш (ё худ аҳволи бачае, ки мактаб надидааст)»-ро менависад ва он бори нахуст соли 1912 дар рӯзномаи «Тӯрон», сипас соли 1913 дар Самарқанд дар шакли китобча чоп мешавад. Ғояи ин асар илмдӯсту бофарҳанг шудани одамонро (хоҳ камбағал, хоҳ сарватманд) талқин мекунад. Ин асар чандин бор дар саҳнаҳои Самарқанд, Бухоро ва Тошканд ба намоиш гузошта шудааст.*

*Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ соли 1919 дар Қаршӣ дастгир шуда, бо фармони Саид Олимхон ба қатл мерасад (25 март). Асосгузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ дар хусуси марги фоҷиавии ӯ чунин нигоштааст: «Исми шоири ҷафокаш Беҳбудӣ дар Шарқи мусалмонӣ бо эҳтиром ва забон гирифта мешавад, зеро ӯ дар давоми бист сол одамонеро, ки бошуур ҳастанду қадру қимати инсонии худро дарк мекунанд, барои муборизa дар роҳи ҳаёти озод ва нуру маърифат даъват карда омадааст».*

*Солҳои 1926 – 1937 шаҳри Қаршӣ бо номи Беҳбудӣ ёд мешавад. Ӯ соли 1937 ба рӯйхати сиёҳ меафтад ва соли 1956 бегуноҳ дониста мешавад.*

*Соли 1977 осори адиб таҳти унвони «Сайланма» (Осори мунтахаб) ба чоп мерасад, ки он асарҳои мухталиф, аз ҷумла, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои омӯзиширо фаро мегирад.*

## ПАДАРКУШ
**(ё худ аҳволи бачае, ки мактаб надидааст)**
***(драма)***

***Ибратнома аз тарзи зиндагии Туркистон. Иборат аз 3 пардаи 4 манзаравӣ, нахустин фоҷиаи миллӣ.***

ШИРКАТКУНАНДАГОН

Б о й – 50 сола.
Т о ш м у р о д – писари бой, 15-17 сола.
Д о м у л л о – муллое бо фикри тоза, 30-40 сола.
З и ё й – *(дар либоси аврупоӣ),* таҳсилгирифта дар мактаби русӣ, мусалмони миллатшинос.
Х а й р у л л о – мирзо ва маҳрами бой, 18-20 сола.
Т а н г р и қ у л – қотили бой.
Д а в л а т *ва* Н о р *(навҷавонон)* – ба пули кам ниёз доранд.
Л и з а – зани рус, дар намои қабеҳ.
А р т у н – армани майхонадор.
П р и с т у ф *(пристав) ва ҳамраҳони ӯ* – 2 пулис, 2 нигаҳбон, 3 нафар марди ҳамсояи бой.
Б о й б и к а – зани бой, 35-40 сола.

АШЁИ ЛОЗИМ

Як лаълӣ ширавор, нон, дастурхон, чойник, пиёла, чилим.
Гилем, кӯрпа ва болини лозим барои меҳмонхона.
Василаҳои хоб ва тахтхоби бой.
Якто калтак.
Даҳ шиша об ва квас.
Панҷ-шашто истакон.
Як дона сандуқ.
Дар дохили ҳамён чизе шабеҳи пул.
Як корди калон.
Якто тапонча.
Милаи оҳанӣ барои боз кардани сандуқ.
Лавозими мукаммали пристуфӣ: 2 даст либоси пулисӣ; 2-то калтаки нигаҳбонӣ; 1 дона ҳуштак; 1 дона шоҳсаққо; 1-то канафресмон; 1 дона кишани даст *(ишкел).*

ПАРДАИ АВВАЛ

***Бой дар меҳмонхона нишастааст. Хайрулло ва домулло медароянд.***

– Ассалому алайкум.
Б о й. Ваалайкум ассалом, бифармоед *(аз ҷо хеста салом медиҳад, ба домулло ҷой нишон дода ба нишастан муроот мекунад).*
Д о м у л л о. Давлати бойро Худованд зиёд гардонад *(фотиҳа мекунанд).*
Б о й. Нафасатон муборак, иншаоллоҳ, дуоятон қабул гардад.
Д о м у л л о. Бале, шаби ҷумъа барои мустаҷоби дуо айни муддаост.
Б о й. Хуш омадед, тақсир.
Д о м у л л о. Саломат бошед *(дасташро ба рӯйи сина мегузорад).*
Б о й. Хайрулло! Чою лаълӣ биёр!

Х а й р у л л о. Хуб шудааст! *(чой ва лаълӣ меоварад, чой мерезад; дар ҳини тановул Тошмурод медарояд, бе салому калом, беадабона).*
Т о ш м у р о д. Додо, ба тамошо меравам, пул диҳед.
Б о й. Писарам, бо кӣ меравӣ?
Т о ш м у р о д. Бо Турсунакаам.
Б о й *(аз ҷайбаш пул бароварда медиҳад).* Ҳатман сари вақт баргардед, ба ҷойҳои бад наравед.
Т о ш м у р о д. Хайр, хайр, ин қадар гапатон бисёр *(баромада меравад; Домулло ба бой ва Тошмурод бо ноҳинҷорӣ нигоҳ афканда, сар меҷунбонад).*
Б о й. Давом диҳед, тақсир.
Д о м у л л о. Хуб, хуб, бойбача ҳам калон шудааст, Худо умр диҳад. Дар мактаби усули ҷадид мехонад ё ба мактаби кӯҳна меравад?
Б о й. Ба ҳеҷ кадоме намеравад.
Д о м у л л о. Дар хона таҳсил медиҳед?
Б о й. Не, не. Ман хондани писарамро фикр накардаам.
Д о м у л л о. Аҷаб, бо чӣ сабаб ба хондан намедиҳед? Ҳол он ки, хондан қарз ва илм сабаби иззати дунёву шарофати охират аст.
Б о й. Ба гумони ман сабабу иззати дунё сарват аст. Дар охират бошад, ҳар сарнавиштеро Худо раво донад, он шавад. Тавре ки мебинем, одамон бойро аз мулло бештар иззат мекунанд. Ба хусус, дар ҳоли ҳозир, ки шумори бонкҳо зиёд шудааст.  Бойҳои калон муштарӣ мешаванд, ҳар кас ба онҳо ҳурмат мегузорад. Ҳатто корафтодагон моли муштариро қимат мегиранд, зеро бонк ба касоне, ки ба илтифоти ӯ муяссар нашудааст, пул намедиҳад ва тарафи муомила шикаст хӯрда, муфлис шуда меравад. Фаҳмидед, чӣ мегӯям?
Д о м у л л о. Ин гапҳои шумо ба замони имрӯза мос, лекин иззати муштарию давлатмандон муваққатӣ аст, то замоне, ки чашми халқ кушода мешавад. Ҳоло ҳам онҳоро фақат корафтодагон иззат мекунанд, муллоро бошад кулли мардум, яъне илми мулло сазовори эҳтиром аст.
Б о й. Сарвати мо низ шоистаи ҳурмат аст, чаро ки на танҳо мусалмонон, ҳатто урӯсу арман ҳам иззат кунанд.
Д о м у л л о. Иззатро як сӯ гузоред, агар писаратон таҳсил гирад дафтари аъмолатонро менависад, намозу мусалмониро хуб ёд мегирад ва ҳам ба шумо савобаш мерасад.
Б о й. Мирзоӣ осон аст. Бубинед, ки ба Хайрулло моҳе ҳафт сӯм медиҳам. Рӯзҳо мирзоӣ ва шабҳо корҳои меҳмонхонаро анҷом медиҳад, ҳатто, то хобам наояд ходимӣ мекунад, китоб ҳам мехонад.
Д о м у л л о. Барои донистани илми шариат ва заруриёти динӣ шумо бояд хондани бойбачаро таъмин намоед.
Б о й. Ниёз ба ёд гирифтани илми шариат надорад, чаро ки намехоҳам ӯро муфтӣ ё имом, ё муаззин кунам, зеро давлатам ба ӯ мерасад.
Д о м у л л о. Дар хусуси заруриёти диния чӣ мегӯед?
Б о й. Камина панҷ вақт намозу дуоҳои лозимро медонам, худам ёд медиҳам.
Д о м у л л о. Ба хатту савод чӣ мегӯед? Охир, одами бесавод ба дарди коре намехӯрад.
Б о й. Ин фикри шумо нодуруст. Агарчи ман савод надорам, аз одамони дорои шаҳрамон ҳастам ва аз уҳдаи ҳар кор мебароям.
Д о м у л л о. Шумо солҳои пеш бо амри тасодуф ғанӣ шудаед, аммо акнун на танҳо барои доро шудан, ҳатто барои рӯзгузаронӣ илм омӯхтан лозим. Мебинем, ки дар бист-сӣ соли ахир ҳама кори савдо ба дасти арману яҳуду дигар аҷнабиён гузаштааст ва сабаби ин илм наомӯхтани мост. Бо чашми сар мебинем, ки бойбачаҳои бесавод молу сарвати падарро барбод дода, оқибат хору зор мешаванд. Аз ин хотир ҳам, таҳсил гирифтани писаратонро пешниҳод мекунам.
Б о й. Ай, домулло! Шумо муҳаққиқи ман ҳастед? Писар писари ман, давлат аз они ман, ба шумо чӣ? Як одами хонда шумо бошед ба хӯрдан нон надоред ва боз мехоҳед бо ин ҳол ба ман насиҳат кунед. Хайрулло! Меҳмонхонаро қуфл кун, хобам омад *(Хайрулло лаъливу лавозимро ҷамъ карда, мунтазир меистад).*
Д о м у л л о *(ба одамон рӯ оварда).* Барои хондан ва мулло шудан пул лозим, аммо сарватмандони мо дар ин ҳоланд. Агар чунин идома ёбад, наузамбиллоҳ, дар ин дунёву охират расво мешавем. Хондан ба ҳар як мусалмон – чи марду чи зан, фарз буд. Афсӯс, он куҷо шуд? Оҳ, вой бар ҳоли мо! *(ба бой нигоҳ карда).* Бой, ман ба шумо амри маъруф гуфтам ва кореро, ки аз рӯйи шариат анҷом додан лозим буд, аз гарданам соқит кардам. Иншаоллоҳ, ҳоло бо писаратон, ки мӯйлаб баровардаасту алифро аз таёқ фарқ намекунад, рӯ ба рӯ хоҳем шуд ва шумо бо нахонондани ӯ гунаҳкор мешавед *(домулло нос мекашад).*

Б о й. Ай, домулло! Ба ман насиҳатгар лозим нест, безор кардед! *(ба одамҳо назар афканда)* Ҳам аз корам, ҳам аз хобам мононд, ин одам. Хайрулло, меҳмонхонаро қуфл кун *(домулло бо қаҳр баромада меравад, бой димоғсӯхта мемонад. Мусалмони зиёӣ медарояд, палто ва лавозими худро дар мех меовезад, бой ало-ало нигоҳ мекунад, аз ӯ хушаш намеояд).*
З и ё ӣ. Ассалому алайкум.
Б о й *(бо карахтӣ).* Ваалайкум ассалом. Хайрулло, курсӣ деҳ, ин касро замин намебардорад *(курсӣ медиҳанд, зиёӣ менишинад, папирос мекашад).*
З и ё ӣ. Ҷаноби бой, шуморо дилтанг мебинам, сабабаш дар чист?
Б о й. Як мулло омада буд, писаратро намехононӣ гуфта ба ҷонам расид, наздик буд аз хона биронам. Базӯр халос шудам, фақат муштзанӣ накардем.
З и ё ӣ. Аҳ-ҳа, аҷаб ҳодисае рух додааст *(ба одамон рӯ оварда),* Худоё шукр, дар ин шаҳр муллое будааст, ки ба аҳли сарват амри маъруф гӯяд! Он ҷаноб домуллои воқеӣ будаанд, бояд зиёрат кард. Бой-афандӣ, бароятон малол наояд, дар ҳамин хусус ман ҳам чанд гоҳест, ки бо шумо гап заданӣ будам. Вале вақту соаташ ба ҳамин лаҳза мавқуф будааст, ки аз шумо илтимос дорам чанд дақиқа ба ман гӯш фаро диҳед, мехостам аз ваҷҳи нафъи илм сухан гӯям.
Б о й *(бо чашмони ало нигоҳ карда).* Акнун фаҳмидам, шумо ҳам писаратро хонон гуфта маро маҷбур карданӣ ҳастед *(ба одамон рӯ оварда)*, имрӯз бо дасти чапам хестаам, зоҳиран, ба чизҳое, ки асло фикр накардаам, дучор мешавам, ба ин мегӯянд, аз борон гурехта ба дӯл пеш омад. Хайрулло! Чилим биёр! *(тарафҳо хомӯш, чилим меояд; бой мекашад, сурфа мекунад).*
Б о й. Хайрулло!
Х а й р у л л о. Лаббай, тақсир!
Б о й. Ҷоямро андоз, хобам омад *(хамёза мекашад),* фардо кори бисёр дорем, бояд зудтар хоб равам *(боз ҳам хамёза).*
Х а й р у л л о. Хуб шудааст, ҳозир.
З и ё ӣ *(бо нигоҳи ҷиддӣ).* Бой-афандӣ! Ман ба шумо мегӯям, ки дар хусуси илмҳои лозим ба миллат гап заданиам, аммо шумо намехоҳед ба каломи ман гӯш диҳед. Дубора мегӯям, ки бишнавед, ин суханҳо ҳам ба нафъи шумосту ҳам ба нафъи миллат.
Б о й. Мехоҳед гапҳои худро бо ҷабру зӯрӣ гузаронед? Ё ба пеши ман омадед маро азоб диҳед?
З и ё ӣ. Не, дар асл манзурам чизи дигар буд, лекин фаҳмидам, ки ба болои баҳси илмӣ омадаам. Аз ин хотир, муддаоямро иваз карда, ду-се калом дар мавзӯи илм гуфтаниам. Шояд сарватмандоне мисли шумо фарзандони миллатро ба таҳсил равона кунанд.
Б о й *(ба одамон нигоҳ карда).* Кошки ривоятҳои домулло кам мебуд. Хуб, модоме ки намегузоред, зудтар сароеду тамом кунед, хобам омадааст *(хамёза мекашад)*, гапи ин мардум фақат якто – бачаатро хонон!
З и ё ӣ. Ҳоло замона наву дигар шудааст. Дар ин давр халқе, ки илму ҳунар надорад, сарвату замину ҳама анҷомашро аз даст медиҳад, одобу обрӯяш низ аз байн меравад, ҳатто динаш заиф мегардад. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки мусалмонҳоро илм омӯзонем, тавре ки дини шарифи мо бо дарки нафъи дониш аз гаҳвора то гӯр илм омӯхтанро фарз кардааст. Ин амр ҳукми шариат аст. Барои мо мусалмонон, билхосса, дар ин замон ду тоифаи уламо лозим аст: яке олими дин, дигаре олими замонавӣ. Олими соҳаи дин – имом, хатиб, мударрис, муаллим, қозӣ, муфтӣ корҳои диниву ахлоқӣ ва рӯҳонии халоиқро раҳбарӣ мекунад. Донишомӯзони ин тоифа, пеш аз ҳама, бояд дар Туркистону Бухоро илму динро, забони арабӣ ва то ҷое русиро омӯхта, сипас ба Макка, Мадина, Миср ва Истанбул сафар карда, макотиби диниро хатм намоянд ё ки муллои комил бишаванд *(бой пинак меравад).* Мефаҳмед чӣ мегӯям, бой?
Б о й *(сарашро мебардорад).* Ҳа, ҳа, бифармоед, гӯшам ба шумо.
З и ё ӣ. Барои олими замонавӣ шудан бояд ба бачаҳо, пеш аз ҳама, хатту саводи мусалмонӣ ёд дод, пас аз омӯзондани заруриёти динӣ ва забони миллат бояд ба мактабҳои бонизоми ҳукумат супорид, яъне ба гимназия ва мактабҳои шаҳр. Пас аз ин мебояд ба дорулфунунҳои Петербург, Маскав фиристод, ки дар он ҷо дуктурӣ, закунчигӣ, муҳандисӣ, додрасӣ, илми санъату иқтисод, ҳикмат, муаллимӣ ва дигар илмҳоро омӯзанд. Дар ҳоли ҳозир ба давлати Русия шарик шудан лозим аст, то ки дар ин замонаамон ба ватану миллати ислом хизмат кунанд ва ҳам мебояд ба мансабҳои давлатии Русияи подшоҳӣ даромада, ба мусалмонҳо нафъ оваранд ва бо давлати Русия мушорикат кунанд, ки бачаҳои таҳсилгирифтаи мусалмонҳо ба дорулфунунҳои Фарангистон, Амрико ва Истанбул барои тарбия раванд. Магар Ҳазрати пайғамбарамон нафармудааст, ки илм гарчи дар Чин аст биёмӯз?! *(бой дар хоби маст).* Аз ин хотир, бо пул, ба ҳиммати бойҳое мисли шумо, чунончи, дар Қафқозу Оренбург, дар Қазон сарватмандону аҳли ғайрат барои мусалмонҳо пули бисёр харҷ мекунанд ва

фарзандони камбағалонро мехононанд *(ба бой нигоҳ мекунад)*, гапҳоямро, албатта, фаҳмидагистед, ҷаноби бой. Бойбобо, ҳой!
Б о й *(пинакаш вайрон мешавад, сар мебардорад, хамёза мекашад)*. Ҳа, ҳа…
З и ё й. Алъон халқи Туркистони мо як одати баде дорад: агар касе русӣ ёд гирифта, ба кори ҳукумати подшоҳӣ даромада, бо либоси расмӣ гардад, ӯро масхара мекунанд ва агар аробакашӣ ё кори сиёҳ кунад, либоси куҳнаи аврупоиён ё раққосонро пӯшида гардад, ҳеҷ кас чизе намегӯяд, ки ин камоли нодонӣ ва бехабарӣ аз дунёст. Ҳамин хел нест, бойбобо?
Б о й *(дар ҷойи хоби худ ба як тараф паҳлу мезанад)*. Хур, хур, хурра, хурра, хурра…
З и ё й. Илоҳо, Худоё! Ба уммати ислом, хусусан, ба мо туркистониён раҳм кун!.. *(бо рӯмолчаи худ ашки чашмонашро пок карда, баромада меравад)*.

Парда баста мешавад

## ПАРДАИ ДУВУМ

***Манзараи пивахона: бойбача ва се нафар ҳамнишини ӯ.***

Т а н г р и қ у л. Ин бегоҳ, намедонам барои чӣ, машрубот маро ҳеҷ намегирад, аз намози дигар инҷониб як дюжина(1) шишаро холӣ кардам-е! Обҷави он даюс гӯшамро ҳам натафсонд. Пур кун, бихӯрем *(Нор қадаҳҳоро пур мекунад)*.
Ҳ а м а *(бо ҳам)*. Ба саломатии Тошмуроди бойбача, ура! Ура! Ура! *(мехӯранд)*.
Д а в л а т. Ҷӯраҳо, инро хӯрдаму ба ёдам Лизаҷон омад. О, Лизаҷон!
Ҳ а м а *(бо ҳам)*. Оҳ, Лизаҷон, воҳ, Лизаҷон, дар куҷоӣ?
Н о р. Ин фалаки золим маро дар фироқаш сӯзонд, биллоҳ, наояд намешавад.
Д а в л а т. Бо ин доду бедод ҳеҷ коре намешавад кард. Соҳибкорро садо мезанем, базми «падарам қазо кард»-ро меороем.
Н о р. Даст парто, номард, ёфтӣ *(дасташро мефишурад)*. Гап нест!
Д а в л а т. Эй, Тангриқули фатиламӯйлаб, чаро ту дам намезанӣ? Корат фақат гӯш кардан ба суханҳои одамон. Далерӣ кун, ки майдон аз далер аст, ту ҳам гап зада ист. Ё ин одамҳоро писанд намекунӣ? Дар кисаи мо ҳам чор-панҷ танга пул ҳаст, ҷӯра! Мастию ростӣ гуфтаанд, чеҳраатро кушода шин.
Т а н г р и қ у л. Ҷӯраҳо, аз шумоён гапи пинҳонӣ надорам. Росташро гӯям, ин мардафканро хӯрдаму хеле гарм шудам ва ту ки Лиза гуфтӣ, дигар худам инҷояму хаёлам бо вай банд, то Лизаро наёрӣ маро ба гап намеандозӣ. Аммо ҳама гап дар овардáнат, агар Давлати зӯрӣ!
Д а в л а т. Ғам махӯр, муддаоят Лиза бошад, ҳамин ҳозир дар канорат мебинӣ. Мегӯйӣ, намеояд? Сарашро мегирам!
Н о р. Бойбача! Ту ҳам майл дорӣ ба баришна?
Т о ш м у р о д. Майли, одам фиристед, базмро гарм кунад.
Т а н г р и қ у л. Ба шумо фақат гап бошад, бо лофу газоф вақтро мегузаронед. Агар воқеан даъват карданӣ ҳастед, гӯед зудтар биёяд, кайф кунем *(Давлат зангро мезанад. Артун – армани майхонадор медарояд)*.
А р т у н. Чӣ мегӯйӣ?
Д а в л а т. Касеро ба Лиза фиристон, биёяд.
А р т у н. Ба ин ҷо?
Д а в л а т. Ҳа, ба ин ҷо наоварда ба мазор мебурдӣ?
А р т у н. Извинит, пурсидам-да.
Д а в л а т. Шав, зуд бош, касеро фиристон.
А р т у н. Баҳ, чӣ тавре ки медонӣ, Лиза бе пул намеояд, то понздаҳ манат нагирад розӣ намешавад. Оре, понздаҳ манат ва пули фойтунро ҳам дода мон, бояд Николайро ҳам розӣ кунонам. Лиза набошад дигарашро меоварад, хуб аст?
Д а в л а т. Аввал оварда баъд пул гирӣ намешавад?
А р т у н. Давлати зӯр! Ба ту гуфтам, Лиза то дастмузд нагирад намеояд. Худат мешиносӣ он духтари якравро!
Т а н г р и қ у л. Артун, каме сабр кун, пул медиҳем.
А р т у н. Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан, ҳар чӣ мефармоед *(Мебарояд. Кайфи ҷӯраҳо мепарад, сукут мекунанд)*.
Д а в л а т. Рез, мехӯрем! *(Нор қадаҳҳоро пур мекунад)*

Т а н г р и қ у л. Пулро пешакӣ талаб карданаш миёни корро шикаст.
Д а в л а т. Ноомади кор ояд ҳамин тавр мешавад. Пулатон ҳаст? Ҳама бароред *(ҳама пул мебароранд, Давлат мешуморад, панҷ сӯм намерасад)*. Бо ин ҳол ҳеҷ чиз ба даст намеояд, бояд илоҷашро ёфт.
Н о р *(тамаъкорона)*. Эй, бойбача, мо – ҳама камбағалем, ба ту чӣ шуд, чаро пул намебарорӣ? Бубинед, ҳоли бойбачаро *(бо ангушт ишора мекунад)*.
Д а в л а т. Парво накун, Нор. Фикре ба сарам зад, агар бойбача розӣ шавад.
Т а н г р и қ у л. Чӣ фикре? Чӣ будааст?
Д а в л а т. Сабр кун, ҳоло мефаҳмӣ чӣ аст. Аввал, биёед, ба саломатии бойбача қадаҳ бардорем *(Тангриқул шароб мерезад, ба саломатии бойбача мехӯранд)*.
Д а в л а т. Бойбача! Сайри чаҳоршанбе ба мисли ин бегоҳ дар моҳу сол як бор ё мешавад ё не, як шаб ҳазор шаб нест. Агар розӣ бошӣ, Тангриқулро бо ту мефиристам, бо ҳам меравед, ту сандуқи падаратро нишон медиҳӣ. Бақияи корро ба уҳдаи Тангриқул гузор, худаш боб мекунад.
Т о ш м у р о д. Тангриқулака, меравед?
Т а н г р и қ у л. Агар улфатон бихоҳанд, ҳатто ба он сӯйи дунё меравам. Ин ҷо ҳамагӣ то ҳавлии шумост, ба роҳ гаштан намеарзад.
Д а в л а т. Ту чӣ мегӯйӣ, Нор?
Н о р. Ман ҳам яке аз ҷамъ ҳастам, рав гӯед, ҳозирам.
Д а в л а т. Не, ду кас бас. Дигарон бинанд ба гумони бад меравaнд. Имрӯз фардо ҳам дорад.
Н о р. Бойбача! Ҷойи сандуқи падаратро медонӣ?
Т о ш м у р о д. Дар хонаи хобаш аст.
Д а в л а т. Хонаи хоб чанд дар дорад?
Т о ш м у р о д. Сето.
Д а в л а т. Аз кадом дар медароед?
Т о ш м у р о д. Яке аз дарҳо аз хонаи модарам кушода мешавад, ман даромада дари ҷониби ҳавлиро боз мекунам, сипас Тангриқулака медарояд.
Д а в л а т. Боракаллоҳ! Маълум, ки қаблан ҳам чапдастӣ кардаӣ. Нор, рез, менӯшем! *(Нор қадаҳҳоро пур мекунад, ҳама ба сар мекашанд. Давлат ба Тангриқул ва Тошмурод нигоҳ карда)* Акнун ба роҳ мебаромадагистед?
Т а н г р и қ у л. Албатта, нарафта ҳам мешавад магар? *(Давлат тапончаашро ба бойбача медиҳад. Нор аз соқаи мӯзааш кордчаро берун кашида ба Тангриқул медиҳад. Онҳо бо эҳтиёт аз ҷо мехезанд)*.
Д а в л а т *(ба ҳар ду рӯ оварда)*. Ба куҷо, шерамардон?
Т а н г р и қ у л. Ба сайд! *(Давлат Тангриқулро ба як канор бурда, ба таври хуфия амру ишораҳо медиҳад)*.
Н о р. Омин, Оллоҳ… *(ҳама бо ҳам)* Оллоҳу акбар. *(Давлат фотиҳа медиҳад)*.

Парда пӯшида мешавад

## ПАРДАИ САВУМ

***Тибқи маъмул бой бар рӯйи тахтхоби худ хоб аст, дар як гӯшаи хона сандуқ. Тошмурод оҳиста аз дар медарояд, ба ин тарафу он тараф назар афканда дари дигарро боз мекунад ва дар як гӯша меистад. Тангриқул ворид мешавад, дар даст калид ва як милаи оҳанӣ, дар камар кордча дорад. Ба самти сандуқ рафта, калидро мехалонад, сандуқ кушода намешавад. Ба Тошмурод чашм медӯзад, бо ишора маслиҳат мехоҳад. Тошмурод мефармояд, ки сандуқро бо милаи оҳанӣ зада шиканад. Тангриқул бо оҳани дасташ сандуқро зада мешиканад. Бо садои сандуқ бой бедор мешавад. Ӯ тарсида аз ҷой парида мехезад ва асо ба даст «вой, вой» гӯён ба сӯйи Тангриқул медавад. Тошмурод омада чӯбдастро медорад. Тангриқул ба зери каши бой бо кордча мезанад.***

Б о й *(гумбуррос зада аз по меафтад)*. Воҳ, ҷонам *(типирросзанон ҷон меканад, хиррос мезанад. Тангриқул халтаи тангаро аз сандуқ дар меорад, кордчаю милаи оҳаниро дар бағал пинҳон мекунад, аз берун садои чанд нафар одам шунида мешавад)*.
О д а м о н. Чӣ гап, садои доду фарёд? *(чанд нафар мард бо зани бой дохили хона мешаванд, Тангриқул ва Тошмуродро мебинанд)*.
Т а н г р и қ у л. Тошмурод, тир андоз! *(Тошмурод аз тапончааш ба ҳаво тир мепарронад ва ба ҳозиршудагон силоҳ рост мекунад, ҳар ду фирор мекунанд)*.

Б о й б и к а. Вой-дод, аз дасти золим! Ин чӣ рӯзе буд, вой дод! *(дастзанон худро бар рӯйи бой мепартояд, рӯю мӯяшро меканад)*. Ҳа ҷувонимарг Тошмурод! Илоҳо, хун қай кунӣ! Кошки дар тифлиат гум мешудӣ! Вой, падаркуш Тошмурод! Вой, дод-е!
Д о м у л л о *(медарояд)*. Очаҷон, ғайр аз сабр чораи дигар надорем. Ба ин бадбахтию мусибат ҷаҳолату нодонӣ, бефаросатию бетарбиятӣ сабаб шуд. Нодонӣ хонаатонро хароб кард. Аз дасти бесаводӣ писаратон ба Сибир меравад. Ин балои бетарбиятӣ аст, ки фарзанди аз ҷон азизатон тамоми умр аз шумо ҷудо мешавад. Писаратонро падараш тарбия надод, нахононд. Охирсар ба бало дучор шуд, рафиқони бад ӯро аз роҳ заданд, қурбони ҷаҳолат шудед.
Б о й б и к а *(ба ҷӯш омада)*. Эҳ, вой дод, писарам! Вой соҳиби сарам, оҳ, вой-у-у-у!
Д о м у л л о. Соҳиби саратон ба насиҳат гӯш надоду оқибат ин ҳодисаи наҳс пеш омад. Акнун ғайр аз таҳаммул илоҷи дигаре надоред, очаҷон. Худованд ба шумо сабр диҳад.
Б о й б и к а *(бетоқатона оҳу вовайло мегӯяд)*. Вой дод, бачам! Вой соҳиби сарам! Аз ҳар дуяш ҷудо шудам, шавҳарамро ба мазору бачаамро ба Сибир мебаранд! Вой, вой, вой-у-у-у!..

## МАНАЗАРАИ ЧАҲОРУМ

(айнан пардаи дувум, майхона)

***Нору Давлат май хӯрда, сурудхонон нишастаанд. Тангриқул ва Тошмурод дуздакӣ даромада, тапонча ва кордчаи хунолудро дар як гӯша пинҳон мекунанд, ҳамёнро бароварда ба рӯйи миз мепартоянд; менишинанд.***

Т а н г р и қ у л. Чилим биёред-е!

***Артун чилим медиҳад, мекашанд. Артун меравад. Тангриқул Давлатро ба як сӯ кашида дар хусуси корҳои махфӣ гап мезанад, ишораҳо мекунад. Давлат «бечора» гуфта бо садои паст овоз мебарорад ва ба хотирҷамъӣ ишора мекунад.***

Д а в л а т *(ҳамёнро кушода хурсанд мешавад, бо ризоият ба китфи Тангриқул ва Тошмурод тап-тап мезанад)*. Боракаллоҳ, боракаллоҳ *(Давлат занг мезанад, Артун медарояд)*.
А р т у н. Чӣ мефармоед?
Д а в л а т. Ма, пулро гир, тез рафта Лизаро биёр!
А р т у н. Ба чашм, ҳозир меояд *(пулро мегирад, менӯшанд... Лиза медарояд)*.
Л и з а. С добрым вечером! *(ба ҳама нишастагон салом арз мекунад)*.
Д а в л а т. Исприздим, испасибо, испасибо, прихал…
Л и з а. Мерси *(менишинад)*.
Д а в л а т. Қадаҳ рез, ба саломатии Лиза!
Н о р *(мерезад, ҷанг меандозанд)*. Ба саломатии Лиза, ура, ура *(мехӯранд)*.

***Нор суруд мехонад, аз берун садои ҳуштак шунида мешавад, сарусадои помонӣ ба гӯш мерасад. Ҳамнишастон саросема мешаванд, ба ҳайрат меафтанд. Лиза дарро мекушояд. Пулисҳои силоҳдор, приступ, қаровулҳо зада медароянд.***

***Пулисҳо чор нафарро дастгир мекунанд, чанд кас ин сӯву он сӯро гашта, асбобу анҷомро мекобанд, кордчаи хунолуд ва тапончаро мёбанд. Тапончаро ба приступ месупоранд. Бӯй кашида, онро аз тир холӣ мекунад.***

***Тангриқул ва Тошмурод фирор мекунанд. Нигаҳбонҳо онҳоро ба даст мегиранд. Тошмурод ҳунг-ҳунг гиря мекунад, мисли саги сӯзанзада безобита мешавад.***

***Приступ ишора медиҳад, кишан меоваранд. Ба дасти Тангриқул ва Тошмурод мезананд. Дастони ду нафари дигарро ҳам мебанданд.***

***Приступ гунаҳкор ва нигаҳбонҳоро саф мекашонад.***

З и ё й. *(медарояд, ба гунаҳкорон назар карда афсӯс мехӯрад; ба одамон рӯ меоварад)*. Оқибати бачаҳои беилму бетарбия ҳамин аст. Агар падаронашон таҳсили инҳоро таъмин мекарданд, ба ҷиноят, ба падаркушӣ даст намезаданд, шаробхӯрӣ ҳам намекарданду хуни ноҳақ намерехтанд. Умрбод ба Сибиру ба асорат ва ба қиёмату ҷаҳаннам намерафтанд. Агар инҳо айёшӣ намекарданд, дар ин дунёву охират то абад ба азобу меҳнат намемонданд. Оҳ, дар ҳақиқат, бедонишӣ аст, ки бой кушта шуду ин ҷавонҳо ба азоби абад гирифтор хоҳанд шуд. Ин бетарбиятиву ҷаҳолат аст, ки мо

хонавайрон мешавем, бачагирёну беватан мегардем ва ба асорат меафтем. Беватанӣ, дарбадарӣ, асорат, фақру зиллат ва ҳар гуна хорию азоб маҳсул ва натиҷаи беилмиву бетарбиятӣ аст. Ҳар гуна халқи дунё, ки пешрафт дорад, ба шарофати омӯхтани илм аст. Онҳое, ки асиру забун ҳастанд, бедонишанд. Агар мо фарзандони худро таҳсили илм надиҳем, ин гуна ҳодисаҳои баду бадбахтиҳо дар байни мо ҳукмфармо хоҳад буд. Роҳи пешгирии ин гуна бадбахтиҳо фақат омӯзишу омӯзондан аст. Худованд ба дигарон ҳамеша ибрат ва ба шумо сабр диҳад.

П р и с т у ф *(омирона)*. Пеш афт, наист, марш! *(ба роҳ медароянд)*.

Парда пӯшида мешавад

---

(1) **дюжина** – аз вожаи фаронсавии douzaine: давоздаҳ адад.

## Абдулло Қодирӣ
## (1894 – 1938)

*Абдулло Қодирӣ 4 октябри соли 1894 дар шаҳри Тошканд зода шудааст. Ӯ аз ҷумлаи намояндагони барҷастаи адабиёти навин ва асосгузори романнависии ӯзбек дар ибтидои асри XX мебошад.*

*Абдулло Қодирӣ дар мактаби мусалмонӣ (1904 – 1906), мактаби маҳаллии русӣ (тузем) (1908 – 1912), мадрасаи Шайх Абулқосим (1916 – 1917) таълим гирифтааст. Солҳои 1925 – 1926 дар шаҳри Маскав курси дарсҳои адабиётро фаро мегирад. Ба унвони саркотиби кумитаи хӯрокворӣи шаҳри куҳна (1918), муҳаррири рӯзномаи «Озиқ ишлари» (Корҳои хӯрокворӣ, 1919), саркотиби шӯрои Иттифоқи касаба (1920), узви ҳайати таҳрири маҷаллаи «Муштум» (1923 – 1926) фаъолият кардааст.*

*Адиб фаъолияти эҷодии худро бо шеърҳои «Тӯй», «Аҳволи мо», «Ба миллатам», «Андеша кун», драмаи «Домоди бадбахт», ҳикояи «Духтарбоз» (1914 – 1915), ҳикояи «Дар бузкашӣ» (1916), ҳикояҳои ҳаҷвии «Аз дафтари хотироти Калвак Махзум», «Тошпӯлоди тундмиҷоз чӣ мегӯяд?» (1920) оғоз мекунад. Маҳорати барҷастаи ӯ дар романҳои «Рӯзгори мозӣ» (1924 – 1926), «Каждум аз меҳроб» (1929), қиссаи «Обид-кетмон» (1934) муҷассам меёбад. Чанд асар, аз ҷумла, «Физика»-и Абдулло Шуносӣ (1928), «Хонадоршавӣ»-и Гогол (1935), «Боғи олуболу»-и Чехов (1936) аз сӯйи ӯ ба забони ӯзбекӣ тарҷума шудаанд.*

*Абдулло Қодирӣ соли 1926 ба сабаби интишори мақолаи «Дилҳои пур аз гап» дар «Муштум» ба муддати кӯтоҳ зиндонӣ мешавад. 31 декабри соли 1937 бо ҷурми «душмани халқ» бори дуюм ба ҳабс меафтад ва 4 октябри соли 1938 дар шаҳри Тошканд ӯро бо тирандозӣ ба қатл мерасонанд.*

*Муқаддаман аз соли 1956 асарҳои Абдулло Қодирӣ аз мамнӯият озод мешаванд. Ӯ сазовор ба ҷоизаи давлатии ба номи Алишер Навоӣ (1991) ва нишони «Мустақиллик» (1994) шудааст.*

## ДАР БУЗКАШӢ*
### *(ҳикоя)*

Азбаски дирӯз аз додоям рухсат гирифта будам, имрӯз бародарам низ «лозим нест, нарав» гӯён ба шӯр наомад. Бо ҳарос чоямро хӯрда ба самти саисхона давидам.

Додояму очаам ба завқ омаданд:

– Ҳа, бедасту по болу пар бароварди?!

Ман бошам, оғуштаи хаёлҳои худ тойи сиёҳи пешонисапедамро луч карда, бо нохуншона ин тараф он тарафашро ба молидан мепардозам. Ҷонвар типир-типир мекунад, сар меҷунбонад, сумҳояшро ба замин мезанад, дум меафшонад... Дар ин ҳол ғарқи орзуҳои ширин ба андеша меравам: «Худо хоҳад, соли оянда чунон бузкашӣ кунам, ки ҳама маро нишон дода, «чапандози моҳир» будааст гӯянду аз даҳонашон об равад»...

Зини хурдаки муғулиро, ки тухфае аз иди бузург буд, бо диди хос ба пушти той задам. Лаҷоми урусии бо ҳазор илтимос аз тағоям гирифтаро пок карда ба фукаш бастам, канортар рафта каму костии корамро аз назар гузарондам: пордум дар ҷояш, зин ҳам хуб нишастааст, камарбанд зичу маҳкам, лаҷом низ ба мисли лигоми тӯраҳо! Аммо аз набудани пешбанди зин каме дилтанг шудам. Чанд лаҳза ба хаёл рафта, ба ёд овардам, ки бародарам як тасмаро барои лаҷом нигаҳ дошта буд. Оҳиста ба таххона даромадам. Ҳамон тасмаро ёфтаму аз он як пешбанди зин сохтам.

Акнун тойи сари ҷо бетоқатам айнан мисли аспи тӯраҳо гардид. Ин сӯ он сӯяшро тоза карда, лаҷомашро ба сутун гиреҳ задам. Дигар монд пӯшидани камзӯли сафедранги чучунча(1), шалвори урусӣ, мӯзаи амирӣ, тоқияи бахмал... Ана баъд ба асп нишинем, тӯраи ҳақиқӣ мешавем-мемонем!

Очаам одати аҷибе дошт. Ҳар гоҳ ягон либоси навтар пӯшиданӣ мешудам, чашмонашро аз ҳадақааш бароварда, «ҷувонимарг, чиркин мекунӣ, ягон тӯй шавад ҳам мепӯшӣ!» гӯён гапи сахт мезад. То каме «гиряи шайтон» накунӣ корат роҳ намеафтад. Он дам ҳам аз ҳамон эркагиҳо кардаму либосҳоямро пӯшида, рӯмоли шоҳиамро ба миён бастам. Дуздакӣ аз оча, беовоз ба хона даромадам, тозиёнаи нуқрадастаи додоямро ба миён халонда, ба берун баромадам.

Хидматкор гӯшт меовард. Ба ӯ аз саисхона баровардани тойро фармудаму гӯштро ба очаам даровард додам ва дубора тез ба берун давидам. Очаам аз қафо гап андохт:

– Либосҳоятро олуда накун, тоятро сахт надавон, ба миёни бузкашон афтида намонӣ, бо ҷӯраҳоят аз канор истода тамошо кун!

Тойро аз хидматкор гирифта савор шудам. Домани ҷомаамро ҷамъ карда, ба гардани пешонисапед як-ду қамчин зада будам ки, ҷонавар чорхез зада ба роҳ афтод. Бо шунидани овози хидматкор, ки мегуфт «ҳа, боракаллоҳ, чапандоз!», сахттар тозиёна задам, той ҳаллосзанон ба дав гузашт.

***

Вақте ки аз ҷӯйбори чуқуре тойи сиёҳи пешонисапедро кашида мебаровардам, дар назди як хона ба чанд нафар савораи кӯпкаритоз дучор омадам. Баъзеи онҳо аз дӯстони бародарам буданд, бо ман ҳолпурсӣ карданд. Яке суроғи бародарамро гирифт, ман арз кардам, ки ӯ саҳарӣ ба майдони бузкашӣ рафта буд. Ҳамон ҷавон гуфт:

– Маҳкамбойи моро бузкашӣ ҷону дилаш аст!

Ҷавони дигаре аз ман пурсид:

– Ба куҷо сар гирифтӣ, бойбача?

Каме бо хиҷолат ҷавоб додам:

– Ба бузкашӣ.

– Боракаллоҳ, чапандоз! Боракаллоҳ, чапандози матин! – овоз доданд онҳо.

Алалхусус, «чапандоз» номиданашон маро рӯҳбаланд кард, дар дил «бар падарат раҳмат» гуфта мондам, аз худ ба ваҷд омада.

Мо як даста аспсавор раҳсипор шудем. Тойи ман аз аспони дигар намемонд, баъзан аз онҳо пеш гузашта мерафт. Ҳамон лаҳзае, ки той сабқат мегирифт, «бас аспи даванд доред-а, бойбача» гӯён пичинг мепартофтанд ҷавонҳо ба ман.

Ҳар кас дар ҳар хусус баҳс мекард, аҳёнан дар миёни сухан ба ман низ гап мепартофтанд, ман изо мекашидам. Дар омади гап ҳангома дубора бо номи бародарам гарм шуд. Яке аз ҷавонҳо гуфт:

– То имрӯз кӯпкаритозони зиёдеро дидаам, лекин дар мухлисӣ касеро мисли Маҳкам вонахӯрдаам.

Писари Собири осиёбон илова кард:

– Охир, падару бобоёни Маҳкам ҳама устоди бузкашӣ будаанд!

– Додарашро ҳам бинед, дувоздаҳ сол дораду аз мо қафо намемонад!

Бо ин сухан ба баданам мурғак давид ва кам монд, ки хандида фиристам. Ҷавони шофбуруте аз байни ҳамраҳон гуфт:

– Вақте ки додоям дар хусуси саворкориҳои бобои Маҳкам нақл мекунад, аз ҳайрат лаб мегазад кас! Аз миёни сад-дусад нафар худаш танҳо гавдаро канда мебаровардааст-е!

Писари Собири осиёбон бо таъкид афзуд:

– Он мардонро пири бузкашӣ гӯйӣ ҳам меарзад!

Дигаре ба ҳангома ҳамроҳ шуд:

– Агар аспи хуб дошта бошию бозувони қавӣ, ту ҳам пири бузкашӣ мешавӣ-мемонӣ!

Таърифи бобоямро шунида қабат-қабат гӯшт мегирам... Дар ҳамин асно аз пушти сар садои помонии аспе ба гӯш мерасад, баргашта нигоҳ кунем, ҷавоне савори аспи саманд(2), бар рӯйи зин як бузи алоро гузошта меомад; гиребонаш боз буд, яктаҳи сабуке ба тан дошт. Ӯ ба мо расида воистод ва ба ҳама салом арз кард. Тӯғонака бо шумханд гуфт:

– Ин бор ёрӣ аз шумост, карвон(3)!

– Ҳа, албатта, магар мешавад ба шумо барин бародарон ёрӣ надиҳем?! – гуфт он ҷавон ва афзуд: – Хуб, биҷунбед, тезтар қадам бардоред!

Аз пушти он ҷавон ба суръати худ афзудем. Каме роҳ гаштему аз пойи аспони мо косаи сабраш лабрез шуд магар, як он ба гардани аспи худ тозиёнае зад ва гӯё бол бароварду парида рафт. Мо танҳо як калом сухани ӯро шунидем, ки бо ҳарос мегуфт: «Ман бояд тезтар равам».

Акнун суҳбат дар хусуси аспи ҷавон гарм шуд. Суханро Тӯғонака сар кард:

– Ба саманди Валид гап не, хеле тезпо аст, пас аз бузкаш шудан чунин асп дошта бошӣ меарзад!

Ҷавони шоффбурут бо нияти тақвият бахшидан ба гапи ӯ гуфт:

– Мисли боди рафраф парвоз мекунад!

Ҳамин дам ҳама якбора баланд хандиданд. Агарчи боиси хандаро намедонистам, ман ҳам ба онҳо ҳамовоз шудам. Яке аз ҷавонон дар ислоҳи сухани ӯ суоломез баён кард:

– Мисли боди рафраф ё боди сарсар(4)?!

***

Мо бо бародарам дар гузари «Дӯмбуравот» вохӯрдем. Ӯ бо дӯстонаш барои дам кардани ош ба самоворчӣ пул ҷамъ карда дод. Пушти ҳам дубора ба роҳ афтидем.

Дар пайроҳаи киштзор, ки ғайр аз зимистон дигар фасли сол обро намедид ва то ду газ билқ-билқ хокбодӣ буд, бист-сӣ саворкор бо ҳам дар роҳанд: яке аспашро чорхез мезанонад, дигаре лӯккас занонда меравад. Кӯча ғарқи гарду хок, одам одамро намешиносад. Ман ҳам бо ин хаёл, ки агар ба хонаамон баргардам очаам «либосҳоятро расво кардаӣ!» гуфта дашном хоҳад дод, бо эҳтиёт ба пеш меравам.

Хеле роҳ гашта ба майдони бузкашӣ омадем. Аҷаб майдоне! Чор атрофаш ба дараҷаи дида нашуданӣ басе калону кушод ба назар мерасид. Ба он қитъа мардуми зиёд рехта буданд, саворахои кӯпкаритозу пиёдаҳои тамошобин бешумор.

Дар зери як дарахти сада дуто самовори бордонмонандро(5) бо ҳезум пур карда меҷӯшонданд. Каме онсӯтар як-ду кас се-чаҳор халта бодирингро ба якдигар такя дода, доди таъриф мезаданд: «Мирзо-қирон бодиринг! Касир-кусир бодиринг!».

Бародарам ва дӯстонаш ба таги сада омада, дар назди палоси самоворчӣ аз аспҳо пиёда шуданд. Чун гармои офтоб баланд буд, ман ҳам рафта дар як гӯшаи дарахти сада истодам ва шурӯъ кардам ба мулоҳизаи дидгоҳи назар: одамони атроф дам ба худам, дам ба тоям зеҳн монда менигаранд, ман дар хиҷил шуда, ёли тойро хилол мекунам. Вағар-вуғур овозҳои берабти ҷамъомадагон ба гӯш меояд, онҳо чошу пареш мунтазири оғози бузкашианд. Яке мегӯяд: «Имрӯз бузкашӣ ҷолиб намешавад». Дигаре ӯро рад мекунад: «Не, бародар, имрӯз бузкашии аҷоиберо хоҳем дид, чунки чапандозҳое мисли Салиму Мурод омадаанд!». Боз касе меафзояд: «Ҳа, ҳа! Ҳар гоҳ Салим биёяд, бузкашӣ, бешубҳа, ҷолиб мешавад!». Ба ҷонибдории ин сухан ҳамчунин нафари дигаре илова мекунад: «Аспи Салим қазоқӣ аст, тозиёна боло намекунад, ҳайт гӯяд бас!». Боз як каси дигар ёдовар мешавад: «Онҳо се нафар буданд, ду сол аст, ки якеашон пайдо нест, ба он ҳеҷ як чапандоз баҳс намеомад!» . «Э, зинда бош! – меафзояд дигаре. – Ман ҳам ӯро чанд вақт аст, ки намебинам, як ҷавони ғалчаи(6) пакана буд-а?». «Бале, бале! Бар падарат раҳмат, айнан ҳамон ҷавон, ҳарчи суроғ кардам, аз касе даракашро наёфтам!».

Дар ҳаққи он ҷавон хеле баҳсҳо шуд. Агар яке мегуфт, ки «мурда хок шудааст», дуюмӣ дод мезад: «Не, зинда аст!». Дигаре таъкид мекард: «Дар зери асп монда, дар бемористон ҷон додааст!». Ниҳоят, як марди сӯфимаоб бетоқатона гуфт: «Нафаси хунук хосият надорад, бадгумон нашавед!». Боз як кас дар миён гап партофт: «Боке нест, ки аз дунё гузашта, ба ин ин қадар ҷанҷол?!». Ва ҳамин дам нафари дигаре «бекор куштаем-дия!» гуфта ханда кард. Овозе шунида шуд: «Ҳеҷ гоҳ, асло!». Пас аз мағалу сарусадо ба гӯш меомад: «Ҳа, ҳа!»... «Не, не»…

«Бубинед, бузи кӯпкарӣ ҳам омад!» гуфтани касе ҳамаро ором кард, чашмҳо ба сӯйи буз дӯхта шуданд. Пас аз лаҳзае овозҳо садо доданд: «Бузғола будааст! Барои чапандози хуб кирои бузкашӣ нест!» «Ҳаминаш беҳтар, ҳаминаш!». Ҷанҷоли ҷамъомадагон бо ворид шудани ду нафар аспсавор ба майдон фурӯ нишаст ва суханҳое ба гӯш расидан гирифт: «Салим-чапандоз!», «Мурод-чапандоз!».

– Сиёҳҷурдааш Салим ё чӯтураш?

– Бозувони Салим бақувват аст!

Яке аз саворкорон ба аспи абраш(7) ва дигаре ба аспи аблақ(8) нишаста меомад, ҷавонҳои абопӯши бовиқор буданд. Бо омадани онҳо халқ нооором шуд, одамон ба якдигар мегуфтанд:

– Акнун бузкашии ҳақиқиро мебинӣ!

Сар ҷунбонда меафзуданд:

– Имрӯз як бузкашии қиёмат шуданаш аниқ!

– Нигоҳ кун, аспи Мурод гӯё бол баровардааст!

– Кадом якеро мегӯйӣ? Оне, ки абраши обиранг аст ё бӯр?

– Ба ҳар ду ягон асп баробар намешавад, дутоӣ аз зоти олианд!

– Аспе, ки гӯшҳои рост дорад, даванд аст.

– Ба гӯш ҳеҷ рабте надорад, ҳама гап дар зоташ!

– Не, не! Ҳангоми шиҳакашии баланд худам санҷидаам!

– Мегӯянд, аспи сиёҳ даванд меояд, сиёҳаш беҳтар, сиёҳаш!

– Раҳматӣ падарам вақти интихоби асп ба пояш нигоҳ мекард, ҳама гап дар поҳояш!

Ба ин навъ баҳсу мунозира авҷ мегирад, ҳар кӣ бо нафари дар паҳлуяш буда талош мекунад. Ман ҳам ба тойи худ назар афканда, сифатҳои гуфтаашонро дар вай мекобам: агар меёбам хушҳол мешавам, агар на, малул мемонам...

Аз гузарамон ҳам ошноёнам Нурхон, Ҳайдари гунг, Шокири фисин бо аспҳои худ лӯккас зада омаданд. Мо чор нафар аспҳоямонро дар як саф ороста, аз ин вару он вар ба гап даромадем. Нурхон баҳонаи худро барои пурсидани йӯрғарави ало аз падараш ба ёд оварда механдад. Ҳайдари гунг роҷеъ ба ин, ки дар роҳ аспи самандаш ба байтали Шокири фисин наздик шуда шиҳакашӣ кардааст, гап зада, Шокирро масхара мекунад. Ҳама механдем. Шокири фисин сурху сафед шуда мегӯяд: «Шармам омад, аз ин пас ба ин модиён намешинам». Ҳамраҳонам ба зинбанди тойи ман ҳавасашон меояд, нархашро мепурсанд. Ман мегӯям, «понздаҳ танга» ва барои муҳобо қамчини нуқрадастаро низ бозӣ доронда тақ-тақ ба қоши зин зада мемонам. «Ку, бубинем, дар ҳақиқат нуқра аст?» гӯён тозиёнаро аз дасти ман мегиранд ва муоина мекунанд. Ман оҳиста сарамро ҷунбонда, дар худ ҳиссиётеро пай мебарам. Ба аспони онҳо, ба тойи худам, ба либоси онҳо, ба сарутани худам нигоҳе афканда, хешро хеле бошукӯҳтар мебинам. Ҳайдари гунг бо забони гирифта гуфт: «Биёед, як аспдавонӣ кунем». Нурхон нахост, аммо вайро ҳам ба пойга кашиданд. Аз қафояшон Шокир ҳам модиёни худро давонд. Тоқат накарда, ман ҳам ба сурини поям тозиёнае зада будам, ки бечора луқмаро нахоида як он фурӯ бурд, даҳ қадам намонда аз ошноёнам пеш гузашта рафт. То ҷое дуртар рафта ба қафо нигоҳ кардам, чашми ҳама ба сӯйи ман будааст. Боз ҳам тезтар давондам. Ба як гӯшаи тал расида аз роҳ бозистодам, пас аз хеле муддат онҳо ҳам лӯккасзанон то назди ман омаданд. Дар ин ҷо аз бобати чобукии аспҳоямон гап задем. Нурхон баҳона пеш овард, ки бародараш гармогарм ба асп об додааст, аз ин рӯ наметавонад тез бидавад. Ҳайдари гунг бошад, писари Эсани кӯкнориро ҳақорат дода гуфт:

– Ҳамин ки ба бозор барои орд мерафтам, нохост аз пушти бом кулӯлалой ҳаво дод. Аз он дам инҷониб бо қамчин ҳазор бор занӣ ҳам, гӯшҳояшро сих карда дар ҷо меҳӯсад.

Дар бораи пешонисапеди ман бошад, Ҳайдар ба сухан омад: «Ба аспи ту ҳеҷ як той намерасад!». Ва Нурхон илова кард: «Дар мавриди асп бахт ба рӯйи ту хандидааст, лекин ему хошокро худат бояд диҳӣ, агар ба хидматкор бовар кунӣ, асп хароб мешавад... Як гуфта мондам, ҷӯра, боз худат медонӣ».

Дар ин ҷо чанд муддат суҳбат ороста, дубора ба қафо асп давондем. Боз ҳам аз онҳо гузашта рафтам. Ҳамин ки ба мардум наздик шудам, бо ғурури бачагиву шиносондани худ ба сурини той қамчин задам ва... мову боди вазон... одамон як ба худам, як ба пешонисапеди сиёҳам дида медӯхтанд. Ман бошам, «акнун маро хоҳед шинохт!» гӯён, бо дастаи тозиёнаам ёлҳои тоямро хилол карда мондам.

***

Дар байни тамошобинон боз ҳаёҳу бархост: «Инак, боҷи бузкаширо ҷамъ мекунанд!», «Бузкашӣ ҳоло сар мешавад!», «Мурод-чапандоз ҳам хест аз ҷояш!», «Салим кулоҳашро пӯшид!», «Рӯзии қассоб мехоҳад бузғоларо ҳалол кунад, кордашро қайроқ мезанад!», «Бойбачаҳо ҳам аз ҷояшон такон хӯрданд!», «Бубинед, Салим ҷомаашро дар меорад!», «Э боракаллоҳ, шаҳбозон!»...

Ману ҷӯраҳоям бесаброна ду чашм ба оғози бузкашӣ ҳастем. Аз саворaҳо яке қабояшро мекашад, дигаре камарбанди аспашро маҳкам мекунад ва касоне ҳам боҷи бузкаширо медиҳанд. Бародарам низ саллаи шоҳӣ ва қабои беқасами худро ба ман дода, асп тохта ба майдон даромад.

Ҳарчанд саворкорон паси ҳам дар васат зич шуда ҷамъ меомаданд, ҳанӯз аз лошаи буз дарак набуд. Тамошобинон бо бесабрӣ изҳор медоштанд: «То ҳоло шутурро мешуд ҳалол кард, ин бузғола ях задааст магар?».

Хеле вақт гузашту ниҳоят бузғолаи забҳшударо ба пеши худ гузошта Орифи саркор ва аз қафои ӯ чапандозҳои маъруф кулоҳи худро яклаба пӯшида, бар рӯйи зин каҷ нишаста, ба майдон баромаданд. Ҳозирин бо дидани лошаи буз сарусадо баланд карданд: «Ваҳ, ҷонавар, будай-ку!». Касе дар ин миён савол кард:

– Хуни бузро тоза шуста бошанд?

Орифи саркор ҷавоб дод:

– Хотирҷамъ бошед! – ва гавдаро «шалақ» ба замин партофт ва баъд ба мардум наздиктар омада арз кард: – Бародарон! Бачаю кӯдаконро ба канор гиред, нашавад ки ба зери пойи аспон бимонанд. Ҳар кас аз худаш эҳтиёт шавад, дар ин бузкашиҳо хатар ҳамеша дар камин аст!

Орифи саркор аз мардум фотиҳа гирифта, асп давонда ба самти тӯдаи саворон рафт. Тамошобинон ба наздикони дар тӯда будаи худ доду фарёд мезаданд: «Хуб, акнун як ғайрати худро нишон деҳ-чӣ!».

Бузкашӣ сар шуд...

Яке мегирад, дигаре мекашад. Ба паҳлуи дувумӣ асптози севумӣ ва чорумӣ ҳамроҳ мешавад, якбора ба ҳашт сӯ кашокаш мекунанд, ба васат асптозони дар гӯшаҳо буда низ ҷафс шуда медароянд, ба гавда панҷа зада ба зери зону гирифтанӣ мешаванд. Хеле аҷиб... Ҳар кас саъй дорад ҷасади муталоширо ба зини худ зер кунад, вале ба ин муяссар намешавад, чунки чандин даст аз думу пою шонаи он дошта ба самти муқобил мекашанд. Аз миёни тӯда канда гирифтан кори осон наменамояд. Аҳёнан ба назар мерасад, ки касе аз миёни саворкорон гавдаро соҳиб шуда мебарорад, лекин бузкашони дигар аз қафои ӯ бо ҳаёҳу часпида мегиранд ва дар даҳ-понздаҳ қадам ба ҷасад даст меёбанд. Боз ҳам кашокаш авҷ мегирад...

Аз ин тараф доду бедоди тамошобинон гӯшҳоро кар мекунад: «Ба зин зер кун, ба зин!», «Сари аспро мон, ба зери шикам тозиёна зан!», «Кам наёр, маҳкам дор!», «Лаҷомро озод кун, қамчинро ба дандон гир, ба чапу рост хаёлатро нагурезон!», «Гирифтӣ, гирифтӣ!», «Аз даст надеҳ, ба чап гард, ба чап!», «Нигаҳ дор, сар надеҳ!», «Вой лаънатӣ, аз даст додӣ-я, бо ин ҳолат худро бузкаш ҳам мехонӣ?!», «Аспат ҳаром мурад туро, худаш асп аст ё хар – он ҳароммурда?»... Гоҳо лошаи буз ба замин меафтад ва кадом яке аз тамошобинҳо давида рафта онро озод бардошта, ба бародар ё ошно, ё ягон саворкори наздики худ доданӣ мешавад, аммо чапандозони дигар ба ин роҳ надода, дув-в ба сӯяш мерезанд. Ҳарчанд саъй мекунад аз даст надиҳад, дигарон ӯро дар васат гирифта сахт фишор меоваранд. Бечора пас аз чанд муддат ланг-лангон ё дастҳояшро мол-молон базӯр раҳоӣ меёбад ва аз миён хориҷ мешавад.

Падар писарро, бародар додарро намешиносад, дар зери гарду хок ҳар кас арақшору сӯхтаю пухта овораи ба зин зер кардани лошаи буз аст. Агарчи сар мешиканад, чашмаш мебарояд, аз асп афтода дасташ лат мехӯрад, парвое надорад... Коре карда лошаро ба зери по зер карда гирад шуд... Охир, ҳамин дастёбӣ ба наъш нашъа аст!

Лекин ба зин гирифтан ба ҳар кас муяссар намешавад, онҳое, ки чапандозҳои асиланд ба ин кор даст меёбанд; бо азобе, мурданивор ҳам бошад, лошаи бузро зери по гирифта, ба аспи худ тозиёна мезананд ва панҷоҳ-шаст қадам дуртар мераванд, ки боз дар муҳосираи аз қафо омадагон мемонанд. Дубора кашмакаш...

Аз оғози бузкашӣ ягон соат вақт гузашта буд. Якбора саворкорон орому беовоз шуда, ба ҷойи кашокаш гирди ҳам омаданд. Мо – тамошобинҳои савору пиёда низ давида ба васати майдон рехтем. Азбаски ман дертар рафтам, васатро мардуми савораю пиёда соҳиб шуда буданд. Ман дар канор мондам. Ҳарчанд зӯр задам, илоҷи ба дохил даромадан наёфта, ба даҳони одамон нигоҳ карда истодам. Лекин ҳодисаи дар байни бузкашон ба амал омада барои дигарон низ мавҳум буд. Дар чеҳраи ҳама аломати тааҷҷуб менамуд, аз якдигар мепурсиданд: «Чӣ гап?».

Чанд дақиқа гузашту овозе шунида шуд: «Наҷунбонед, наҷунбонед!», халқ дубора ба шигифт омад. Аз миён садое баланд шуд:

– Гардед аз роҳ, ҳӯӯй! – мардум худро ба канор кашида роҳ кушоданд.

– Чӣ гап, чӣ гап?

– Ҳеҷ гап не... Эсанбойро асп зер кардааст!

– Ҷойи хавотир нест?

– Не, камтар...

Одамҳо ба ҳамдигар назар афканда, «фалокат-фалокат» гуфта монданд. Ба ин сӯву ба он сӯ теладеҳон панҷ-шаш кас марди дар зери асп мондаро бардошта баровარданд. Бо ёрии якдигар ӯро оварда дар зери дарахти сада хобониданд.

Дарҳол як нафарро ба ароба фиристоданд. Яке бо нияти донистани ин, ки Эсанбойи чун мурда хоб зинда аст ё не, ба рӯяш об пошид. Аз ҷо наҷунбид.

– Бечора, дар таги пойи панҷ-шаш асп монда рафт!

– Агар дар зери даҳто асп ҳам мемонд ҳеҷ гап набуд, лекин аз ҷойи нобобаш зер кардааст, зоҳиран...

– Умраш боқӣ бошад, ҳеҷ қисса не.

Ман аз хаёл гузарондам: «Бечора дар иди соли гузашта ба ман ним сӯм идона дода буд. Илоҳо хуб шавад».

Ароба омад. Эсанбойро ба рӯйи ароба хобониданд. Бародарам ва се-чор нафар рафиқаш дар канори ароба ҳамроҳи Эсанбой ба шаҳр рафтанд.

– Шӯрпахта кунад, пахоли сӯзон гузорад, – шунида мешуд аз қафо овозҳое.

Пас аз гуселонидани онҳо бузкашӣ дубора идома ёфт. Ман бозиро то охир тамошо кардам. Нағз шуд, ки дигар ҳеҷ кас дар зери асп намонд.

* * *

Дирӯз бо аспгардӣ сахт кӯфта шуда будаам магар, ба маҳзи таги кӯрпа даромадан мисли таррак(9) ба хоби маст рафтаам. Саҳарӣ оча кӯрпаро аз болоям кашида ба ҷонам халид:

– Хез, зуд бош! Хез аз ҷоят, додоят биёяд аниқ мекушад!

Ман хоболуд чашмонамро базӯр кушода пурсидам:

- Додоям магар ба бозор нарафт?

Очаам ҷавоб дод:

– Додоят дар ҷанозаи Эсанбой!

Хобам гурехт.

---

* Ин ҳикоя соли 1915 навишта шудааст. Азбаски ёдгорӣ аз овони бачагиам буд, дигар тағйироте ба он ворид накардам *(аз муаллиф);*

(1) **чучунча** – *баргирифта аз вожаи чинии* tšoudzy: абрешим, абрешими хом;

(2) **саманд** – *ин ҷо:* аспи саманд, ки ранги баданаш зард ё зарди равшан ва ранги ёлу думаш сиёҳ аст;

(3) **карвон** – касе, ки ба воситаи ароба ё ҳайвоноти боркаш одам, мол ё мавод мекашонад;

(4) **боди сарсар** – боди тунд, боди шадид, тундбод;

(5) **бордон** – *як навъ* ҷогаҳи нисбатан бузург;

(6) **ғалча** – *гуфт.* одами кӯтоҳқади фарбеҳ

(7) **абраш** *(ранги асп)* – ранге, ки нуқта ё лаккаҳои сафед бар рӯйи ранги асл дорад, ало, ҳарранга;

(8) **аблақ** *(ранги асп)* – сафеду сиёҳ, ало;

(9) **таррак** – *гуфт.* харбузаи норасида ва нопухта

## Абдулҳамид Чӯлпон
## (1897 – 1938)

*Абдулҳамид Сулаймон ўғли Чўлпон (Юнусов) соли 1897 дар шаҳри Андиҷон зода шудааст. Даставвал дар мадраса (1908 – 1912), сипас дар мактаби маҳаллии русӣ (тузем) (1912 – 1914) таҳсил мегирад. Ӯ ба ғайр аз фанҳои маъмулӣ ба омӯзиши Қуръон, илмҳои фалсафа ва таърих, осори гузаштагони форсу тоҷик таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамояд. Ба вижа, ба осори Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Умари Хайём алоқаи беандоза дошт. Ҳангоми дарсхонӣ дар мактаби маҳаллии русӣ бо осори Пушкин, Достоевский ва дар кул, бо фарҳанги Аврупо ошно мешавад.*

*Нахустин бор Чўлпон бо интишори шеъри «Ба хешовандони туркистониам» дар рӯзномаи «Садои Туркистон» ва дар идома, бо достонҳои кӯтоҳи «Адабиёт чист?» ва «Доктор Муҳаммадиёр» ҳамчун эҷодкор шинохта мешавад. Пас аз воқеаҳои соли 1917 чанд муддат дар Оренбург истиқомат мекунад. Сипас ба Тошканд баргашта то соли 1920 дар Оҷонсии телегрофи Туркистону Русия кор мекунад. Дар миёнаи солҳои бистум чанд муддат дар Маскав ба унвони мушовири адабии студияи драмаи Хонаи маориф фаъолият менамояд. Дар ин давра ба фаъолияти эҷодии Чўлпон бадхоҳона назар афканда, ӯро бо баҳонаи доштани ақоиди буржуозӣ-миллатгароӣ маҳкум мекунанд. Ба оҳистагӣ заҳролуд кардани адиб шурӯъ мешавад ва ин раванд дар аввалҳои солҳои сиюм каме коҳиш меёбад. Чўлпон имконият пайдо мекунад, ки дубора ба эҷод часпад. То соли 1937 асарҳои зиёде, аз қабили, «Сафари Фарангистон» (Лоҳутӣ), «Дубровский» ва «Борис Годунов» (Пушкин), «Модар» ва «Егор Буличов» (Горкий), «Ҳамлет» (асари фоҷиавии Шекспир)-ро ба ӯзбекӣ тарҷума мекунад ва романи «Шаб ва рӯз»-ро ба поён мерасонад.*

*Осори шеърии ӯ тавассути маҷмӯаҳои «Шоирони ҷавони ӯзбек», «Бедорӣ» (1922), «Чашмаҳо» (1923), «Асрори сапедадам» (1926), «Соз» (1935) ва рӯзномаю маҷаллаҳои мухталиф ба дасти хонандагон расидаанд. Якчанд ҳикояи ӯ, аз ҷумла, «Дар шабҳои маҳтобӣ», «Лолаи зери барф», «Духтари нонвоӣ» аз намунаҳои барҷастаи насри ғанои ӯзбек дар солҳои бистуми асри бист ба шумор меравaнд. Романи «Шаб ва рӯз» (1936) ва асарҳои саҳнавии «Ёрқиной», «Халили франгӣ», «Кушанда» (1921), «Муҳаббат ва салтанат», «Ишқи чўпон» (1922) низ ба қалами ӯ мансуб аст (аксарияти ин асарҳо то замони мо намондаанд).*

*Абдулҳамид Чўлпон 14 июли соли 1938 ба ҳабс гирифта мешавад ва дере нагузашта, 5-уми октябр дар атрофи Тошканд ӯро парронда ба қатл мерасонанд. Адиб соли 1956 бегуноҳ дониста мешавад. Соли 1991 ба ӯ ҷоизаи давлатии ба номи Алишер Навоӣ ва соли 1999 нишони «Мустақиллик» тақдим мегардад.*

## ЛОЛАИ ЗЕРИ БАРФ
***(ҳикоя)***

I

Як, ду, се, чор... панҷ; панҷ...шаш! Ҳафт, ҳашт, нуҳ, даҳ...

Тӯби хурдаки бо наххҳои қирмиз ороишёфта дук-дуккунон рафту ба ниҳоли зардолуи қандак, ки дар бағали девори оғили зерзаминӣ сабзида буд, бархӯрд ва ҷаҳида «шулуп» ба даруни ҳавз афтод...

Духтарон ҳама бо ҳам сарусадо баланд карданд:

– Вой, ман мурам, ба об ғалтид-у!

Шарофатхон тӯбро доштанӣ шуда аз пасаш давид ва дар канори ҳавз ба он нигарон истода монд...

Тӯб ба зери об рафта дар миёнаҳои ҳавз сар боло кард ва нигоҳи духтарони ҳавасманду бозингарро ба худ ҷалб намуда, мағрурона ором ба шино даромад. Духтарон чанд лаҳза ба тӯб, ки бо ноз дар рӯйи об ҷо хуш мекард, чашм дӯхта, мулоим ба якдигар лабханд заданд.

Духтари хурди Тоҷиқассоб Турғунбуш ба боми оғил баромад ва аз як ғарам ҳезуми тут, ки ба гӯшае зер карда буданд, як шохаро шикаста ба лаби ҳавз баргашт. Дар канор истода бо он оби ҳавзро ба сӯйи худ кашидан гирифт; духтарон «дув-в» дар гирди ӯ ҷамъ шуда, аз об баромадани тӯбро мунтазир монданд.

Лаппиши мавҷҳои рӯйи об ҳарчи бештар ба самти духтар гардан хам мекард, тӯб аз нисф ба об ғӯтида, гоҳ аёну гоҳе номаълум ором ҳаракаткунон ба соҳил расид. Духтарон бо талотум онро гирифтанд. Шарофатхон тӯби шип-шилта тарро дар даст дошта, «ҳу, ногурехта мурӣ ту, ба даст меафтидай-ку!» гӯён, ба замин зад. Аз ин ҳаракати ӯ духтари Абдуллоҷаллоб Тӯтихон ба қаҳр омад, дартоз рафта тӯбро аз замин бардошт ва гуфт:

– Ҳой, ин чӣ айб дорад? Ҷонаш набошад... худатон афтонда боз ҳам дуои бад мекунед? – ӯ тӯбро як дар об зада, лабашро газида, бо тамоми неру онро афшурдан гирифт.

Шарофатхон ба духтарҳо рӯ овард:

– Ҳар қадар афшурда хушк кунед аз тӯби нам дигар фоида нест, боз кӣ тӯб дорад? – як лаҳза хомӯшӣ ба миён омад. – Э ман мурам, касе надорад? Салтанат, ту ки доштӣ?

– Оре, дар ман буд, парерӯз Гулнори бехосият гум кардааст...

– Набошад, бозӣ ҳам тамом шуд пас...

– Не, бозии дигар мекунем!

– Э монед, аз тӯббозӣ беҳтараш ҳаст магар?

– Шарофатхон, худат наметавонӣ аз хона тӯби урусиатро барорӣ?

– Тӯби урусиам сӯрох шуда буд...

– Эҳ афсӯс, кай?

– Хеле вақт гузашт.

Дар ҳамин асно аз даричаи боғ як духтарак ҳарсосзанон баромада омад. Як он Турғунбуш гуфт:

– Бубинед, хоҳари ман пайдо шуд, ҳоло ӯро ба тӯб мефиристем.

Духтарон ҳама бо як овоз такрор карданд:

– Ҳа, ҳа, Фазилатро мефиристем!

Духтарчаи хурдак – Фазилат давида омаду ба гардани хоҳарбузургаш овезон шуд.

– Он сӯтар равем, апа, як гапи аҷоиб дорам.

– Аҷаб, чӣ гапи аҷоиб будааст, гӯй, ҳамаамон шунавем!

– Не, фақат ба апаам мегӯям.

– Гуфтан гир, бе он ҳам апаат ба мо мегӯяд...

Хоҳарон ба лаби ҳавз рафтанд. Духтари гапдони Эшмати нигаҳбон Тиллохон, ки шӯху ширинкор буд, аз ҷо хеста гуфт:

– Маълум гапи аҷоибаш, нагӯяд ҳам медонам.

– Агар донӣ, бигӯ!

– Чӣ ҳам мешуд, ба Турғунбуш хостгор омадагист! – ҳама хандиданд.

Турғунбуш баргашта омада, бо шунидани сухани охир баланд изҳор кард:

– Э марг ба Тиллохон, хостгор ба ман не, ба Шарофатхон омадааст!

Духтарон ба якдигар нигоҳ карда монданд. Ранги рӯйи Шарофатхон суп-сурх шуда рафт, дар ҷойи истодаш гӯё шах шуд.

II

Падари Шарофатхон Самандарака солҳои пеш савдогари номдоре буд. Дар айёми вазнин, дар вақти гаронию касодӣ кори худро ба наҳви аҳсан анҷом медод, вале, билохира соли гузашта аввали баҳор хонасалот шуд. Ҳар чӣ дошт фурӯхта ба қарз супурд ва пас аз он ҳамчун сӯфии соф бастаи дари эшонинo гардид.

Саҳариҳои барвақт ба дари эшон мерафт, новобаста аз ин ки мавъизае(1) буд ё не, корҳои ӯро анҷом медод ва ҳангоми шаб шомашро хӯрда ба хона бармегашт. Ба манзил омада, агар оби явғоне буд боз ҳам ягон қошуқ хӯрда, ба рӯйи ҷойнамози маллааш менишаст ва тасбеҳи каҳрабоии худро чанд бор гардонда, дуоҳояшро хонда, сипас то нисфи шабу саҳариҳо ҳунг-ҳунг гиря карда мебаромад...

Як рӯз дар манзили эшон зикри калони пуровоза доир гардид. Ба мавъизагӯйӣ аз дигар шаҳрҳо низ воизони «оташиннафас» омаданд. Дохили хонақоҳ чунон серодам шуд, сӯзан партоӣ замин намеафтад. Зикри дар бомдод оғозшуда то намози хуфтан тӯл кашид. Чанд нафар аз худ рафта, ба ин бару он бар ёзида дароз кашиданд, як-ду сӯфии ба ҷӯш омада аз зӯрии «ҷазаба» худро ба ҳавзи об андохтанд. Хуллас, он рӯз қиёмате барпо шуд.

Субҳи рӯзи дигар ҳазрати эшон дар назди меҳроби хонақоҳ нишаста буд, дар ду бараш сетоӣ шаш нафар воиз, понздаҳ нафарҳо мурид...

Эшон сари мубораки хешро ба поин афканда ба «сукут» рафтааст.

Дар берун шӯру мағал, ҳаёҳу; яке гӯсфандеро кашола карда меоварад, дигаре нон бардошта меояд, савумӣ ҳам сарулибос...

Самандарака аз хонақоҳ баромад, ҳама назрҳои омадаро дид, як-як аз назар гузаронд.

– Ҳа бале, боракаллоҳ, бубинед ҷамоли Султон Орифро! – бо хушнудӣ бағал-бағал дуоҳои ҳазрати эшонро аз хонақоҳ бароварда беист арз кард сӯфии баромада ва ба Самандарака рӯ оварда гуфт: – Ҳа, бойака, аз назр чӣ хабар?

Самандарака аз дарвоза по ба берун ниҳода ҷавоб дод:

– Як гап мешудагист, сӯфӣ!

Самандарака то ба хонааш расид бо ҳиссу ҳаяҷони дилаш даст ба гиребон буд. Ният дошт ба пири худ, ба устодаш чизе диҳад, ки дурустҳисобӣ боарзиш, калон ва шоиста бошад, дигар муридон мисли онро дода натавонанд. Аммо, дар хона моли арзандае нест. Ҳар чӣ ба назар намоён буд, ба қарз рафтааст... Бисёр андеша кард, лекин чизи дилхоҳе наёфт. «Агар аҳволам чун пештара мебуд аспи алоро тақдим мекардам...». Дилаш сиёҳ шуд, сарвату давлате, ки як замон дошт, ба ёдаш омад: аспони алою йӯрғадав, аспи мағрури зотии Маскав... се фойтун, заминҳо...

Барои назр ҳама чиз дар назараш ночиз менамуд. Мехост василае диҳад, ки назрҳои дигар дар пеши он нопадид шаванд. Як он Йӯлдоши бойбача ба хотираш омад. «Бойбача даҳ ботмон(2) биринҷ, як аспи хуби бузкашӣ, як сарутан дод», аз хаёл гузаронд ӯ.

Бо ин андешаҳо то назди манзил омадани худро нафаҳмида монд. Ҳамсараш ӯро дар пеши дар нигаҳ дошт:

– Дар дохил занон нишастаанд, шумо ба хонаи дигар гузаред. Ба меҳмонҳо хӯрок пухта будам, ба шумо ҳам ош мебарорам!

Самандарака табақчаи ошро пештари худ кашид, чун каси дигар набуд, танҳо ба тановул пардохт. Хӯрокаш ҳанӯз нисф нашуда, кадбону омаду дар паҳлуяш нишаст ва гуфт:

– Хуб шуд ки ҳозир шудед, додояш, ба духтаратон хостгорон омада буданд, намедонистам чӣ гӯям.

– Киҳоанд онҳо, аз куҷо будаанд?

– Ҳӯ ана вай Азизаотин ва зани Рустамака... аз тарафи эшони худатон хостгор шуда омадаанд. «Чақ-чақ накун ба арбоб, ки мезанад ба ҳар боб» беҳуда нагуфтаанд, Худо накарда, эшон ба болои ду занаш инро ҳам...

Бо шунидани ин хабар чашмони Самандарака мисли пиёла боз шуд:

– Рост мегӯйӣ, аз тарафи эшон омадаанд? Аҷиб, чаро эшон ба худам маънӣ накардаанд?

– Ба ҳар ҳол, одами калон, ба хостгорон гуфтам, ки духтарам ҳанӯз хурд, акнун ба ҳафдаҳ даромад. Ҳамин хел ҷавоб дода монам?

Ҳамин дам аз берун овози зане шунида шуд:

– Қумрибуш, меҳмонон хестанд!

Кадбону сари по рост шуд, дилвопас ба шавҳараш дида дӯхт. Самандарбой гоҳ духтари ҷавони худ, гоҳ эшонро ва боз он расми назру ниёзро аз сафҳаи хаёл гузаронд, дар охир, домод будани ҳазрати эшонро ба мадди назар оварду беихтиёр маслиҳат дод:

– Бигӯй, ки худаш як духтарамон ҳаст, ӯро ҳам ба ҳазрати эшон бахшидем, садақаи ҷонашон шавад!

Ин гапро шунида ранги рӯйи Қумрибуш канд, кабуд шуд, ба мисли сурат шах шуда, ба девор такя карда монд...

III

Шарофатхон духтари яккаву ягонаи Самандарака буд. Ӯ дар зебоӣ, дӯхтудӯз ва шӯхтабъию таннозӣ ҳамто надошт. Агар дар кӯю гузар ду-сето ҷавон гирди ҳам меомаданд, ёфтаашон ҳамин Шарофатхон мешуд. Пурсишҳое аз қабили «Ин духтар ба кадом дӯстдоштаи Худо насиб кунад?», «Манзили киро обод созад?» онҳоро азоб медод. Вақте ки хабари ба эшон расидани Шарофатхон дар гузар овоза шуд, чанд рӯз пӯзаи суханчинон бо ин баҳона гарм истод...

Дар кӯча аробаҳо паси ҳам давида, аз якдигар сабқат мегирифтанд.

Заноне бетартиб бар болои даҳ-понздаҳ ароба нишаста, «ёр-ёр» гӯён оромиро вайрон карда, фалакро ба сар мебардоштанд.

Аробакашҳо сандуқ, кӯрпа, гилем, бӯқча ва дигар лавозимро дар ароба бор карда ва бар рӯйи бори худ як-ду пиразанро ҳам нишонда, бо баҳсу талош давутоз мекарданд.

Ин ҳама асбобкашӣ, ки бо садоҳои гулдурросӣ, шавқуну ҳаёҳу ва талотум мерафт, охирсар ба дари эшон наздик шуд. Дар миёни кӯча, дар атрофи гулхани калоне, ки алангааш осмонро мегирифт, як тӯда мард бо овози баланд «ёр-ёр» мегуфтанд, дар онсӯтари онҳо занону арӯсону духтаракон худро бо фаранҷӣ пӯшонида, ба дӯш қабо андохта, ба сарҳо рӯмол баста... гирд давра зада, ба «ёр-ёр»-гӯйӣ шарик мешуданд.

*Тахта-тахта кӯп(у)рук тахтат бодо, ёр-ёр,*
*Чун духтари пайғамбар бахтат бодо, ёр-ёр!*
*Дароз-дароз арғамчин ба арғунчак ёр-ёр,*
*Чаканкурта мезебад ба келинчак, ёр-ёр!*

Зану мардҳое, ки дар атрофи гулхан ҷамъ шуда буданд, бо як овоз садо доданд: «Арӯс омад, арӯс омад!». Чанд нафар ҷавон бағал-бағал ғӯзапоя оварда ба миёни гулхан партофтанд, оташ бештар забона зад, алангааш қомат афрохт.

Ҳар кас сари ҷо тапида ба ҷунбуҷӯл даромад. Бачаҳо ба самти омадани духтар давиданд. Бо шӯру ғавғо аробаҳо расиданд. Дар байни одамон овозҳо баланд шуд:

– Арӯс меояд, аробаи арӯс инҷост!

Аробакаш аспро қамчин зада, аробаи арӯссаворро намоишкорона аз миёни гулхан гузаронд ва дар наздикии дари даромад нигаҳ дошт. Ҳамзамон садоҳое шунида шуд:

– Домодтӯра, домодтӯра! Куҷост тақсир? Гард, гард!

Як вақт пирамарде бо мӯйҳои сап-сафед, солхӯрдаи заифтан, абои зарбофте ба тан, камарбаста бо миёнбанди калон дар васати муридони ришсафеди худ оҳиста қадамзанон ба ароба наздик шуд. Боз сарусадо дар байни одамон баланд шуд:

– Бардоред, домодтӯра, бардоред акнун!

– Худро шердил гиред, тақсир!

– Ҳа, тақсир, қабул кунед!

Пирамард дастони ларзони худро ба ароба ёзонда духтарро бардошт ва ду-се қадам монда ба замин гузошт. Дубора ғалоғулаи халқ баланд шуд:

– Боракаллоҳ, тақсир, боракаллоҳ!

– Ҷаноби мо кам наоварданд!

– Ҳанӯз ҳам камари эшон бақувват будааст!

Ин шавқуну ҳаёҳу ва ҷунбуҷӯл то нисфи шаб давом кард. Дигар, он кӯчае, ки ҷойи тамошо буд, аз одам холӣ шуд, тип-торик ва хомӯшу бесадо гӯристонеро мемонд...

IV

Дар ин вақт аз дари эшон ду ҷавон баромаданд.

– Ӯ-ҳӯ, кӯча хеле торик шудааст!

– Ту нагӯ, дар осмони фалак як ситора ҳам наменамояд-е!

– Роҳ гард. Ин гузар чун дили эшонбобо аст.

– Росташро гӯям, дилам ба ҳоли духтар месӯзад, бубин, бечора омада-омада ба доми кӣ афтод!

– Ту нагӯю ман насӯзам! Падари лаънатиаш бехонаю дар монад, одам набудааст!

– Вақте ки мебинӣ, риши сафедашро тутум карда, аз ароба духтаре – ҳамсоли набераашро мефарорад, косаи сабрат лабрез мешудааст. Ин ҳолатро мехостам ба чизе монанд кунам, аммо ҳеҷ ташбеҳе ба мағзам наомад!

Дар ҳамин дам аз як гӯшаи кӯча Мамати қаровул, ки ҷавононро поида дароз мекашид, бо оҳанги гиряомез ҳуштак зада ба сухан пардохт:

– Эҳ ҷавонон, дардамонро ба кӣ гӯем, ин дунё худ дунёи воруна аст. Бар рӯйи лола барф борид!

Аз ҷавонон садое барнаомад, дар оғӯши торикии шаб гуму гӯр шуданд...

---

(1) **мавъиза** – он чӣ воиз мегӯяд; панд, насиҳат;

(2) **ботмон** – *воҳиди вазн:* дар замонҳои гуногун ва дар ҳар минтақа миқдори ботмон ҳархела ва мутағаййир будааст. Масалан, дар охирҳои асри 19 дар Хӯқанд як ботмонро (барои вазнгирии ғалладона) ба 10 пуд, яъне ба 163,805 кг баробар медонистанд *(шарҳи мутарҷим).*

## Ғафур Ғулом
## (1903 – 1966)

*Ғафур Ғулом 10 майи соли 1903 дар гузари Қӯрғонтегии шаҳри Тошканд зода шудааст. Ӯ вақте ки даҳсола буд аз падар, дар синни понздаҳсолагӣ аз модар ятим мемонад. Аввал дар мактаби куҳна ва мактаби маҳаллии русӣ (1916) таълим мегирад. Пас аз Инқилоби Октябр курси муаллимиро фаро гирифта, дар мактабҳои усули нав дарс медиҳад. Соли 1923 дар Хонаи бачаҳо мураббӣ ва мудир мешавад ва баъдан дар идораи рӯзномаҳои «Камбағал деҳқон» (Деҳқони камбағал), «Қизил Ӯзбекистон» (Ӯзбекистони сурх), «Шарқ ҳақиқати» (Ҳақиқати шарқ) кор мекунад. Айнан рӯзнома барои ӯ нақши дорулфунунро адо мекунад ва дар омӯзиши ҳаёт имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад.*

*Ғафур Ғулом муаллифи маҷмӯаи шеърҳо ва достонҳои «Динамо», «Ҷавон», «Вақте ки соҳибонаш соҳиб мешаванд», «Лавҳаҳо аз Чин» (1931), «Таронаҳои зинда» (1932), «Кӯкан» (1934), «Ба шумо» (1935), «Чашма» (1939), «Ашъори нав», «Шеърҳо» (1946), «Ғурури қавми ӯзбек» (1949), «Дастхати шараф» (1950), «Осори мунтахаб» (1956 – 1959, дар 4 ҷилд), маҷмӯаи ҳикояҳои «Ҷӯрабӯза», асари саҳнавии «Муҳокимаи хабарнигор» (1929), қиссаҳои «Нетай» (1932), «Мурдаи зиндашуда» (1935), «Ёдгор», «Бачаи шум» (1938) мебошад. Дар заминаи асарҳои ӯ намоишномаҳо ва филмҳо таҳия шудаанд (аз ҷумла, «Бачаи шум»). Аз дурдонаҳои адабиёти ҷаҳон ва рус, ба монанди «Отелло», «Шоҳ Лир», ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст.*

*Ғафур Ғулом аз ҷумлаи шоироне мебошад, ки дар замони ҷанги зидди фашистӣ халқро бар муқобили душман фаро хонда, дар мавзӯи ватандӯстӣ, мардонагии ҷанговарон, вазъи ақибгоҳ асарҳои зиёд офаридааст. Чунончи, «Интизорӣ», «Ту ятим нестӣ», «Зимистон», «Дар кӯчаи мо ҳам ид мешавад», «Вақт», «Модарон»...*

*Ғафур Ғулом гузашта аз ҷоизаю мукофотҳои зиёд, узви Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон (1943) ва Шоири мардумии Ӯзбекистон (1963) буд ва пас аз вафоташ дар соли 2000 бо нишони «Буюк хизматлари учун» (Барои хидматҳои шоиста) тақдир шудааст.*

*Бояд гуфт, ки Ғафур Ғулом забони форсӣ-тоҷикиро хуб медонист ва ҳамчун форсшиноси нуктадон намунаҳое аз осори Рӯдакӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҷомиро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст. Ӯ, ба хусус, бо Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Раҳим Ҷалил, Ҷалол Икромӣ, Боқӣ Раҳимзода, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода дӯсти наздик буд. Садриддин Айнӣ ва Луҳутиро барои худ устод мехонд.*

*Адиб 10 июли соли 1966 ба сабаби беморӣ дар Тошканд вафот мекунад.*

## ДУЗДБАЧАИ ХУДАМ
***(ҳикоя)***

Аз меҳри падар хеле зуд бенасиб мондем. Инак, ҳафдаҳумин сол аз реҳлати ӯ гузашту дар фасли тирамоҳ аз модарамон ҳам ҷудо шудем, ятиму ясир гаштем. Барои хабаргирии мо – чаҳор тан кӯдаки бесарпараст момоям, очаи модарам Роқиябибӣ омада меистад. Он касро мо бо ноз «содамомо» ном мебарем.

Бегоҳиҳо бо момоямон дар пешайвон бар рӯйи ягона шолчаи доғдори ӯротеппагӣ, ба кӯрпаю болини куҳна-кола печида хоб меравем.

Охири моҳи сентябр, аз нахустин шомгоҳони тирамоҳ аст. Ҳаво то ҷое сард. Мо ятимон ба якдигар часпида, ҳамдигарро гарм карда ба хоб рафтаем. Дар охири қатор содамомоям ба мисли очагунҷишк дароз мекашад. Синни момо агарчи аз ҳаштод зиёд буд, носкаширо тарк намекард.

Имшаб, ба маҳзи ин ки се пос аз вақти хоб мегузашту ситораҳои ҳафт бародар дуруст бар болои сар чашмак мезаданд, ман бо ғулдур-ғулдури овоз бедор шудам. Чанд муддате буд, ки момоям бо овози шунаво бо касе суҳбат мекард...

Дар асл, ҳавлии мо мероси монда аз падару бобоям, хеле калон ва дорои ҳаёти(1) чаҳоргӯша буд. Гирдаш бо сохтмонҳо банд шуда, дар қисми шимолиаш амакбачаҳоям мезистанд. Лекин онҳо дар тирамоҳ ба боғ кӯчида мерафтанд. Ҳоло ҷояшон холӣ.

Хеле ҷолиб, бубинед, ки имшаб ба манзили мо дузд омад. Дар ин дунё одамоне, ки моро низ ёд кунанд, будаанд пас! Пагоҳ ки шуд, метавонам ба ҷӯраҳоям таъриф кунам: «Ба хонаи мо дузд омад». Мешавад ин гапро бо ғурур гуфт. Лекин, оё бовар мекарда бошанд?

Дузд аз ҳамон боми амакбачаҳоям оҳиста омада, дар рӯ ба рӯйи момоям атса медиҳад. Дар ҳамин асно момоям болиштро ба сари дил зер карда, нос дар зери забон, ғарқи хаёл дароз мекашидааст. Вай бо шунидани шарфаи по ва садои атса «пуф»-гӯён носро аз даҳон туф мекунад ва ба сӯйи бом рӯ оварда мегӯяд:

– Бачаҷони шабгардам, эҳ duздбачаам-е! Маълум ки бо умеди ягон чизу ҷондоре ба бом баромадаӣ, охир, касбат нозук, атса-патсаатро ҷамъ карда баъд бароӣ намешавад?

Дузд дар бом рост шуда ҷавоб медиҳад:

– Момоҷон, намешавад шумо ҳам ягон шаб ором хоб равед, то кай вақти ризқу рӯзӣ ёфтан пеши роҳамонро мегиред?

Ба эҳтимол, ман дар ҳамин ҷойи гап бедор шудам. Давомашро ҳар навъе шунидам нақл мекунам.

– Қурбонат шавам, ҳой дуздбачаам, вақте ки дар сарам ин қадар мусибат ҳаст чӣ хел хоб равам? Бубин, шаш моҳ аст, ки мижа таҳ накардаам. Рӯзҳо мисли саргарангон парешон мегардам. Гоҳо бо хоби гунҷишкӣ ба ғанаб меравам. Шабҳо ҳушу ҳавосам оғуштаи хаёл.

Дузд ҷомаи китфашро чорқат карда, ба ҷойи болишт дар лабаи бом гузошт ва паҳлу зада пурсид:

– Чиҳоро хаёл мекунед, момоҷон?

– Чиро ҳам фикр мекардам, фардои ҳамин чор ятимро, бачам. Худат замонаро мебинӣ, зиндагӣ аз санг сахттар, мисли чашми уштур нон тухми анқо аст. Ҳанӯз аз дасти инҳо коре барнамеояд. Ёфти тағои муҷарради аробакашашон аз рӯзғори худаш зиёдӣ намекунад, ба инҳо чизе наметавонад диҳад. Дар ин хона ҳам чизи арзандае нест, ки ба чашм намояду ба даст ояд. Аз як сар фурӯхта мехӯрем. «Ба хӯрдан оби дарё баҳс наояд», мегӯянд. Эҳ-ҳа, ин бачаҳо кай калон мешаванду кай нони худро ёфта мехӯранд?! Хоҳ-нохоҳ андеша мекунад кас. Аз ин ятимон ҳам фақат якеаш писар, сетои дигар духтар. Писар акнун ба понздаҳ қадам монд. Духтарҳо низ кай сару соҳиби худро мёбанд, Худо медонад. Ягон касе, ки худаш пӯшондану хӯронданро ба уҳда нагирад, чашми кӣ ҳам ба инҳо мепарад, мегӯйӣ? Замона вазнин, дуздбачаам, вазнин!

Дузд суҳбатро идома дод:

– Рост мегӯед, момоҷон, ман ҳам ду фарзанд дорам, ҳамсару модари пирам ҳастанд, ҳатто ба як мурғ бояд обу дон диҳӣ, ҳама бар гардани худам. Барои ёфтани чорто нони чапотӣ сарамро ба обу оташ меафканам, ба шамшери Алӣ мезанам. Набошад, агар кор кунам, дар бозу неруям ҳам ҳаст, ақлу ҳушам низ дар ҷояш. Фикр мекунед, ҳамин пешаи ҳозираам – дуздӣ ба ман маъқул аст? Замоне писари як косиби дуппа-дурусти серфарзанд будам. Дунё ба чаппааш омад. Гуфта буданд, пас аз ба тахт нишастани Керенски ҷанг бас мешавад, лекин то ба ҳол аз поёнаш дарак нест. Замона ҳанӯз ҳамон, мағзу ширааш моли серу бадавлатон аст.

Момо пурсид:

– Ягон пешаи дигарро ихтиёр кунӣ намешавад, писарам?

– Масалан, чӣ пешаеро? Бозори ҳама касбу кор касод шудааст. Ҳунари падарам – кафшдӯзиро кунам? Аввал ин ки, барои кафшдӯзӣ на чарм ҳасту на ширешу на меху на равғани пардоз. Худ маводи хом аз кафш се баробар гаронтар аст. Агар ҳаммолӣ кунам гӯям, бефоида, дигар касоне, ки халта-халта ғалла, сабзию шалғам мехариданд, намондаанд. Чанд рӯз пеш мӯзадӯзи девкори ҳамин маҳалла Буваматака тамоми қолибу макету сӯзану дирафшҳояшро яклухт ба ивази ду пуд ҷуворимакка муовиза(2) кард. Хуб коре кард! Он деҳқонони ӯзбеку қазоқу қирғиз, ки мӯзаҳояшро харида мепӯшиданд, ҳоло куҷо? Касе нест, шаҳрамон фақат аз ятиму овораҳо лаболаб. Ба кадом як гӯша, ба ҳар чордеворие, ки сар мезанӣ, то понздаҳ нафар бехонумон даст ба пеш ёзонда садақа мепурсанд: «Амак, нон диҳед». Нон-а, ба худам намеёбам-у! Ман танҳо нестам, момо, дар гузар аҳволи ҳама косиб ҳамин. Кордсозон, дӯзандагон, чармгарон, равед ки, домуллою муллобачаҳо – ҳама гули як боғ. Ба як қошуқ атола зор. Аз бекорӣ дарбадаранд.

– Эҳ Худоё, хонаи ҷангҷӯ сӯзад, қиёмат-қоиме, ки мегӯянд, шояд ҳамин бошад, дуздбачаам. Ҳа, майли, дар пешонии ин ятимон ҳам ягон чиз навиштагӣ будагист-охир. Хуб, аз худат гап зан. Маълум, ки аз ноилоҷӣ ба ин кори ҳаром даст задаӣ, лекин ман ҳайронам, намешуд магар ба хонаи ягон одами аз худаш серу бадавлат равӣ? Бубин, дар ҳамин гузар читфурӯши маъруф Каримқорӣ, соҳибкори номӣ Одилхӯҷабой, чармгар Матёқуббой ҳастанд, ки сарваташон беҳадду беандоза аст. Бачаи гаҳвораашон ҳам дар косаи чиннии катибадор хӯрок мехӯрад. Боми ҳамонҳоро сӯрох кунӣ намешавад?

Дузд ҳамоно арз кард:

– Эй момои ҳазлкаш, чӣ қадар содаед шумо! Магар мешавад ба хонаҳои бой ворид шуд? Похсаи онҳо ҳашт қабат аст, дарҳояшон оҳанӣ, даргоҳи ҳар яке ду-сетоӣ саги харҷусса дорад. Агар аз саҳни ҳавлиҳояшон як кабӯтар парида гузарад, он сагҳо то як ҳафта аккос мезананд. Ин кам аст гӯё, дар ғуломгардиши Одилхӯҷабой городовое(3) бо туфанг меистад! Магар аз ҷонам сер шудаам, накушад ҳам сибир мекунад(4)-мемонад.

Момоямон гуфт:

– Ин гапат ҳам рост, дуздбачаам. Бо ин ҳол, эҳтиёт бош. Нашавад, ки дар пеши мардум бадном шуда монӣ.

– Рост мегӯед, момо, як рӯз пеш аз саисхонаи Орифи дағал чор мурғу якто хурӯс рабуда будам.

– Чӣ, мурғу хурӯс? Худо занад ин махлуқҳоро, натарсидӣ ки аз қут-қуташон шарманда мешавӣ?

– Ҳар як кор сози худро дорад, момо. Ҳар гоҳ ба шикори мурғ меравам, дар ҷайбам як шиша об мегирам. Ҳамин ки расидам, ба таги воиш даромада, даҳонамро пури об карда ба самти мурғҳо пуф мекунам. Дар олам ҷонваре аҳмақ мисли мурғ нест. Бо гумони ин, ки борон меборад, сарашро ба дарун кашида, ором хоб меравад. Сипас яке-яке аз гулу гирифта дар халта меандозам.

– Ҳамин хел гӯй, ё тавба-е? Пас, ҳар як корро мурвати гардонандааш ҳаст...

– Ҳамин тавр, момоҷон, кам монд, ки сирам фош шавад. Не, ба элликбошиамон Раҳмонхӯҷа хурӯсро баргардонда будам, корро дар иму ҷимаш пӯшонд. Раҳмонхӯҷа бо ман хуб аст, одами нағз. Соли гузашта ину онро фурӯхта, ҳаштоду се сӯм ҷамъ карда, «ҳар чӣ ёфтем ҳамин, элликбошиака» гӯён пора дода будам, кор аз кор нагузашта гирифта буд.

– Ҳа, ба ҳар ҳол, ҳар кас роҳати бачаҳояшро мехоҳад. Нигоҳ кун, дуздбачаам, ҳаш-паш нагуфта саҳар мешавад, бубин, ситораи субҳ ҳам ба болои сар омад. Аз танаи тути бағали ошхона дошта, лағжида ба поён фаро. Ҳезумамон намондааст, дар ошхона аз дервақт як-ду кундаи чормағз, ки аз боғ оварда будем, ҳаст. Табарро гиру аз ҳамон кундаҳо кафонда деҳ, чойҷӯш мегузорам. Дирӯз тағоят зағора оварда буд, аз ҳамон дутоашро нигаҳ доштаам, бо ҳам чой мехӯрем.

Дузд гуфт:

– Не-е, момо... Агар хоҳед, кундаро майда карда медиҳам, лекин ба чой намемонам, чунки чашми рӯз кафад маро шинохта мемонед. Он қадар ҳам берӯй нашудаам, андеша мекунам, хиҷолат мекашам.

– Э ман мурам, наход ки аз хонаи муборак хушк равӣ, бачам? Ягон чиз гирифта бар. Исто, чиро бибарӣ, ки Худоро хуш ояд, ҳа, дар воқеъ, дар ошхона як деги нимпудӣ ҳаст. Як замонҳо дар манзиламон одами бисёр мезист, аз деги калон ош мехӯрдем. Ба ғаши Худо расидем, зоҳиран, аз ҳамон хонаводаи пурҳаёҳу ҳамин чаҳорто ятим монду халос. Эҳ-а, инҳо кай ин деги бузургро меҷӯшонанду... Ҳаминро бардору бар, фурӯхта пул кун, ба ягон рӯзат лозим мешавад, бачаи дуздам.

– Не, не-е, момо, нияти бад накунед. Бо як чашмпӯшӣ ин рӯзҳо ҳам гузашта меравад, боз дар оилаи бузург сарҷамъ мешавед. Ҳатто ин дег ҳам хурдӣ мекунад он вақт. Ба худи ятимҳоятон насиб кунад. Дар тӯяшон бо хандаю бозӣ хурсандӣ кунем. Хайр акнун, ман меравам, момо, доманаҳои кӯҳ равшан шуда рафт.

– Хайр, дуздбачаи худам, омада ист.

– Хуб, хайр оча, хайр...

Ман он ҷавони дуздро мешинохтам. То ба ҳол кӣ будани ӯро ба касе нагуфтаам.

---

(1) **хаёт** – ҳавлӣ; қиъазамине, ки атрофаш девор кашида шудааст;

(2) **муовиза** – бо ҳам иваз кардан,  ивази чизҳо аз ду тараф, ивази дутарафа;

(3) **городовой** – *дар Русияи подшоҳӣ ба пулисҳои шаҳрии мақоми поин мегуфтаанд, ки ин калима дар байни оммаи халқи Осиёи Миёна ҳам роиҷ будааст;* посбон;

(4) **сибир кардан** – *таъбире будааст барои тарсондани одамон, ки ношӣ аз ҳодисаҳои бадарға намудани гунаҳкорон ба Сибир аст*

## БАДКОРИИ БУЛҲАВАС
***(ҳикоя)***

Як даста зану духтар дар атрофи сандалӣ гирд нишаста ғӯза тоза мекарданд. Онҳо Сарвархоларо ба ҷону ҳолаш намонда водор намуданд, ки аз ҳаёти гузаштааш ҳикоят кунад. Ӯ кӯракҳои дасташро бозкунон ба занҳои мунтазир рӯ оварда гуфт:

– Алҳазар аз ҳамон сарнавишти бемаънӣ, коратонро кунед, азизонам.

Вале Мукамбарой якравӣ кард:

– Инҳо мисли худамон кунҷкованд, хола, аз саратон ҳар чӣ гузаштааст гуфта диҳед, мо ҳам шунавем.

Ба ин гапи Мукамбарой Хонпошшо низ ҳамроҳ шуда изҳор намуд:

– Ҳавсалаи ин қадар одамро пир накунед, нақл кунед, холаҷон!

Сарвархола ба зану духтарон нигоҳе афканду ба сухан даромад:

– Хайр, нақл бошад – нақл. Фақат ҷим нишаста гӯш медиҳед, агар ягон кас «миқ» гӯяд, ҳикоя дар ҳамон ҷо тамом. Баъд, аз ман гила накунед, хуб?

– Хуб, гапи шумо – гап, сар кунед, хола.

Сарвархола ба баёни саргузашти худ оғоз намуд:

– Падарам дар коргоҳи доссозӣ мехчагарӣ мекард. Худаш камбағал, марди дасттанҳо буд. Барои дастёр ё шогирд гирифта кор фармудан қурбаш намерасид. Модарам бештар корҳои рӯзгору тӯю сури ҳамсояю хешонро анҷом дода, аз онҳо ба ивази меҳнаташ нону хӯрок меовард. Ман ҳанӯз ҷавон, нав ба синни ҳаждаҳ даромада будам. Агарчи дар оилаамон ба ғайр аз ман ду додарам ҳам буданд, аз дасташон ҳеҷ коре намеомад. Дар ҳамсоягии мо, се хона дуртар, марде ба исми Қосимбой зиндагӣ мекард, ки бо биринҷ сарукор дошт ва дар чор-панҷ ҷой осиёбҳои калонро мегардонд, дар бозори биринҷ панҷ-шашто дӯконаш ҳам буд. Ӯ ҳар ҳафта бо вагон ба Бухоро биринҷ мефиристод. Зери дасти он соҳибкор наздики панҷоҳ нафар гумоштаю хидматкор ва маъмуроне машғули кор буданду дар байни шаҳрҳо равуо мекарданд. Ҳисобу китоби ӯро аз сар то бун писараш Ғанибойбача, ки марди сию панҷсолае буд, анҷом медод.

Рӯз то рӯз калонтар мешудам, қадду басти додаронам ҳам торафт меёзид. Падари бечораам оғуштаи фикру умедҳои тоза шуда, орзу мекард маро ба шавҳар диҳад, суннатии додаронамро гузаронад.

Духтар дар хона амонати дигарон аст, вақташ ки омад, ӯро печондаю пӯшонда гирифта мебаранд, аммо кори писарбача мушкил. Ба суннатӣ кардан, хонадор намудани вай падару модар ҷавобгаранд. Аз ин рӯ, барои падарам аз издивоҷи ман дида, дасти додаронамро «ҳалол» кардан муқаддаму муҳимтар буд. Зеро додари калониам ба дувоздаҳ ва додари хурдиам ба синни даҳ медаромад ва дар маҳаллаамон ҳар кӣ ба падарам мерасид, ин мавзӯъро кушода, ӯро хиҷил мекард. Агар баъзеҳо «Раҳматқулака, тӯйро ба кай мондед, кай сабзӣ наргасӣ мекунем?» мегуфтанд, касоне ягон чизи қобили фурӯшро рӯкаш карда, мурувват нишон доданӣ мешуданд: «Раҳматқулака, ана ҳаминро гирифта монед, тӯятон ҳаст, Худо хоҳад, дар вақти зарурӣ лозим мешавад». Ҳатто як бор сӯфии маҳалла падарамро мулзам карданӣ шуда гуфтааст: «Раҳматқул, гулуи домуллоямон ҳам мехорад барин, мепурсанд, ки тӯйро ба чӣ вақте мондаӣ. Иншаоллоҳ, имсол аз тирамоҳ намегузарад, бале?».

Ниҳоят, таънаю кинояҳои мардум ба ҷонаш мерасад. Падарам рӯзе бо модарам маслиҳат мекунад, ки имконият ёфта, як тӯйи арзандаи орзуву ҳавас барпо намоянд. Онҳо дурудароз фикр карда, билохира ба ин қарор меоянд, ки аз Қосими бойбача ягон саду панҷоҳ сӯм қарз гиранд.

Бо ин умед бомдоди рӯзи дигар падарам рост ба ҳавлии Қосими бойбача меравад ва қарз мепурсад. Бой аввал баҳона мекунад: «Дар даст пули нақд надорам. Рафту агар доданӣ ҳам шавам, бояд баргардондани қарзро фикр кунед. Ману шумо ҳамсояи наздик ҳастем, нашавад ки ба хотири пул дар миёнамон хунукӣ афтаду ба якдигар ину он гӯем?». Бо ин ҳол, бо чанд шарт барои додани саду панҷоҳ сӯм як барг векселро имзо мекунонад. Аҳд мекунанд, аз ин маблағ садтояшро нақдӣ ва панҷоҳтои дигарашро бо биринҷи осиёб ҳисоб кунанд ва то замони адои қарз падарам ҳар моҳ панҷ сӯм ҳамчун болосарӣ пардохт намояд.

Бо ин ба манзиламон насими хурсандӣ вазид. Дар даҳони ҳама гапи «тӯй», пойи қавму хешон бо арзи муборак аз дарамон канда намешуд. Ба понздаҳ рӯз набурда, падарам дасти писаронашро «ҳалол» карда гирифт.

Сарвархола нақли худро то ин ҷо расонду ба ҳамнишастон чашм дӯхта гуфт:

– Қурбони ҷонатон шавам, ҳар чӣ аз сари ман гузаштааст, ин буд.

Зану духтарон сарусадо баланд карданд:

– Садқаи сар, ки додоятон тӯй додааст, аз он ба мо чӣ нафъ, давомашро гӯед! Ба ҷойи ширадори гап омада истоданатон чӣ маънӣ дорад, холаҷон.

Сарвархола бо завқ лабханд зада, ба суханаш идома дод:

– Чанд рӯз аз миён гузашт. Боре хидматкори манзили бой – Шафоатамма аз модарам «каме ба корҳоям нигоҳ кунад» гӯён рухсат гирифта, маро бо худаш бурд. Ман рафтам ва аз он пас, ба хотири ин ки падарам аз бой қарз дошт, ба ҳама маъракаҳои хонаи бой мерасидам, хидматкор шудам. Бо мурури вақт, «акнун аз кӣ – аз бойбобоят мегурезӣ?!» гуфта, маро водор карданд, ки рӯямро ба Қосимбой кушоям...

Ман барои саранҷом кардани корҳои рӯзгори бой бисёр мерафтам. Як рӯз зани калонии ӯ маро накӯҳиш дода гуфт:

– Сарвар, агар аз хонагиҳои мо худатро пинҳон кунӣ, беҳтар ки ба ин ҷо наё. Наход аз яккаву ягона писарамон – Ғанибойбача ҳам гурезӣ? Худоё шукр, ӯ одами хурд нест, ба ту баринҳо зор ҳам намондааст.

... Ман ба Ғанибойбача салом дода рӯ боз кардам. Дар ин лаҳза аз хиҷолат наметавонистам сар бардорам, аз арақи зиёд тамоми баданам тар шуда буд гӯё. Бойбача чанд муддат ба ман зеҳн монда нигаристу ниҳоят бо ханда гуфт:

– Ҳа, Сарвархон хуб ҳастед, боракаллоҳ, боракаллоҳ, духтари калон шавед, – ва баромада рафт.

Ҳамсари Ғанибойбача – Зумратапа духтари сарватманди маъруф Иноятхоҷихон буд, вале дар ҳусну ҷамол мелангид. Бойбача ба ӯ бо меҳр назар намекард. Аз ин хотир, ба зану духтари ҳар кӣ пеш меомад, чашмонашро ало карда мегашт. Вақте ки ба Ғанибойбача рӯ боз карданамро ба модарам гуфтам, ӯ бо маломат хотиррасон намуд:

– Ин писари бой кошки нияти холис дошта бошад, духтарам, бекор кардай. Ёфту тофти додояшро ҳам дар кӯю кӯча ба бод медиҳад.

Ҳамин тавр, боз як рӯзи дигар хидматкор бо баҳонаи омадани меҳмон ба хонаи Қосимбой маро ба ёрӣ чеғ зад. Чун омадурафти беҳисоби меҳмононро дида дилтанг мешудам, хостам қабул накунам, вале боз ҳам ба хотири падарам худро маҷбур карда ба он сӯй роҳ пеш гирифтам. Ҳамин ки ба манзили бой расидам, дар он ҷо аз меҳмон асаре набуд, ҳатто зану арӯсони бой ҳам ба чашм намехӯрданд. Фаҳмидам, ки Шафоатамма маро фиреб додааст. Ӯ бо лабханд гуфт:

– Занҳои хӯҷаин бо арӯсони худ дову дастгаҳ бардошта ба хонаи қудояшон ба зиёфат рафтанд. Абдуфаттоҳ аз Ғулҷа омадааст, ҳоло ҳама дар хонаи ӯ ҷамъ шудаанд. Бойбобо ҳам дар он ҷост. Имрӯз фақат ману ту соҳиби ин хонадон, ҳа-ҳа-ҳа...

Ман хурду рези гапро напурсида, ба рӯфтану тоза кардани ҳавлӣ пардохтам, косаю табақҳоро шустам. Шафоатамма дар ин вақт дохили хонаҳоро мураттаб мекард. Ҳамин ки хокистари самоворро дар лаби ҷӯй мерехтам, вай аз хонаи зани хурдии бой овоз баровард:

– Сарвар, ҳой Сарвар, гардам худата, раву хонаи келинойиро худат ба тартиб дарор. Кошки ин ойимхонум чизу чораашро ба дигарон бор намекард!

Ман «хуб шудаст» гӯён ҷорӯбро гирифта ба хонаи зани Ғанибойбача даромадам. Дар ҳақиқат, хона бесарусомон буд, ҳама анҷоми ороишу пардози келин ва сарулибоси ӯ чошу пареш бар рӯйи хона мехобид. Ҷавонию нодониам аз сарам монад, ҳамон лаҳза дар дилам хоҳиши пардоз додан пайдо шуду ба назди оинаи келин омадам ва рангубори сафеду қирмиз, сурмаҳояшро гирифта ба ороиши чашму абрувонам пардохтам. Шафоатамма дари хонаро боз карда, даҳони дандонрехтаи худро нишон дода, бо писханд гуфт:

– Ҳа, олуфтадухтар, ҳоло ки ҳеҷ кас нест пардозу андозатро карда гир, фақат эҳтиёт шав, хостгоре гирифта нагурезад, – ӯ дарро баста рафт.

Аз қафояш хандида мондам. Ҳамин дам ногоҳ «Сарвар» гуфтани касе аз дохили хона шунида шуд. Дилам гуп-гуп ба задан даромад. Ба атроф назар афканда касеро надидам. Дубора садо омад:

– Сарвар, пардоз надиҳӣ ҳам зебой ту.

Баргашта нигоҳ кунам, Ғанибойбача зардевори(1) тахмонро қат карда хандасон ба ман нигоҳ мекунад. Беихтиёр «вой дод!» гӯён ба самти дар шитофтам. Аммо, дар аз қафо занҷирбанд буд. Пай бурдам, ки хидматкор ва бойбача барои ба дом афкандани ман забон як кардаанд. Ба гурехтан сӯроxӣ мекофтам. Дар ҳамин асно Ғанибойбача аз тахмон берун омаду маҳкам аз дасти ман нигаҳ дошт ва беибо ба гап даромад:

– Сарвар, ҳаракатҳоят бефоида аст, роҳи фирор надорӣ. Нағз медонӣ, ки ман аз зани худ дилзада ҳастам. Мехоҳам туро ба занӣ гирам.

Дар он лаҳза бойбача суханашро базӯр, танг нафас кашида мегуфт. Ман гиря кардам. Дигар илоҷе надоштам...

Сарвархола дар ҳамин ҷо як оҳ кашид ва бо чашмони ашколуд идома дод:

– Вақте ки Шафоатамма ба рӯям оби ях зада маро ба худ овард, Ғанибойбача наменамуд, ман, дигар, одаме будам – беарзиш.

Ҳама зану духтарони гирди сандалӣ ба ҳамдигар нигоҳе афканда ба сухан омаданд:

– Ғам нахӯред, хола, садқаи ашки дидагонатон шавад, ба гузашта салавот. Давомашро нақл кунед, баъд чӣ шуд?

– Азизони ман, чӣ мешуд, – нақли худро идома дод Сарвархола, – агарчи аз қарз гирифтани падарам як сол мегузашт, натавонист ҳадди ақал як тин пардохт кунад. Бой бо одами маҳзар(2) омада хонаамонро рӯйхат кард. Ӯ бо нарху навои маҳаллӣ хонаю ҳавлиамонро бо қимати яксаду ҳафтод сӯм ба исми худ гузаронд. Бо пули болосарӣ талаби бой аз падарам дусаду сӣ сӯм шуда буд. Шаст сӯми боқимондаро ба унвони закот ба падарам бахшид. Мо ҳавлию ҷоямонро ба бой супурда, асбобу анҷомро ҷамъ карда, ба ин ҷо кӯч баста омадем. Падарам маро бо як қошуқ оби явғон ба шавҳари ҳозираам – Саъдии шогирдаш дод. Сипас домоду падарарӯс бо чоряккорӣ оилаи моро нигоҳубин карданд. Мо низ корҳои ҳамсоягонро анҷом дода, ба онҳо ёрӣ расонда омадем. Ҳоло бошад, падару модарам аз дунё гузаштаанд. Саъдиакаатон пас аз ислоҳоти замин боғу роғи Қосимбойро соҳиб шуд, молу мулкдор гардид. Додаронам ба шавҳарам дастёр. Мегӯянд, баъд аз марги Қосимбой Ғанибойбача дар шаҳр пойафзол тоза карда мегаштааст, заминҳояшро ҳукумат ба дигарон тақсим карда додааст. Ин гапҳоро шунидам, вале дер боз ӯро надидаам...

Сарвархола қиссаашро ба поён расонид. Зану духтарон дар атрофи ҳикояти ӯ гапзанон нафаҳмида монданд, ки чӣ қадар ғӯзаро тоза карда мондаанд. Ман ба китфи модарам сар монда, пиш-пиш ба хоб рафта будам.

---

(1) **зардевор** – *пардаи махсусе, ки зардӯзӣ шудааст ва маъмулан, барои пӯшондани таҳмону ҷойи рахти бистару болин ба кор меравад;*
(2) **маҳзар** – идораи нотариус, дафтархона

## Ойбек
## (1905 – 1968)

*Ойбек (Мусо Тошмуҳаммад) 10 январи соли 1905 дар шаҳри Тошканд дар хонаводаи хайёт (суфбоф) ба дунё омадааст. Аввал дар мактаби миёна, сипас солҳои 1922 – 1925 дар омӯзишгоҳи омӯзишу парвариш таҳсил мегирад. Соли 1925 ба факултаи фанҳои иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна* дохил шуда, дар он ҷо то соли 1927 дарс мехонад ва омӯзиши худро то соли 1929 дар Донишкадаи иқтисоди миллии Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) идома медиҳад. Ба иллати бемории дубора ба Тошканд баргашта, то соли 1930 дар Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна дарс мехонад. Пас аз хатми донишгоҳ дар макотиби олӣ аз фанни иқтисоди сиёсӣ тадрис мекунад.*

*Нахустин қадами Ойбек ба саҳнаи адабиёт маҷмӯаи шеърии «Эҳсосот» (1926) аст. Сипас достонҳои шоир, аз қабили «Дилбар – духтари замон» (1931), «Қасос» (1932), «Бахтигул ва Соғиндиқ» (1933), «Ҷӯраи оҳангар» (1933) пайи ҳам ба табъ мерасанд.*

*Ойбек дар паҳлуи истеъдоди шоирӣ маҳорати беҳамтои романнависӣ низ дорад. Романҳои ӯ – «Хуни муқаддас» (1940), «Навоӣ» (1944), «Шаббодаи водии зарнисор» (1949), «Офтоб сиёҳ нагардад» (1958) доир ба эътисоби миллии озодихоҳонаи халқ дар соли 1916, ҳаёт ва эҷодиёти шоири барҷаста Алишер Навоӣ, корномаҳои мардум пас аз ҷанги дуюми ҷаҳон ва ҳодисаҳои асафбори замони ҷанг воқеаҳои гуногуну рангинро дар ҷомаи бадеият бозгӯй мекунанд. Ва асари «Роҳи бузург» (1977) идомаи мантиқии романи «Хуни муқаддас»-и адиб аст, ки дар он ташаккули шуури миллӣ бозтоб мeёбад.*

*Ойбек пас аз сафари худ ба Покистон (1949) силсилаочеркҳои «Хотираҳои Покистон», достонҳои «Зафар ва Заҳро», «Ҳақгӯён», шеърҳо ва қиссаи «Дар ҷустуҷӯйи нур»-ро менависад. Қиссаи шарҳиҳолии адиб бо номи «Бачагӣ» дар соли 1963 иншо шудааст, ки қаҳрамони асосии он Мӯсои наврас, яъне худи Ойбек мебошад.*

*Ойбек ҳамчунин мақоланигор, мунаққид, мутарҷим ва арбоби варзидаи давлатию ҷамъиятӣ буд. Ӯ достони «Евгений Онегин»-и Пушкин, драмаҳои «Маскарад»-и Лермонтов ва «Тартюф» (ё «Фиребгар»)-и Молйер ва намунаҳое аз адабиёти пешинро ба ӯзбекӣ тарҷума кардааст.*

*Ойбек аз соли 1943 узви ҳақиқии Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон буд ва то соли 1950 раёсати шуъбаи фанҳои иҷтимоии Фарҳангистонро ба уҳда дошт. Ӯ Нависандаи мардумии Ӯзбекистон (1965), барандаи ҷоизаи давлатии ба номи Ҳамза аст.*

*1 июли соли 1968 дар синни 63-солагӣ аз дунё чашм мепӯшад. Пас аз вафоти адиб осори вай дар бист ҷилд комилан ба табъ мерасанд, соли 2001 бо нишони «Буюк хизматлари учун» (Барои хидматҳои шоиста) тақдир мешавад.*

## БОБОИ ЧАРОҒБОН
***(ҳикоя)***

Кӯчаи тангу каҷукилеб дар шабҳои тира бо нурҳои парокандаи танҳо як чароғе, ки дар болои дарвозаи пӯсидаи Турсунқулака овезон буд, тобон мешуд. Ҳар рӯз як пирамарди қадпасти ожангрӯй омада он чароғро равшан мекард. Мо ӯро «Бобои чароғбон» ном мебурдем. Бобо бениҳоят фурӯтан ва камгап буд. Ҳар гоҳ ба назди дарвоза меомад, нардбони хурдаки худро такя гузошта, бо чобукӣ ба он мебаромад ва аз каш рӯмолчаи гардпоккуниашро ба даст гирифта, бо эҳтиёт шишаи чароғро тоза мекард. Чароғро равшан намуда, ба поин мефаромад ва ба мисли обкашҳо нардбончаи худро ба дӯш гузошта, бо як чашмпӯшӣ аз назарҳо ғоиб мешуд.

Замоне, ки чароғро гузошта буданд, тамоми аҳли маҳалла хурсанд шуда, ба он бо меҳр менигаристанд. Сабабҳое пеш омаду ин меҳру алоқа дер напоид. Бо мурури вақт одамон ба чароғ бепарво шуда монданд.

Ғайри чашмдошт, дар миёни чароғу мо – бачаҳои гузар душмании боварнакарданӣ ба вуҷуд омад. Ҳар гоҳ дар гирди он ҷамъ меомадем, ба ҳамдигар дарафтида, тӯппиҳои якдигарро ба самти он ҳаво медодем. Ҳамин ки касе тӯппиро ба чароғ мепӯшонд, бо мергании худ мағрур шуда қабат-қабат гӯшт мегирифт. Чанде гузашту аз ин бозии худ дилзада шудем, чаро ки чароғ тӯппиҳои пистончадору бо наххҳои ранг ба ранг муҷаллоро ба сар кашида боз ҳам зеботар намоён мешуд ва ин гӯё ба ғаши мо мерасид. Аз ин рӯ, ба даст сангу кулӯх гирифта ба сӯйи чароғ ҳуҷум карданро хӯ гирифтем. Дар муқобили ин ҳамлаҳо чароғак хеле нотавон буд: сели кулӯху сангчаҳо чашмаки шишагини чароғи бечораро шикаста ба замин мерезонд. Рафта-рафта Бобои чароғбон ноилоҷ монда, ҳафтае се-чор бор ба чароғ «чашмак»-и нав мебаст. Ба маҳзи ин ки дур мешуд, мо дубора чашмакро «кофта» мегирифтем. Бо ин ҳама, Бобои чароғбон лом-мим намегуфт. Ин одати ӯ бароямон маъқул набуд, мехостем моро поида гардад ва ҳатто касеро аз байнамон дошта лату кӯб кунад. Аммо ин гуна орзуи мо амалӣ намешуд.

Як рӯз, ҳангоми намози шом буд, ки мо як гурӯҳ дар кӯча ҷамъ омадем. Дар байнамон бачаи аз ҳама нотарсу баттол Қосими ланг буд. Ӯ яке садо баланд карда ба гап даромад, ки ҳама бо чеҳраҳои хоколуд ба сӯяш дида андӯхтем:

– Бачаҳо! Ҳамин замон Бобои чароғбон меояд. Мо чароғро мешиканем, бубинем чӣ кор мекунад, – ва худаш, пеш аз ҳама, аз пайи чизе гашт, ки барои задан ба даст ояд...

Сангу кулӯхи беҳисоб шуввосзанон ба парвоз даромаданд ва дар як зум чашмаки шишагини чароғ сӯрох-сӯрох гардид. Ҳамин дам аз дур қомати кӯтоҳу хамидаи Бобои чароғбон намудор шуд. Ба маҳзи расидан ба ҷойи лозим, нардбонча аз дӯш поин омаду бо таъзим ба девор такя кард. Бобои чароғбон ба болои он баромад, «чирт» гӯгирд зад: чароғ ба монанди хонае, ки ба чор тараф афтида бошад, шакли аҷибу ғарибе дошт ва сараш ҳатто ба як сӯ каҷ шуда меистод. Мо ҳама бо ғурур фук ёзонда нигоҳ мекардем, баъзеҳо «пиқ-пиқ» бо мазоҳ хандида монданд. Пирамард ба сони одамҳои бемор баргашту оҳиста ба поин фаромад. Ӯ аз зери абрувони ғафс бо чашмони пӯшида илтиҷоомез ба сӯйи мо рӯ овард ва бо овози маҳин арз кард:

– Эй бачаҳои аз худ рафта, ин чӣ гап? Ба ҳамин чароғ нарасед, осмон омада ба замин мечаспад? Он дар боло сари ҷояш истаду шумо ҳам дар поин бозӣ карда гардед намешавад?

Бачаҳо ҷиму сокит ду дида ба мӯйсафед шуданд.

– Шумо ҳоло ҷавон, чашмони тез доред. Бароятон чи торикию чи равшанӣ фарқе надорад. Вақти хуфтан нарасида ҳамаатон дар оғӯши модарони худ хур-хур ба хоб меравед. Барои мо – пирони солхӯрда бошад, чароғ бениҳоят зарур аст, – гуфт Бобои чароғбон. Бачаҳо гӯшу ҳуш ба ӯ буданд. – Парерӯз шабона борони сахте омад. Гузорам ба ҳамин тарафҳо афтид, кӯча тип-торик буд. Аз шишаи сӯрохи чароғ шамол даромада онро хомӯш кардааст. Чун аз канори ҷӯй мегузаштам, пай бурдам, ки чизе обро шалаппос мезанонад. Ё пирам, чӣ бошад гӯён нури фонусчаи кисагиамро ба сӯйи ҷӯй равона кардам. Дидам, пирамарде аз ман ҳам солхӯрдатар наметавонист аз об берун ояд. Ҳамоно аз дасташ дошта, бо як азоб ба соҳил кашидам, тамоми сару танаш лойолуд ва шип-шилта тар буд.

Яке аз бачаҳо гуфт:

– Эҳ бечора, тасаввур мекунам он лаҳза чӣ сурату ришу фаше дошт...

Мӯйсафед илова кард:

– Ҳама ҷояш касифу гилолуд буд... Баъд ӯро кашола карда то хонааш бурдам.

Бобои чароғбон ҳар чӣ мегуфт, дар пеши назари ман возеҳу равшан муҷассам мешуд. Қосими ланг сухан дар миён овард:

– Дурӯғ, ин гап дурӯғ!

Аз байни бачаҳо яке бо эътироз сухани ӯро бурид:

– Бобо рост мегӯяд!

Ба таъйиди ин эътироз Аҳмад бо субот гап зад:

– Акнун ҳар кӣ чароғро шиканад, ӯро дастгир карда ба бобо месупорем!

Бобои чароғбон хушҳол шуд:

– Боракаллоҳ, дигар намешиканед-а?

Ҳамоно бо як овоз ҷавоб додем:

– Не, не!

Мӯйсафед нардбони хурдакро ба дӯш гузошта дар торикӣ ғоиб шуд.

Аз он пас, дар ҳақиқат, касе ба чароғ зарар нарасонд. Ҳоло ба ҷойи он як чароғаки баркӣ аз даруни тӯри симин атрофро мунаввар месозад. Барои он на касе лозим аст, ки равшан кунад, на кибрит, на равған. Ягон бача ҳам беодобӣ карда санг намезанад. Дар равшании ин чароғак гашта лавҳаҳоеро аз наврасӣ ва Бобои чароғбон ба ёд меоварам.

## БАЧАГӢ
### *(як қитъа ёддошт)*

Бобои пири ман дар тангкӯча, дар назди дари куҳнаю шалақи ҳамсоямон бо як ошнои худ – мӯйсафеди ришдароз, ҷуссадор ва каргӯш нишаста, дар хусуси ким-чиҳое ҳангома мекард. Ӯ ҷуссаи лоғару хурдаки худро ба девор такя дода сари ду по менишаст, асояш дар миёни зонуҳояш тик. Ошнояш бошад, тундмизоҷ менамуд, кафши куҳнаи рангпаридаеро пӯшида, пойҳои баланду сермӯйи худро дароз карда, тахтапушташро ба офтоб дошта, ба замин якпаҳлу зада буд. Аз кӯча аспу ароба намегузарад, шӯру мағале нест. Ҳар гоҳ раҳгузаре расад, «Ассалом!» гуфта мурур мекунад. Яке аз пирамардон ё ҳар ду бо ҳам ҷавоб медиҳанд: «Ва-алайкум…».

Ман дар гирду бари мӯйсафедон тор метанам. Гоҳе асои бобоям ва баъзан асои мисли говрон дарози ошнояшро «асп» карда савор мешавам ва ба изи таёқҳо, ки бар рӯйи хок мемонад, бо иштиёқ чашм медӯзам. Сипас ин чӯбдастҳои хушку сахтро тараққос занонда ба дур мепартоям. Бобоям чашмони пинҳоншуда дар зери абрувони дурушташро бардурӯғ ало карда, бо ангушти ишорат ба ман пӯписа мекунад, ман бо инод асоҳоро ба соҳибонаш бармегардонам. Омада зонуҳои бобоямро ба оғӯш мегирам, як қабза ришашро дар муштам медорам, даҳонашро барои кушодан маҷбур карда дандонҳояшро меҷӯям. Лабонашро ба ду самт кашида мепурсам:

– Ку дандонат?

Бобоям нимадандони сиёҳшудаи ҷоғи болоияшро нишон дода, бо ангушт меҷунбонад, ман ба завқ меоям. Боз ҳам бо дилтангӣ тӯппиамро ба осмон мепартоям, «тап» ба рӯйи хок меафтад. Бобоям тӯппиро афшонда ба сарам мепӯшонад. Сипас ба ҷону ҳолам намонда хоҳиш мекунад:

– Биё, писарам, ҳамон ҳикояти ширини дирӯзаатро нақл кун, аҷаб ҳикояте буд-а!

Чун медонам, то нагӯям ба ман рӯз намедиҳад, ҳикояти ибратомӯзи ёд гирифтаамро гуфта медиҳам. Ҳар ду қиҳ-қиҳ хандида мегӯянд: «Офарин, офарин!». Ошнои бобоям як чашмашро зер карда амр мекунад:

– Хуб, акнун як латифа гӯй!

– Медонад, латифа ҳам медонад, – оҳиста ба пуштам зада мегӯяд бобоям, – кам наёр, писари бобо, ҳамон латифаи аз афандӣ равған гирифтани баққолро нақл кун.

Ман каме гарданшахӣ карда, сипас тӯтивор ба сухан меоям. Бобоям маро ба бағал кашида аз гунаҳоям мебӯсад. Ошнояш ришҳояшро ларзонда механдад ва бо хушҳолӣ мегӯяд:

– Ёду ҳушат ба ҷояш, ҳазорсола шав!

Ман аз нав дунболи бозӣ меравам. Ба назди ҳавзак омада, бо обе, ки аз зери девори нозук баромада ба он мерехт, бозӣ мекунам. Дар оби ҳавзаки тағорамонанд ба андозаи чормағз ду-сето себ ба рақс медароянд, онҳо ба зери шаршари хурдак омада пайи ҳам ғарқ мешаванд. Бароям хеле аҷиб менамояд, чанд гоҳ тамошо карда менишинам. Ба назарам ҳар як себ мехост пешдастӣ кунад, онҳо паси ҳам ба об фурӯ рафта дубора чеҳра мекушоданд. Ниҳоят, сабрам аз даст меравад, хам шуда себҳоро гирифтанӣ мешавам. Ҳамон лаҳза бобоям маро коҳиш медиҳад:

– Ҳой беадаб, боз афтида намонӣ!

Ӯ базӯр сари по хеста аз дастам медорад ва ба самти хона роҳ пеш мегирад. Қоматаш хамида аст, роҳгардиаш суст. Сари ҳар қадам исми «Худо»-ро ба забон меоварад. «Тош сиҳату саломат бошад, Худоҷон, вайро ба ту бахшидам!» гуфта, ягона писараш – додоямро, ки дар деҳа аст, ба ёд оварда дуо мекунад.

Аз дари дулингаи куҳнаи нақшҳои кандакориаш суфташуда ба дохил медароем. Дар саисхонае, ки сутун ва пуштбандҳои ғафсу захим дорад, як сар гови сиёҳтоби кӯри мо хур-хуркунон ба хоб рафтааст. Овози «ку-ку»-и мусичаҳои харидаи бобоям мебарояд. Бобо маро рост ба тарафи кулбае, ки ба саисхона часпидааст кашола мекунад. Ин сӯ он сӯро гашта, аз зери намад як калиди калонро меёбад ва сандуқи пешгаҳро мекушояд. Бо хушҳолӣ ба сандуқ чашм медӯзам. Орзу мекунам аз ширавории коғазпечу тақсимчаҳо – қанд, парварда, карамел, руста(1) ва ҳоказо мушт-мушт бардошта доманамро пур кунаму маза карда хӯрам... Не, бобоям гӯё ҳавасҳои диламро пай мебарад, аз дастам дошта ба канор мекашад. Танҳо як-ду донаӣ қанди шикаста ва карамели часпакро дар кафам мегузораду дари сандуқро даранг-дурунг мебандад. Ӯ таъкид мекунад: «Ба момоят нишон надеҳ, фаҳмидӣ?».

Ман нағз медонам, ки соҳиби ин сандуқ момоям аст ва ӯ шираворро чун гавҳараки чашм нигаҳ медорад. Барои ҳамин, аз хӯрдани қанду қурс дар ҳавлӣ ё нишон додани онҳо ба ҷӯраҳоям худдорӣ мекунам. Дар хонаи ниматорик қандҳоро кусур-кусур хоида тез фурӯ мебарам. Чӣ шуду ногаҳон ба кулба момоям даромад. Пиразани қадбаланди лоғар чашмонашро калон кушода садо баланд мекунад:

– Ин қадар туро нағз мебинад, ин қоқина бобоят!

Ман давида ба ҳавлӣ мебароям ва ба бародарам Исомуҳаммад, ки танҳо худаш дар таги себ ҷиму сокит бозӣ мекард, қанду қурси дастамро намоиш медиҳам. Ӯ оромона, бе шӯру ҳаяҷон, нороҳат нашуда назаре меафканад-мемонад. Модарам, ки дар айвон нишаста тӯппӣ медӯхт, садои моморо шунида, бо аломати нороҳатӣ пешонӣ чин мекунад ва боз қулоч кашида нахдӯзиашро идома медиҳад. Ӯ ки аз арӯсҳои муъмину дӯстдоштаи момоям буд, аз хатти кашидаи вай берун намерафт, бо ӯ вориди баҳс намешуд...

---

* **Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна** – ба таври мухтасар «САГУ» мегуфтанд: Средне-азиатский государственный университет; бо ин ном аз соли 1923 то соли 1959 ёд мешуд. Солҳои 1917 – 1923 Донишгоҳи давлатии Туркистон ном дошт (ТуркГУ). Пас аз соли 1960 номи Донишгоҳи давлатии Тошканд ба номи В.И. Ленин (ТашГУ)-ро мегирад ва муқаддаман аз соли 1995 Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек аст *(шарҳи мутарҷим)*.

(1) **руста** – навъи ҳалвое, ки аз қанд ва мағзи бодому дона тайёр мекунанд

## Абдулло Қаҳҳор
## (1907 – 1968)

*Абдулло Қаҳҳор 17 сентябри соли 1907 дар шаҳри Хӯқанд дар оилаи оҳангар зода шудааст. Нависандаи мардумии Ӯзбекистон (1967). Фориғуттаҳсили факултаи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна (1930).*

*Нахустин шеъри ҳаҷвии ӯ бо номи «Вақте ки маҳтоб месарояд» бо тахаллуси «Норин шилпиқ» дар маҷаллаи «Муштум» ба табъ расидааст (1924). Адиб бо ироа намудани ҳикояи «Одами бесар» (1929) ба майдони бепоёни наср қадами устувор мениҳад ва то охири умр босамар эҷод мекунад. Нахустин маҷмӯаи ҳикояҳои ӯ – «Ҷаҳон ҷавон мешавад» (1935). Сипас пайи ҳам маҷмӯаи достонҳои кӯтоҳаш («Ҳикояҳо») ба табъ мерасанд (1935, 1936). Дар ин мобайн романи «Сароб»-ро низ таълиф намудааст (1935). Бо романи «Чароғҳои ҷуфтчинор» (1951) ва қиссаҳои «Фотимачумчуқ» (1958), «Афсонаҳои қадим» (1965), «Муҳаббат» (1968) дар пешрафти насри ӯзбек саҳми босазо мегузорад. Ӯ бо асарҳои саҳнавии «Шохи сӯзанӣ» («Замини нав», 1949 – 1953), «Дандонҳои дарднок» (1954), «Садо аз тобут» (1962), «Очаҳои меҳрубонам» (1967) худро ба унвони драманавис муаррифӣ мекунад. Аз осори Пушкин, Толстой, Гогол, Чехов намунаҳоеро ба ӯзбекӣ тарҷума кардааст.*

*Абдулло Қаҳҳор 25 майи соли 1968 дар шаҳри Маскав бо ҷаҳони ҳастӣ падруд мегӯяд. Марқади ӯ дар хокҷойи авлодии Форобии Тошканд воқеъ аст. Пас аз вафоташ дар соли 2000 бо нишони «Буюк хизматлари учун» (Барои хидматҳои шоиста) тақдир мешавад.*

*Бояд гуфт, ки тоҷикзани самарқандӣ, равшанфикр, адабиётшинос ва мутарҷими моҳир Кибриё Қаҳҳорова ҳамсари дуюми Абдулло Қаҳҳор аст. Онҳо моҳи апрели соли 1945 издивоҷ кардаанд. Ӯ қариб тамоми асарҳои шавҳари худро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст.*

## ҲАЗОРУ ЯК ҶОН
*(ҳикоя)*

Рӯзҳои охири март. Пораҳои абр бар рӯйи сабзазор шинокунон бо як мижазанӣ пеши офтобро мегиранд. Ҳар гоҳ хуршеди тобон аз пушти абрҳо ханда мекунад, ба назар мерасад, ки гӯё аз аввал ҳам бештар мехоҳад анвори равшану гарми худро бар рӯйи гиёҳу сабзаҳои ғофилмонда аз омадани баҳор ва ҳар гуна гамбуску ҳашараҳои бедоршуда пош диҳад.

Мирраҳимови ба наздикӣ бистаришуда, ки марди қадпасте буду дар як хилъати кабудранги аз ҷуссааш ба маротиб калон печида, ба мисли муши аз остинча сар бароварда аз тиреза ба берун нигоҳ карда менишаст, ногаҳон дуд гирифт: «Чунин ҳавои форам бошаду одам бо чор ишкели бутун ба кӯча набаромада, дар назди тиреза хира шуда нишинад-а!».

Мирраҳимов бо вуҷуди ҷуссаи хурд овози дағале дошт ва бар замми ин наметавонист ором гап занад. Парастор доду фарёди ӯро шунида тозон даромада омад ва ба ӯ дил дода, «бо дард бисоз, то ба дармон бирасӣ» гӯён, ба маънии ибрат гирифтан Мастура Алиеваро мисол овард.

Дар воқеъ, Мастура бемори вазнине буд, ки ҳашт моҳ боз аз ҷойи хобаш берун намеомад. Ӯро ҳар як бемористонӣ мешинохт, ҳар кӣ фурсат меёфт, даромада аз ҳолаш хабар мегирифт. Бо сухани парастор ҳисси одамгарии Мирраҳимов низ ҷӯш заду гуфт:

– Ҳамин бечора занро як рафта ҳолпурсӣ кунам! Се рӯзаш мондааст ё не, Худо медонад. Мегӯянд, рӯз то рӯз хушк шуда меравад...

Парастор оҳ кашида илова кард:

– Оре, хеле вазнин аст, даҳ сол дард кашидан осон не!

Ҳоҷиакаи бемор, ки дар тахтхоби пойгаҳ дароз кашида китоб мехонд, фарбеҳии худро нодида гирифта, як он сар боло кард ва айнакашро аз чашм бардошта бо шигифт пурсид:

– Даҳ сол? Яъне даҳ сол бемор аст?

– Ҳа, даҳ сол. Мегӯянд, пас аз як соли шавҳар кардан бечора ба ин дард мубтало шудааст. Аз гулуяш ҳеҷ чиз намегузарад. Хӯрокро аз шикам медиҳанд... Сӯрох дорад... Гоҳе худаш, гоҳе шавҳараш «мехӯронад».

Чашмони Ҳоҷиака ба бозӣ даромаданд.

– Шавҳараш? Оё шавҳар дорад?

– Дорад. Дар ҳамин ҷо. Панҷ моҳ аст, ки паҳлуи якдигаранд!

Ҳоҷиака чанд муддат лолу ҳайрон монда, ниҳоят афзуд:

– Даҳ сол бемордорӣ карда, боз ҳам дар шифохона бо ҳаманд?

– Э нагӯед! – суханашро давом дод парастор. – Аз духтурон ҳазору як бор хоҳишу илтимос карда ба палата тахти хоб гузаронд.

Ҳоҷиака аз ин зани ба дард тобовар дида, бештар ба дидани марде, ки ин қадар вафодорӣ дорад, иштиёқманд шуд ва камарбанди хилъаташро маҳкам баста, дампойиҳояшро пӯшид.

– Биёед, роҳ афтед, одамҳои табаррукӣ будаанд, зиёрат мекунему бармегардем.

Парастор зудтар барои хабар додан ба Мастураву шавҳараш баромада рафт.

Фурсате нагузашта, Ҳоҷиакаи шикамкалон пеш-пешу мо аз қафо аз роҳрави дароз гузашта ба самти палатаи даҳум равон шудем. Дар назди дари палата моро ҷавоне сиёҳчурда ба монанди ҳиндиҳо, ки чашмони калон-калонаш медурахшиданд ва маълум буд шавҳари Мастура аст, бо камоли эҳтиром пешвоз гирифт. Ба ҳар яки мо изҳори сипос карда ба дохил мушояат намуд. Вориди палата шудем. Дар ҳамин асно офтоб дубора ба паси абрҳо гузашту утоқ торик шуда рафт. Аз тахтхоби самти чапи тирезаи калон садои сусту заиф, не, овози маҳине шунида шуд:

– Биёед... Раҳмат! Одам ба одам зинда аст, ҳазор раҳмат! Акрамҷон, курсӣ диҳед...

Офтоб аз нав рӯ боз кард. Мастураро равшан дидем... Дар пеши назарамон бемор не, як наъш, воқеан ҷасаде мехобид, ки пӯсташ заб-зард шуда, тамоман устухонӣ ба назар мерасид ва ду чашми бозаш дар косахона фурӯ рафта буданд... Одаме, ки баногоҳ ҷунбидани даст ё пойи мурдаро дар дохили тобут бинад, ба чӣ ҳол меафтад? Ранги рӯйи мурдавор кандагӣ ва чашмони ялтосии ӯро низ дида кас ба ҳамон ҳолат меафтод.

Ҷавоне, ки моро пешвоз гирифт – Акрамҷон курсӣ гузошт. Ману Мирраҳимов нишастем. Ҳоҷиака бо гавдаи фарбеҳи худ пеши Мастураро гирифта сари по рост монд. Курсии паҳлуямро лағжонда, аз домани Ҳоҷиака кашиданӣ шудам, ки шикамаш ҷунбида рафт... Во аҷаб, чаро ин инсон аз по меафтад гӯён ба рӯяш нигоҳ кунам... ранги симояш чун дока кандааст! Тарсидани ӯро пай бурда, парастор бо ҳарос илоҷ ҷуст:

– Э вой, Ҳоҷиака, ба шумо додани доруро фаромӯш кардаам, биёед! – гуфт ӯ ва Ҳоҷиро дастгирон аз дар баромад. Гумон доштам Ҳоҷӣ то роҳрав нарафта аз по меафтад, не, хайрият ки садои гумбуррос шунида нашуд...

Парастор коре карда Ҳоҷиро гирифта баровард, лекин ин ноҳинҷорӣ аз чашми Мастура пинҳон намонд. Ҳолати ногуворе ба миён омад. Ману Мирраҳимов надонистем чӣ гӯему чӣ кор кунем. Оҳиста чашм давонда фаҳмиданӣ шудам, ки ин ҳол ба бемор чӣ гуна таъсир мегузорад. Дар лабони рангпаридаи Мастура табасссум дамид, ӯ ба шавҳараш рӯ оварда гуфт:

– Акрамҷон, дар дафтаратон ёддошт кунед: се марди майдон ба дидани ман омаданд, яке базӯр фирор кард ва ду нафари дигар гурехта натавониста шишта монданд.

Мастура қиқиррос зада хандид; дубора ханда кард, мисли бачаҳо худро дошта натавониста беист хандидан гирифт. Ин ҳазли ӯ, ба хусус, завқи беандозааш сараввал хунук, ба дараҷае, ки пӯсти касро ба вараҷа меовард, хеле сарду ноҷӯр баромад. Оҳиста-оҳиста чунин ба назар намуд, ки пардаи марг аз рӯйи Мастура бардошта шуд, чашмони тобонаш ба чеҳраи мурда ҷон мебахшанд. Ҳамин ки Мирраҳимов бо манзури узрхоҳӣ аз бобати рафтори Ҳоҷиака ҳарфе гуфтанӣ шуд, Мастура сухани ӯро аз даҳонаш гирифт:

– Ин чизҳо ба ман таъсире надорад, – гуфт ӯ, – Акрамҷон, ба инҳо ҳодисаи тобутро нақл кунед... не, не, худам мегӯям! Аз он воқеа панҷ сол гузарад ҳам, ҳеҷ аз пеши назарам дур намешавад... Як рӯз барфи ғафс борида буд. Ман дар муқобили тиреза айнан ҳамин хел дароз мекашидам, Акрамҷон ҷӯробҳояшро дарбеҳ мезад, ба фикрам. Ногаҳон дарвозаи берун боз шуду як чизи сурхранг даромада омад, чӣ бошад гуфта нигоҳ кунам – тобут! Ду нафар ошнои Акрамҷон тобутеро бардошта ба ҳавлиамон медаромаданд! Дилам шуввӣ рехт... Э вой, наход ки ҷон таслим карда бошам... То замоне, ки ҳушу ҳавосамро ҷамъ карда ба Акрамҷон гапе гуфтанӣ будам, он ду нафар тобутро ба девор такя дода, ба хона даромаданд; даромаданду ҳар ду ба мисли он Ҳоҷиакаатон, аз шарри шайтон, бедасту по шуданд. Акрамҷон дар ҳайрат... Алқисса, фаҳмидем, ки саҳарии ҳамон рӯз касе аз ошноёни мо дар автобус бачаеро мебинад, ки бо хӯрӣ гирякунон мегуфтааст: «Аз байн рафт, моро монда рафт!». Ӯ ба додари ман хеле монанд будааст. Бо ҳамин он гап аз даҳон ба даҳон паҳн мешавад... Сипас, тобутро шикаста дар оташдон ҷой карданд. Бубинед, ки он воқеа ҳам ба ман таъсире нагузошт. Шояд ин гуна амалҳо ба дили бемор сахт мерасад, аммо банда ҳеҷ гоҳ мунтазири марг набудаам ва интизор ҳам нахоҳам шуд! Агар боз ҳам пурсед, ман асло бовар надорам, ки ягон фарзанди одам бо ёди мурдан бошад, яъне аз дунё дасту дил шӯяд. Ҳатто беморе, ки аз забон монда, бо нигоҳи розигӣ хостан дида меандӯзад, маънии аз дунё дасту дил шустанро надорад. Ман ин ҳолатро чунин мепиндорам, ки бемор орзу мекунад касе барояш гӯяд: «Барои ризоят пурсидан ҳанӯз зуд аст». Ӯ бо умедвории шадид ба дунёи бепоён, ба ҳастии бемонанд дида медӯзад.

Акрамҷон аз суҳбати беолоиши ҳамсараш бо мо мамнун буд, бо вуҷуди ин, чеҳрааш гувоҳӣ медод, ки аз хаста шудани Мастура нигарон аст; саъй мекард ба хотири камтар сухан гуфтани зан бештар моро ба ҳангома кашад ё худаш гап занад. Аз ин рӯ, ба Мирраҳимов рӯ оварда пурсид:

– Дарди шумо чӣ аст, бародар?

Мирраҳимов якбора аз се дарди худ ёдовар шуд. Мастура беихтиёр садо баланд кард:

– Вой ман мурам! Дар як тарит ҷонато-я?! Дар ҳамин ҷуссаякатон се дард ғунҷид?

Ҳама заданд зери ханда! Ба хусус, Мирраҳимов бо шавқ хурсандӣ кард. Сухан аз бобати бморӣ ва маргумир хотима ёфт. Акрамҷон дар идомаи ҳангомаи гарм хуштабъии Мастурaро идома дод, дар мутоибагӯйӣ пӯсту устухон надоштааст. Чи дардҳои олам, чи беморӣ – ҳамаро аз ёд бурда хеле хушҳолӣ кардем. Лекин, дағалии садои Мирраҳимов ба шасти суҳбат лагад зад: сардухтур аз роҳрав гузашта истода, овози дурушти ӯро шунид магар, дарро кушод ва ба Мастура зеҳн монда, хастагии ӯро пай бурду ҳамоно моро аз палата берун кард. Акрамҷон аз қафои мо баромад. Ӯ бо хушҳолӣ изҳор дошт, ки ин илтифотамон барои Мастура беҳисоб қувват бахшид. Хеле дилхуш менамуд, аз чашмони ашкзойи ӯ ҳувайдо буд, ки наметавонад сипоси бепоёни худро комилан баён кунад. Ба назар мерасид, омода аст ба хотири як дақиқа осоиши Мастура ҳатто чашмони хешро кофта диҳад.

Ба утоқи дармони худ баргаштем. Ҳоҷиака бар рӯйи тахтхоб паҳлу зада, қандчойхӯрон худро шамол медод. Дар хусуси вазъияти ноҷӯри ба амаломада ӯ ҳам чизе нагуфт, мо ҳам дам назадем. Бо Ҳоҷиака гап задан як тараф истад, ману Мирраҳимов то бегоҳӣ ҳатто ба якдигар лаб накушодем; зоҳиран, тамоми вуҷуди мо бо Мастура банд буд, ҳарфе намеёфтем бигӯем, ки таассурот, хаёлҳо ва ё ҳиссиёти чун гирдоб чархзанандаро ифода карда тавонад.

Шаб шуд. Ҳоҷиака бо хур-пуфи начандон баланд ба хоб рафт. Мирраҳимов чандин бор аз як паҳлу ба паҳлуи дигар гашта, ниҳоят, бедор будани маро пай бурду сарашро бардошт ва гуфт:

– Ин зан на якто, балки ҳазору якто ҷон дорад! Ҳоло як ҷони ӯ, ки мисли шамъи тамомшуда базӯр равшан аст, баногоҳ хомӯш шавад ҳам, ҳазорто ҷони боқимондаашро фурӯзон карда пас мемирад. Ана ҳамин бовар Мастураро водор мекунад, ки ба мурдан таслим нашавад.

Мирраҳимов чанд муддат хомӯш истоду боз ба гап даромад:

– Шавҳарашро намегӯйӣ, шавҳарашро?! Аз рафтори ин ҷавон маълум, ки ӯ низ ҳазору як умр дорад ва ҳоло танҳо яктоашро барои Мастура қурбон мекунад.

Фардои он рӯз дар хусуси Мастура боз як гапи нохуш шунидем: бар замми ин ки аз гулуяш чизе намегузашт, дар шикамаш тез-тез об ҷамъ мешудааст...

Бо гузашти айём ҳама ба чор сӯ пароканда шудем. Мирраҳимов ба МТС-и худаш, Ҳоҷиака ба осоишгоҳ рафт.

Аз миён хеле вақт гузашту гузорам ба ин маҳалҳо афтод ва натавонистам бемористонро зер карда гузарам; ворид шуда аз парастор шунидам, ки пас аз як соат Мастураро ба ҷарроҳӣ медаровардаанд. Духтурҳо «ба мизи ҷарроҳӣ тоб намеоварад» гӯён панҷ моҳ раъйи ӯро гардонда меомадаанд, вале дар ниҳоят нашуд, Мастура «агар бимирам даъвое надорам» гуфта забонхат додааст.

Хостам ӯро бубинам, духтур иҷозат надод. Мунтазир мондам, зеро гумон мекардам, ки агар ба суроғаш омаданамро фаҳмаду суханҳои дилбардориамро шунавад, шояд дардаш сабук гардад.

Лаҳзаи амал фаро расид, Мастураро парастору Акрамҷон аз ду бағалаш дошта оварданд. Лекин, ба маҳзи баромадан аз дар ӯ ҳар дуро ба ду ҷониб тела дода худаш роҳ гашт; қадамҳои устувор партофта дари ҷарроҳхонаро боз кард ва ба дохил даромад. Акрамҷон гӯшу ҳуш ба ҳамсараш буд, омадани маро пай набурд. Мастура нигоҳе ба сӯям афканд, аммо нашинохт магар, ҳарфе назад.

Азбаски духтурон аз таҳи дил ин амали ҷарроҳиро намехостанд, ҳоли бемор ҳам мисли рӯз равшан буд ва росту беҳарос ба марг рӯ ба рӯ истодани Мастура дар торикӣ тарона гуфтани касеро ба хотир меовард, нахостам мунтазири натиҷаи ҷарроҳӣ бимонам. Он рӯз бегоҳӣ ба бемористон телефон кардам, гӯшӣ дар дастам меларзид. Не, Худоё шукр, хабар доданд, ки Мастура сиҳату саломат аз зери теғ баромадааст.

Баъд аз он ба сафари дурударозе баромадам, аз сарнавишти Мастура бехабар будам, агарчи ӯро тез-тез ёд мекардам; бесаброна, шояд аз худи ӯ ҳам бештар орзу мекардам, ки ҷони аз оҳан сахттари ин одам ҳарчи зудтар шифо ёбад, зиндагӣ кунад, умри дароз бинад. Ҳамин тавр, аз миён се сол гузашту Акрамҷонро бо як зани бегона дидам. Ба дидан дидаму камтар монд аз алам фарёд занам...

Фикр намекунам ҷашни пахта дар ҷойҳои дигар ҷолибтар аз Мирзочӯл гузарад, чаро ки ба ин ҷо одамон аз шаҳру вилоятҳои мухталифи кишвар меоянду бо худ оҳангу суруд ва бозиҳои худро низ меоваранд.

Мо – ёру дӯстон ҷашни пахтаро дар маркази ноҳия гузарондем. Ман Акрамҷонро бо он зане, ки гуфтам, дар ҳамин ҷо, дар роҳи хуруҷии маркази ноҳияи Гулистон дидам. Зани ҷавони тирагунаи хушқомате, ки қадди мутавассит дошту вуҷудаш бо неруву ғайрати ҷавонӣ моломол менамуд, дар канори ҷода бар пушти зини асп нишаста себ мехӯрд. Акрамҷон камарбанди аспи худро маҳкам мекард. Ӯ маро дида ба ҷавонзан чизе гуфт. Бону ҳамоно аз асп пиёда шуд. Ҳар ду бо шитоб ба сӯям омаданд. Онҳо ба монанди дӯстони қадима аз дилу ҷон бо ман ҳолпурсӣ карданд. Аммо камина бо ёди Мастурае, ки аз палата баромада ба хонаи ҷарроҳӣ мерафт, ҳеҷ натавонистам гарм дидорбинӣ кунам: Барои Акрамҷон коре карда бағал кушодам, аммо ба зан бо нӯги даст салом додам. Ҷавонзан аз хӯрҷини асп ду дона себ гирифту якеро ба ман дароз кард ва гуфт:

– Амакҷон, мебинам, ки маро нашинохтед?

– Ситораат гарм менамояд, аммо...

Зан себи дасташро аз болову поин чанд бор газиду нахоида фурӯ бурд ва дубора суол кард:

– Боз ҳам надонистед?

Шинохтам! Фақат аз чашмонаш! Оре, ин ҷавонзане, ки бо лабханд ба олам нур мепошид, Мастура буд. Бедасту по пурсидам:

– Чӣ кор мекунед дар ин ҷоҳо?

Мастура хандид ва гуфт:

– Ҳама саъю неруи худро ба кор сарф мекунам.

– Ҳангоми ба хонаи ҷарроҳӣ даромадани шумо ман дар роҳрав меистодам, шояд аз дасти ҳаяҷони ботинӣ буд, ки маро нашинохтед.

– Не, амак, – гуфт Мастура каме бо хиҷолат, – бубахшед, он замон қасдан гап назада будам. Агар ҳолпурсӣ мекардам, ба ман тасаллӣ медодед. Он замон ҳар як сухани тасаллӣ ба бовариам рахна мезад, ба дилам ғулғула меандохт...

То дервақт домани суҳбат густурдем. Зану шавҳар аспони худро кашолакунон то хеле ҷо маро гусел карданд ва пас аз хайрухуш ба самти чап асп ронда рафтанд.

Ман дар саҳрои васеъ аз қафои Мастураю Акрамҷон, ки ба мисли лочин парвоз мекарданд, нигоҳ карда мондам. Ҳар ду то хатти уфуқ расида, баногоҳ яке аз онҳо ба қафо баргашт ва дар як зум ба ман наздик шуд. Мастура будааст, чанд қадам дуртар аз ҷода истода арз кард:

– Амак, ба Ҳоҷиака салом гӯед, – ва дубора ба самти уфуқ, ба тарафи Акрамҷон аспашро қамчин зад.

Пас аз бозгашт ба шаҳр барои расондани амонати Мастура ба суроғи Ҳоҷиака баромадам, вале натавонистам саломи ӯро расонам. Шунидам, ки Ҳоҷиакаи бечора қазо кардааст.

## Ҳамид Ғулом
## (1919 – 2005)

*Нависандаи мардумии Ӯзбекистон Ҳамид Ғулом 25 апрели соли 1919 дар шаҳри Тошканд, дар хонаводаи омӯзгори мусиқашинос ба дунё меояд. Пас аз хатми мактаби миёна дар Донишкадаи саноати Осиёи Миёна (1935—1937) ва Донишкадаи омӯзгории ба номи Низомии шаҳри Тошканд (1938—1941) таҳсил мегирад. Сипас дар идораи «Қизил Ӯзбекистон» (Ӯзбекистони сурх, 1938–1941), нашриёти давлатии «Ӯзбекистон», кумитаи радиои ҷумҳурӣ ва рӯзномаи «Ӯзбекистон овози» (1944–1955) вазифаҳои рӯзноманигорӣ, веросторӣ, сармуҳаррирӣ ва мудириятро ба сомон мерасонад.*

*Ҳамид Ғулом соли 1954 бо роҳхати Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон барои илмомӯзӣ ба Донишкадаи адабиёти ҷаҳони ба номи Горкийи Маскав (1955–1956) меравад. Аз он пас ба унвони мухбири махсуси рӯзномаи «Литературная газета» дар Ӯзбекистон (1956–1958), котиби Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон (1958—1965), сармуҳаррири маҷаллаи «Шарқ юлдузи» (Ситораи Шарқ, 1965–1972) ва мудири нашриёти адабиёт ва санъати ба номи Ғафур Ғулом фаъолият мекунад.*

*Адиб аввалҳои солҳои сиюми асри бист бо шеърҳои «Урдугоҳи мо», «Одам», «Чароғон ба мисли хуршед» (1936) вориди адабиёт мешавад. Бо ҳидояти насли калони адабиёт, аз ҷумла, Ғафур Ғулом, Ҳамид Олимҷон, Мақсуд Шайхзода ба камол мерасад. Дар солҳои ҷанг ашъор ва балладаҳои ӯ, ба мисли «Ман қасд дорам» (1942), «Катерина» (1942), «Ҳайкал» (1943), «Бодҳои Укроин» (1943) эҷод шудаанд. Ва дар идома асарҳои адиб бо номҳои «Таронаҳои ман» (1949—1956), «Дар соҳили Днепр» (1949), «Дар роҳи ғалаба» (1952—1956) ба мавзӯи муборизаи қаҳрамононаи халқ бар зидди фашизм бахшида шудаанд. Ҳамчунин маҷмӯаҳои шеърии шоир бо номҳои «Оҳангҳои ватан» (1949), «Боғи нав» (1951), «Қитъаҳои бедор» (1960), «Қалби ошиқ» (1974), «Роҳи тӯлонии вафо» (1988) ба чоп мерасанд.*

*Ҳамид Ғулом муаллифи қиссаҳои «Духтари алмос» (1956), «Ёзёвон», романҳои «Машъал» (1958 – 1961), «Ба ту иштиёқ дорам» (1963), «Тошкандиён» (1967), «Атри бунафша», «Абадият» (1976), «Машраб» мебошад. Ба унвони мутарҷим намунаҳоеро аз осори Абулқосим Фирдавсӣ (аз достонҳои «Шоҳнома»), Пушкин, Лермонтов, Шекспир (асари саҳнавии «Шаби дувоздаҳум»), Шевченко, Лоне де Вега ба ӯзбекӣ баргардондааст. Асарҳои мазҳакавии адиб таҳти асомии «Ҳикояи Фарғона», «Тошболтаи ошиқ», «Арӯсии писар», «Савдоҳои аҷоиб» ва драмаи мусиқии «Навои муҳаббат» ба ҳукми тамошобинҳо ҳавола шудаанд.*

*Ҳамид Ғулом 21 августи соли 2005 дар Тошканд вафот мекунад.*

*Ҳамид Ғулом Арбоби шоистаи ҳунари Ӯзбекистон (1969) ва Нависандаи мардумии Ӯзбекистон (1979) мебошад. Бо нишонҳои давлатии «Эл-юрт ҳурмати» (Маҳбуби халқу ватан, 1998) ва «Меҳнат шуҳрати» (Шуҳратёри кор, 2004) тақдир шудааст.*

*Ҳамид Ғулом ба асосгузори адабиёти тоҷик Садриддин Айнӣ эҳтироми хосса дошт. Чандин бор бо ӯ мулоқот карда, аз донишу панду андарзҳояш комёб гаштааст. Дар ёддоштҳои худ аз бузургии аллома Айнӣ ёдовар мешавад.*

## РОҲҲО, СОЛҲО, УСТОДҲО
***(Қитъаҳо аз асар)***

... Тошканд. Гузари Арпапояи аввал. Бо ин ном се гузар буд. Нахустинаш (агар ба нақшаи имрӯзаи Тошканд нигоҳ кунем) маҳаллаҳои воқеъ дар атрофи чаҳорроҳи кӯчаҳои Ӯзбекистону Олмазорро фаро мегирад. Наҳре, ки имрӯз аз майдони Бешоғоч сар шуда канораҳои кӯлро лесида мегузарад, аз бағали театри Муқимӣ қад-қади кӯчаи Олмазор ба самти масҷид ҷорӣ мешуд ва дар роҳ ба рӯди Исломобод мепайваст. Замонҳои пеш ин наҳри пурсарусадоро аз гузари Бешоғоч то

рӯди Исломобод ҷӯйбори Арпапоя меномиданд. Оби он ба таври мунтазам дуто обҷувоз ва як осиёбро гардон мекард.

Дар кӯчаҳои тори гузари Арпапояи аввал бештар аробакашон мезистанд. Онҳо асосан бо кашондани зуғолсанг машғул мешуданд. Ин паҳлавонмардон ҳадди ақал дую ним газӣ қад доштанд ва хеле тануманд буданд, аспони худро гоҳ-гоҳ дар лаби ҷӯйбори Арпапоя оббозӣ медоронданд. Мо – бачаҳои панҷ-шашсолаи хурдсол дар соҳилҳо зону зада онҳоро тамошо мекардем. Баъзан моро ба аспҳои худ нишонда, дар ҷойҳои васеи об сар медоданду худашон дар зери се дарахти садаи сершоху барг, ба рӯйи катҳо нишаста чойхӯрӣ мекарданд.

Аммо гузари Арпапояи аввал на бо аробакашони худ, балки бо боғи Форобӣ ва мактаби ҳамноми дохили боғ маъруфият дошт. Хонаи мо сад метр дуртар аз мактаб ҷойгир шуда буд ва аз ҳавлии мактаб метавонистем осонакак ба боғ гузарем.  Дар чунин ҷое зиндагӣ кардан барои мо барин бачаҳо хеле лаззат мебахшид.

Бобоям як нафар марди донишманд ва шинохтаи замони худ буд, дар шаҳр бо номи Мулло Ғулом шуҳрат дошт. Ӯ якуми сентябри соли 1925 дасти маро – набераи шаш солу чаҳормоҳаи худро гирифта ба мактаби ба номи Форобӣ бурд. Дар ҳавлии мактаб, дар зери дарахти тути бузург партаҳои синфхонаро пушти ҳам чида буданд ва он ҷо марди қоматбаланде дар иҳотаи бачаҳо меистод. Бобоям маро ба ӯ супурда гуфт:

– Афандӣ, ин ҳам ба шумо донишомӯзи нав, гӯшташ аз шумою устухонаш аз мо, бо ғайрат дарс диҳед!

Садои зангӯла баланд шуд, бачаҳо партаҳоро тараққос занонда дар ҷойҳои худ нишастанд. Муаллимамон ба паҳлуи тахтаи сиёҳи ба дарахти тут мехшуда рафт, ба даст як бӯру як пора латта дошт. Дарс оғоз ёфт...

Теппагии дарахтзоре, ки аз канори мактаб то рӯди Исломобод тӯл мекашид, боғи истироҳат буд ва вусъати доманаҳои боғ то ҷӯйбори Зевак мерасид.

Ҳар бегоҳӣ катҳои қатор, курсиҳои хиёбонҳо, чаҳорпояҳои канори ҷӯйбор бо одамони ҳангомадӯст пур мешуд, чойхонаҳо гавҷум буданд, дар майдони теппагӣ бозиҳои куштӣ доир мегардид, дорбозчиён ҳунарнамоӣ мекарданд. Болотар як саҳни тобистона ҳам буд, ки дар он ҷо барномаҳои ҳунарӣ ва саҳнавӣ баргузор мешуд.

Ҳоло чандин сол аз миён гузаштаасту дар уфуқи хаёлоти ман хотираҳои соли 1925 шабеҳи нуқоти дурмонда зинда мешаванд, саъй мекунам ба ҳар лавҳаи дар ёд монда ҷон бахшам.

***

Яке аз барномаҳои ҳунарие, ки як бегоҳӣ дар ҳамон саҳни тобистона ба намоиш гузошта шуда буд, ҳанӯз дар ёдам ҳаст.  Дар саҳнаи намоишӣ як бойбача бо рафиқаш дар хонаи худ сандуқро шикаста дуздӣ мекунад. Пайи ҳам рафтори бади ҷавони разил – қиморбозӣ, бадмастӣ, фаҳшкориҳояш фош мешавад. Дар он шомгоҳон намоиш додани асари «Падаркуш»-и Беҳбудиро ман дертар донистам.

Ҳамчунин ҳар як устоди созу наворо, ки бар рӯйи катҳои боғи истироҳат нишаста ҳунарнамоӣ мекарданд, баъдан шинохтам ва бо баъзеи онҳо солҳои тӯлонӣ дӯст шудаму ҳамкорӣ кардам. Дар миёни онҳо найнавози маъруф Абдуқодир Исмоилов, ҳунарманди бузург Юнус Раҷабӣ, ҳофизи оҳангҳои пешина Мулло Тӯйчӣ Тошмуҳаммадов, танбӯрнавози моҳир Рихсӣ Раҷабӣ, Аҳмадҷони қӯшнайнавоз низ буданд.

Аз миёни ҳаммактабиёнам бошад, чандин алломаро метавон номбар кард. Вале ҳоло бо зикри ду нафари онҳо кифоят мекунам. Яке академик Воҳид Зоҳидов аст, ки ҳам мактаб ва ҳам донишгоҳро бо муваффақият тамом кардааст. Дар синни бистсолагӣ назариёти фалсафии Мирзо Фатҳалӣ Охундовро таҳлил намуда, номзади илм шудааст. Бо таҳлилу баррасии ҷаҳонбинии фалсафии Алишер Навоӣ бошад, кори доктории худро дифоъ мекунад. Он замон Воҳид Йӯлдошевич ҳанӯз ба синни сӣ нарасида буд!

Дувумин марди накӯноме, ки исми ӯро низ бо эҳтиром ба забон мегирам, корманди муассисаи табъу нашр Собит Тоҳиров аст. Ӯ кори худро аз ҳуруфчинӣ оғоз намуда, ба сатҳи созмондиҳандагони бурдбори муассисаҳои табъу нашр расид ва солҳои зиёд ба чопхонаи Офсети Тошканд раҳбарӣ кард.

Метавон гуфт, мактаби ба номи Форобӣ тайи солҳои 1925-1932 як авлоди ҷавонони боистеъдодро бо маънавияти воло тарбият дод. Мо ҳамзамон бо дарс хондан, дар як талошгоҳи фарҳангӣ ва даргоҳи ҳунар ба камол расидем.

***

Ҳамин ки ёди устодонро мекунам, пеш аз ҳама симои Ғафур Ғулом, ҷуссаи тануманду дастони калон-калонаш, абрувони баланд ва нигоҳҳои ҷиддию хӯрдагири ӯ дар мадди назар ҷилвагар мешавад.

Як рӯз аз назди чойхонаи теппаи Ҷангоби Эскиҷува мегузаштам, ки дар он ҷо Ғафур Ғулом бо улфатони худ менишастанд.

– Ҳӯй, биё ин ҷо! – маро дида садо зад ӯ ва ҳамин ки наздиктар рафта салом додам, ӯ дар ҳаққи ман ба ҳамсуҳбатони худ таъриф кард: – Ин ҳамон ҷавоне аст, ки аз машқи шеър хаста намешавад – Ҳамид Ғулом. Ман бошам, Ғафур Ғулом. Яъне ҳар дуи мо бачаҳое ҳастем, ки аз шиками як модар бо талош ба дунё омадаем. Ва шумоён гувоҳ ҳастед, ки аз имрӯз муқаддам мо бо якдигар бародарем.

Ҳамон воқеаи одӣ буду мо ба якдигар дасти бародарӣ додем. Аз он пас, хоҳ аз Тошканд, хоҳ аз Маскав ҳар кӣ мепурсид, Ғафурака аз ман пештар мегуфт:

– Оре, мо бо ҳам бародарем.

Зарфи муддати сию чаҳор сол, то охирин лаҳзаҳои ҳаёти Ғафурака ман ба қаробати устодию шогирдӣ ва ин боварии самимӣ эҳтиром гузошта омадам.

Эҷод лаҳзаҳое дорад, ки чун ситора медурахшад. Ман ин гуна лаҳзаҳоро дар эҷодиёти Ғафур Ғулом борҳо мушоҳида кардаам. Рӯзҳое ба ёдам меояд, ки Ғафурака «Отелло»-ро тарҷума карда буд... Оре, дар хусуси айёме, ки «Отелло», осори Пушкину Лермонтов тарҷума шуда буданд, рӯзҳои офаридани асарҳои «Бачаи шум» ва «Ёдгор», таърихи иншои даҳҳо ашъори ноб, аз қабили, «Боғ», «Ту ятим нестӣ», «Пазмонӣ», «Ҷавонон», «Зан» метавонам бисёр сухан гӯям.

Ғафурака аз ҷумлаи инсонҳои бемисле ҳастанд, ки таъриху адабиёти Машриқзаминро ба наҳви аҳсан медонистанд. Ман дар суҳбатҳои эшон бо Мухтор Авезову Нозим Ҳикмат, Берди Карбобоеву Мирзо Турсунзода, Николай Тихонову Пабло Неруда, Собит Муқонову Самад Вурғун ширкат варзидаам. Баҳсу музокира сари ҳар мавзӯе мерафт, чи дар хусуси симоҳои Шарқ, чи дар бораи шеъру ҳунари Машриқзамин, дар он бузургии Ғафур Ғуломро мушоҳида мекардам. Ӯ касе буд, ки бо донишу заковати волои худ дар ҳар мавзӯъ баробар баҳс карда метавонист. Дар атрофи ҳар гуна пурсиданӣ – фалсафаи Бедил, услуби назми шоири турк Тавфиқ Фикрат, рубоиёти Умари Хайём, осори Шайх Саъдӣ, шеъри қадими чиноӣ ё эҷодиёти Лу Син, ғазалиёти Ҳофиз, олами тафаккури Машраб ва ниҳоят, ашъори ҷовидонаи бобокалонамон Алишер Навоӣ Ғафур Ғулом ба унвони як нафар донишманду нуктадон ҷавоби мукаммал медод ва ба истеъдоду ҳушмандии ӯ офаринҳо хондаанд.

Ман ба саҳархезӣ ва ташрифҳои Ғафурака, ки ҳар гоҳ дилаш мехост дарамро зада даромада омадан мегирифт, одат карда будам. Он як дафъа низ аз қадам ранҷа кардани ӯ дар дили субҳ тааҷҷуб накардам. Аввалҳои моҳи майи соли 1950. Ҳавои кӯчаи куҳнаи Олмазор ниматорики сурмаранг буд. Мотори мошини «Победа»-и Ғафурака хомӯш намешавад. Мустафои ронанда, ки ба мисли Ҳарамакааш доимо гунгу лол мегашт, аз кобини мошин лабханд зада нигоҳ карда меистод. Ғафурака маро дида бо оҳанги ҳазл дод мезанад:

– То кай мехобӣ, сӯфиён таҳорати худро гирифта шуданду ту бехабар! Гард, ба Самарқанд меравем, домулло Айниро дида меоем!

Ба бозори Бешоғоч даромада нуҳ-даҳто лимӯ гирифтем, Ғафурака ду шиша коняк ҳам харид. Нигоҳи маънидори маро дида бо писханди мулоим гуфт:

– Корат набошад, Домулло бетоб будаанд, даво кардан лозим.

Азбаски ба ин хел ҳазлу шӯхиҳои Ғафурака хӯ гирифта будам, ба хандааш эътибор ҳам надодам.

Ба роҳ баромадем. Дар Мирзочӯл як пиёлагӣ чой нӯшидем, дар Дизах хӯрок хӯрдем ва қарибиҳои шом ба Самарқанд расидем. Ғафурака изҳор намуд:

– Домулло аз кор хаста шудагистанд, имрӯз дар меҳмонхона монда, фардо субҳ ба манзилашон меравем.

Субҳи рӯзи дигар ҳанӯз равшанӣ надаромада аз меҳмонхонаи «Регистон» баромадем ва ба хонаи Садриддин Айнӣ омадем. Домулло кайҳо хеста буд, дарро худаш боз кард ва Ғафуракаро диду бениҳоят хурсанд шуда рафт. Ӯ бо ҳарос лаб ба сухан кушод:

– Э, э, офтоб аз куҷо баромад!

Ду нафар дӯсти қадрдон бағал кушода ҳамдигарро ба оғӯш гирифтанд. Домулло бо ман ҳам китф ба китф гузошта вохӯрӣ кард. Аз ҳавлии берун даромада, ба самти рост гаштем ва аз дари якум ба даҳлез ва аз он ҷо ба ҷойи кори домулло гузаштем. Хонаи муҷазе буд, ҳамагӣ ёздаҳ болор дошт, дар ҷевонҳои дохили токчаҳо китоб дарчидаанд, ба рӯйи мизи таҳрир дастхатҳо мехобиданд.

Як давот ва дар он ручкаи одие ба назар мерасид, ки онро домулло қалам меномид. Ӯ ба мисли гузаштагони худ бо қалам менавишт.

Мо ба курсиҳои атрофи мизи таҳрир нишастем, устод Айнӣ аз чойники зери телпак як пиёлагӣ чойи гарм рехта дод. Барои дастурхон густурдан аз як дари хурдаки пешгаҳи ҷойи кораш ба ҳавлии дарунӣ даромада рафт.

Ғафуракa ин лаҳзаро ғанимат шумурда ду шиша конякро дар ҷевони китобҳо пинҳон кард ва ба ман рӯ оварда гуфта монд: «Шутурро дидӣ, надидӣ!».

Аз рӯйи одати самарқандиён, домулло дастурхон бардошта омад. Бар рӯйи лаълӣ дар тақсимчаҳои гулдор мавизи соягӣ ва кабудрангу сиёҳ, қанду қурс, писта, набот, дар пиёла ширинии тути балхӣ, нони пӯлодии тозаи аз танӯр кандашуда чида буданд...

Ман ҳазлу мутоибаҳои ду алломаи замонро бо алоқаи вофир мушоҳида карда менишастам ва аз дӯстии он ду нафар академики номдор, классикони зиндаи адабиёт, аз суҳбату шӯхиҳои самимонаи онҳо ҳаз мебурдам ва заҳмату кашфиётҳои бемислашонро дар зеҳни худ тасаввур карда ба ваҷд меомадам, фахр мекардам. Ду олим доир ба масъалаҳои таъриху замон ин қадар баҳсҳо доштанд, ки таърифи он дар як мақола асло намеғунҷад, шояд дертар имкон даст диҳад, дар ин хусус муфассал қисса хоҳам кард...

Боиси сарбаландии ман аст, ки дар нахустин рӯзҳои қадам гузоштанам ба олами эҷод устоде ба монанди Ғафур Ғулом маро дастгирӣ кардааст ва тамоми умр дар баробари симои нуронии эшон худро мадюн меҳисобам.

## Саид Аҳмад
## (1920 – 2007)

*Нависандаи мардумии Ӯзбекистон Саид Аҳмад (Ҳусанхӯҷаев) 10 июни соли 1920 дар гузари Дарвозаи Самарқанди шаҳри Тошканд ба дунё омадааст. Соли 1937 мактаби миёна ва соли 1941 Донишкадаи омӯзгории Тошкандро хатм мекунад.*

*Фаъолияти кории адиб дар маҷаллаи «Муштум» (1938; 1955 – 1957), кумитаи радиои Ӯзбекистон (1941 – 1943), рӯзномаи «Қизил Ӯзбекистон» (Ӯзбекистони сурх, 1942 – 1947), маҷаллаи «Шарқ юлдузи» (Ситораи Шарқ, 1948 – 1950) сурат мегирад.*

*Нахустин бор маҷмӯаи ҳикояҳои Саид Аҳмад бо номи «Дастовез» дар соли 1940 ба табъ мерасад. Дар солҳои ҷанг ва баъд аз он бештар фелетон, ҳикоя ва мақолаю очерк менависад. Адиб дар китобҳои худ, аз ҷумла, «Қалби мардона» (1942), «Ҳикояҳои Фарғона» (1948), «Муҳаббат» (1949), «Уқоби саҳроӣ» (1960), «Шомгоҳони саҳро», «Одам ва бӯрон» сарнавишти ҳамасрони худ ва рӯҳияти онҳоро бо эҳтирос ба риштаи бадеият кашидааст.*

*Романи «Уфуқ» (1967 – 1974) як даҳсолаи ҳаёти мардум дар қарни 20 – солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон ва пас аз онро фаро мегирад, ки дар ин асари сегона мусибатҳои ба сари халқ омада, орзую армонҳои одамон ва талошҳои расидан ба мақсадҳо бо ҳиссиёти баланд тасвир ёфтааст. Дар романи «Хомӯшии мутлақ» (1988) бошад, фоҷиаҳои салтанати шӯравӣ, ки зоҳиран орому осуда ба назар мерасид, инқирози он ҳукумат ва тақдири одамони дар асорат монда мунъакис шудааст.*

*Саид Аҳмад дар солҳои истиқлол низ бо илҳоми баланд мақоланигорӣ мекунад, асарҳои ранг ба ранги бадеӣ меофарад. Маҷмӯаи асарҳои ҳаҷвии «Пистаи хандон» (1994), «Арзиши як бӯса» (1995), китобҳои достонии «Гумкардаю ёфтаҳоям» (1998), «Маҷнуни сиёҳчашм» (2001), «Субҳи рӯйи мижгон» (2003) ва «Осори мунтахаб» (2000, дар се ҷилд) мавриди таваҷҷуҳи хонандагони бешумор қарор гирифтаанд.*

*Саид Аҳмад дар соли 1947 бе сабаби ҷиддӣ ба «душмани халқ» табдил меёбад ва ба зиндон меафтад. Пас аз вафоти Сталин табриа мешавад. Чанд ҳикояи адиб, аз қабили «Маҷнуни сиёҳчашм», «Суҳбат бо асп», «Дар роҳҳои Азроил», «Сароб» бахшида ба солҳои табъид иншо шудаанд. Дар ҳикояҳои «Дарвозаи бебозгашт», «Тақдир, тақдир...», «Офтобмомо» адиб роҷеъ ба ҳамнишиниҳои худ бо устодони адабиёт, ҳамсолон ва шогирдонаш ва ҳамчунин дар хусуси зиндагию роҳи эҷодии хеш нақлҳо мекунад.*

*Асарҳои мазҳакавии адиб бо номҳои «Исёни арӯсон», «Домод» на танҳо дар Ӯзбекистон, ҳамчунин дар саҳнаҳои театрии чандин кишвар ба намоиш гузошта шудаанд. Ба вижа, «Исёни арӯсон» ҳамчун асари саҳнавӣ шуҳрати беқиёс дорад.*

*Саид Аҳмад 5 декабри соли 2007 дар Тошканд ҷаҳони равшанро падруд мегӯяд. Ӯро дар қабристони Чиғатой ба хок месупоранд.*

*Саид Аҳмад соҳиби унвони боифтихори Қаҳрамони Ӯзбекистон аст. Бо нишонҳои «Дӯстлик» (Дӯстӣ, 1996), «Буюк хизматлари учун» (Барои хидматҳои шоиста, 1997) тақдир шудааст.*

## САРОБ
***(ҳикоя)***

*«Дуои бади падар ба мисли тир аст, ки он на дар охират,*
*балки дар ҳамин дунё ба нишон мерасад»*
*(Аз андарзҳои Усто Аминбобои бухорой, ки сад сол зиндагӣ кардааст)*

Имрӯз ба урдугоҳамон маҳбусони навро оварданд. Вале аз қиёфаҳояшон дида мешуд, ки онҳо нав нестанд. Аз либосҳои танашон, аз шумораҳои шонаву зонуҳояшон пай бурдан мушкил набуд, ки онҳо зиндониёни овора ҳастанд ва чандин сол дайдусон аз як манзил ба манзили дигар кӯчида гаштаанд.

Маъмулан, маҳбусони навомада ба по мӯза ё кафши нав, ба бар костюм ё гимнастёркаи оҳорӣ доштанд. Зӯрмандони аз таги дор гурехтаи урдугоҳамон ба маҳзи ин ки либосҳои тозаро бар тани тозаомадагон медиданд, онҳоро кашида мегирифтанд ва дар байни худ тақсим мекарданд. Сипас, аз миён як ҳафта мегузашт ё не, он лавозими навро дар сарутани зӯрмандон медидем.

Ин дафъа зиндониёни омада табъи дили зӯрмандон набуданд. Ҳар яки онҳо даҳ-понздаҳсолӣ дар тамоми урдугоҳҳои шӯравӣ умр ба сар бурда, қаллоби гузаро шуда, на он инсонҳое буданд, ки ба касе либоси худро гиронанд, балки ҳамчун маҳбусони берӯй метавонистанд дигаронро лухту луч кунанд.

Сарбозон, нозирини урдугоҳ онҳоро як-як шумурда, шустушӯ дода, шумораи ҳар як камзӯли хокистарии рангпарида ва шалворҳояшонро санҷида аз зери даст гузарониданд. Чеҳраи як нафар дар байни тозаомадагон ба ман гарм тофт. Ба хусус, нигоҳҳои ғамолуд, вале бепарвои ӯ... Дар куҷое дидаам, хеле-хеле ошно менамуд!

Дар оғоз маҳбусонро дар як боздоштгоҳ, ки аз ҷилав бо ҳифози симхордор иҳота шуда буд, карантин карданд. Намебоист онҳоро бо зиндониёни дигар ҳамроҳ кунанд. Обу хӯрокашон низ бо сатилҳои ҷудогона дода мешуд.

Айёми то ҷое сарду мулоими баҳорӣ фаро расид. Як рӯз тозаомадагон бараҳна шуда, чошу пареш дар майдончаи назди боздоштгоҳ дароз мекашиданд, бадани худро офтоб медоданд. Онҳо касоне буданд, ки чандин моҳ дар урдугоҳҳои шимол гашта, аз дасти нарасидани офтоб рангпаридаю бенур менамуданд. Онҳоро аз маҳалҳое оварда буданд, ки дар он ҷоҳо танҳо як-ду моҳ тобистон ламъа мезад, хуршед ба мисли шамъи хираи пушти дока базӯр равшанӣ медод. Дар замоне, ки офтоби баҳории мо чеҳраи нуронӣ боз мекунад, дар он ҷоҳо бӯрони зимистонӣ уллос мекашид. Барои ин зиндониён Ҷазқӯрғон аз осоишгоҳ беҳтар буд. Чун лухту урён мехобиданд, холкӯбии бадани ҳар яке равшан ба чашм мехӯрд. Ин холкӯбиҳо аксаран аз ҳар гуна гапу суратҳои беҳаёӣ иборат буданд. Чунончи, тани якеро катибаи «модари зорамро фаромӯш нахоҳам кард» «оро» медод, дар сари дили дигаре поинтар аз тасвири қарта ва зану шишаи шароб ин навишта ба назар мерасид: «Ана ҳаминҳо моро хароб карданд». Ба рӯйи сандуқи синаи аксари онҳо сурати занҳои бараҳна дар ҳолатҳои гуногун холкӯбӣ шуда буд. Ин манзараи маҳбас намоишгоҳи «рассом»-онро ба ёд меовард.

Аммо, он марди шиноси ман либосашро дарнаоварда дар зери офтоб паҳлу мезад. Кист ӯ? Меҳраш бениҳоят ширин метобад. Оё дуруст аст аз худаш рафта суол кунам? Не, илоҷи ин кор нест. Нигаҳбону нозирон ба ин роҳ намедиҳанд.

Каме дуртар аз ман ҳамзиндонии ҳафтодсолаам Олимҷони домулло, ки понздаҳ соли умрашро дар урдугоҳ мегузаронд, ба онҳо бо дидаҳои маъюс назар меафканд. Ӯ одами аҷибе буд. Бо касе ҳамрозӣ намекард. Пушти сараш ҳама ӯро «домуллои дамдузд» меномиданд. Ҳам ба хубӣ ҳам дар қиболи бадӣ як навъ – бепарво буд. Вале ҳолати ҳозирааш дигар хел. Равшан дида мешуд, ки ӯ баръакси ҳамраҳони бараҳнаи худ хеле ноҳинҷору дилвопас аст. Аз зери чашм ба ӯ назар меафканам. Ӯро ҳеҷ гоҳ бо ин вазъ надида будам. Гиря мекард, ашки чашмонаш ба рӯйи риши расидааш мешорид. Агарчи аз ҷо намеҷунбид, ҳар бори мижа задан қатраҳои оби дида як он сарозер мешуданд.

Нозир омаду ба зиндониёни тамошобин, ки онсӯтар аз симхордор ҷамъ шуда буданд, «биравед аз ин ҷо!» гӯён амр дод. Маҳбусон каме дуртар рафтанд. Домулло низ бо кафи даст оби дидаҳояшро пок карда, хомӯшу сархам ба пушт қадам ниҳод.

Ман дар урдугоҳ рассом будам. Дар он маскане, ки зиндагию кор ба сахтӣ мегузашт, донишҳои омӯхтаам дар мактаби рассомӣ ба кор омад. Уҳдадор будам бар рӯйи либосҳои маҳбусон шумора нависам, дар плакатҳои калон миқдори маъдани ҳосилкардаи гурӯҳҳои кориро аз кони латун (биринҷӣ) дарҷ намоям ва лозим буд плакатҳоро дар ҷойҳои назарраси урдугоҳ овехта монам.

Пас аз наҳор сарнозир бо як халта либос ба коргоҳам омаду амр кард, ки то вақти шом ба рӯйи либосҳо шумора нависам. Ин либосҳоро мебоист ба тозаомадагон диҳанд. Болотар аз зонуи

чапи шалворҳо ва поинтар аз дӯши камзӯлҳоро ба андозаи қуттии собун қайчӣ зада, ба рӯяш як тикка латтаи сафед дӯхта буданд. Агар маҳбус поралаттаи шуморадорро канда мепартофту фирор мекард, пайгирон аз ҷойи қайчизадаи либос медонистанд. Мебоист ба рӯйи ҳамин тиккаҳо шумораи маҳбусро бинависам. Шумора бо ранги тобовар ба офтобу барфу борон – лаки сиёҳ (лаки «Кузбас») навишта мешуд. Ин ранг дар ҳавои хунук ба мисли санг сахт меистод. Аз нонвойхона бо хокандоз лахчаи зуғолсанг оварда, қуттичаи лакро ба рӯйи он гузоштам. Пас аз об шудани ранг мутобиқи рӯйхати додаи нозир ба навиштани шумораҳо пардохтам. Дар рӯйхат пас аз рақам исму номи хонаводагии маҳбус меомад. Вақте ки хостам дар камзӯли ҳафдаҳум шумора дарҷ кунам, аз шигифт гиребон даст гирифтам. Дар канори шумораи «ЕЕ3781» исми «Кимсанбой Ёлқинов» навишта шуда буд. Он лаҳза муаммои «кист ӯ», ки аз сари субҳ хаёламро тарк намекард, ҳал шуда монд.

Як лаҳза даврони пурҷӯшу хурӯши бачагӣ дар пеши назарам мисли барқ дурахшид, ҳамон айёме, ки белигом чаҳида гашта шӯхию бозӣ мекардем, аз дилу ҷон орзу доштем ҳарчи зудтар бузург шуда ба ватани азизу маҳбуб хидмат намоем, садоқати худро ба «доҳии халқҳо, падари бемислу меҳрубонамон Сталин» нишон диҳем.

Кимсанбой! Ӯ қаҳрамоне буд, ки дар миёни мо – бачаҳо шинухез мекард. Солҳои сиюм акси ӯ аз рӯзномаҳо канда намешуд. Дар мактабу хонаҳои пешоҳангон, боғҳои истироҳату урдугоҳҳои ҷавонон суратҳои ӯро баробари қадди одам дар ҷойҳои чашмрас зада мемонданд. Дар зери суратҳо низ чунин ёддоште буд: «Ба пешоҳанги қаҳрамон Кимсанбой Олимҷонов салют дода гузаштанро фаромӯш накун!». Тамоми бачагони Ӯзбекистон савганд мехӯрданд, ки аз ӯ ибрат бигиранд, ҷасорати ватандӯстонаи ӯро такрор намоянд.

Падари Кимсанбой Олимҷон Раҳмонов мудири шуъбаи маорифи ноҳия буд. Азбаски чун донишманди илми таърих шуҳрат дошт, ба ӯ, ба унвони устод, ҳар як омӯзгори таърихи ноҳия эҳтиром мегузошт. Ҳатто ба манзилаш омада нуктаҳои надонистаи худро перомуни таърихи Туркистон пурсида мегирифтанд. Дар хонааш китоби бисёр дошт. Токчаҳои як хонаи алоҳида пур аз китоби нодир буд. Домулло он китобҳоро ба аҳадунносе намедод. Танҳо розӣ мешуд дар ҳамон хона монда қироат кунанд. Ӯ дастхатҳои нодири хаттотони куҳанро дар мавриди ҳаёту осори бузургони гузашта, аз қабили, Форобӣ, Наршахӣ, Абӯрайҳон Берунӣ, Аҳмад Яссавӣ, Наҷмиддин Кубро, Амир Темур, Шарафиддин Алии Яздӣ, Хоҷа Аҳрор, Мирзо Бобур ба сони гавҳараки чашм нигаҳдорӣ мекард. Шабҳо то сӯхта тамом шудани шамъи ҳафтум мутолиаи китобро канор намегузошт.

Дар манзили домулло бештар равшанфикрони солманд гирди ҳам омада, дар хусуси донишмандони гузашта суҳбат меоростанд. Ҳамнишастон аз дониши домулло баҳра бурда, ба пурдонии ӯ қоил меомаданд. Мавзӯи нишаст рафта-рафта то шоири бузург Мирзо Абдулқодир Бедил мепайваст, ки бобокалонҳои эшон аз барлосҳои шаҳрисабзӣ будаанд. Худ аз худ бедилхонӣ сар мешуд, бо ҳамдастӣ ба таҳлили сеҳру асрори ғазалҳои Ҳазрати Бедил камар мебастанд. Дар ин маврид талқину тавзеҳоти Олимҷони домулло ҳамнишастонро ба шигифт меовард. Дар дили он гуна гирдиҳамойиҳо боре як ғазали Фузулӣ таваҷҷуҳи ҳозиринро ҷалб менамояд. Яке аз меҳмонон хотиррасон мекунад, ки Фузулӣ ҳам дар миёни ӯзбекҳо ба дараҷаи Навоӣ маъруф аст ва чандин ғазали ӯро овозхонҳои ӯзбек сароидаанд. Ӯ изҳор медорад:

– Домулло, Фузулӣ ғазале гуфтааст, ки мағзи онро ҳеҷ дарк накардам. Аз устодон пурсидам, аммо ҷавоби дилхоҳ надоданд. Дар ин бора андешаи шумо бисёр муҳим аст.

Олимҷони домулло ҳамоно аз хонаи бағалӣ девони Фузулиро оварда варақ мезанад. Айнак ба чашм гузошта, ҳамон ғазалеро, ки дандони дӯсташ ба он нагузашта буд, пайдо мекунад. Дар зери чароғ ду-се бор хонда мебарояд.

– Хуб, куҷои ғазалро нафаҳмидед? – мепурсад ӯ аз дӯсташ.

– Фузулӣ чунин навиштааст: «Ғами ман ба дараҷае зиёд аст, ки агар ба пушти шутур бор кунам, кофирони ба зиндон афтида озод мешаванд». Мавҳум инҷост, ки чаро озод мешудаанд? Нафаҳмидам.

Домулло ба фикр фурӯ меравад. Дар воқеъ, агар ба пушти шутур ғам бор шавад барои чӣ кофирон озод мешаванд? Пас аз хаёлронии давомдор домулло сар бардошта ба меҳмонон рӯ меоварад:

– Гап ин хел. Барои дарки ин маънии пӯшида мебояд ба замони зиндагии Фузулӣ рӯ овард. Аз он замон ривоятҳо, мақолу масалҳо ва ҳатто оҳангҳои бозмондаро бояд донист. Дар ривояте одамҳо ба Худованд муроҷиат карда мепурсанд, ки эй Худо, кофирони дар зиндон хобида кай озод хоҳанд шуд? Аз ҷониби Худованд нидо меояд, ки ҳар вақт шутур аз сӯрохии сӯзан бигзарад. Фузулӣ ғазали худро бар асоси ин ривоят сохтааст. Ӯ гуфтанист: «Ғамҳои ман ба дараҷае бисёр аст, ки агар ба пушти шутур ниҳам, бардошта натавониста торафт харобу лоғар мегардад, то ба ҳадди ришта!».

Ва шутури мисли ришта лоғаршуда бе мушкилӣ аз сӯрохи сӯзан мегузарад. Пас, кофирҳо аз зиндон озод мешаванд.

Ҳамнишастон ба тафаккури домулло қоил омада таҳсинҳо мехонанд...

Домулло ду духтари қадрас дошт, ки онҳо дугона буданд. Пас аз ин дугонаҳо дигар бачаҳояш намеистоданд. Ба як сол расида-нарасида вафот мекарданд. Ниҳоят, ҳамсараш аз нав ҳомила шуд. Ӯ ҳар дам ба шиками дамидаи зани худ, ки рӯзу моҳаш фаро мерасид, нигоҳ карда мегуфт: «Кӣ ҳастӣ ту, писарӣ ё духтар? Агар духтар бошӣ, исматро Кимсаной мегузорам, агар писар бошӣ, Кимсанбой» ва ба шавқ омада механдид. Ба фоли нек, писар ба дунё омад ва исмашро монданд Кимсанбой.

Писар ба дувоздаҳ даромад, дар синфи панҷум мехонд. Маъмулан, домулло ҳар шаб китобҳоро варақзанон мебаромад, то дами субҳ чанд коғазро сиёҳ мекард. Мақолаҳои ӯ пайи ҳам дар рӯзномаҳои «Маориф ва ўқитувчи» (Маориф ва муаллим) ва «Маданий инқилоб» (Инқилоби фарҳангӣ) чоп мешуданд. Кимсанбой бошад, аз пешоҳангони фаъоли мактаб буд. Ӯ шеърҳоеро бахшида ба Ленину Сталин бо садои баланд хонда тамрин мекард. Ӯро тез-тез ба ҷамъомадҳои вилоятӣ, анҷуману конфронсҳо мебурданд, шеър мехонд. Олимҷони домулло баъзан ба писар насиҳат карда мегуфт: «Бачам, ба ин гуна шуғлҳои ҳавоӣ бисёр дода нашав ё овозхон шудан мехоҳӣ? Беҳтар аст дарсҳоятро хонӣ. Корҳои ҷамоатӣ пас аз дарс шавад!». Бо ин ҳол, дар як хона садои хиш-хиши хомаи домулло баланд мешуд, дар хонаи дигар Кимсанбой бо ҳар гуна нағма овоз дода шеърхонӣ мекард.

Як рӯз дар миёни дарс мудири мактаб ӯро ба идора садо зад. Дар дафтари мудир як марди ношинос менишаст.

– Ин кас омадааст бо ту суҳбат кунад. Шуморо танҳо мегузорам, гап зада гиред, – гуфт мудир ва аз дафтар баромад.

Марди ношинос аз чӣ шурӯъ кардани гапро надониста, чанд лаҳза ба ӯ чашм дӯхта нишаст. Сипас аз сумкааш як рӯзномаро гирифта дар пеши ӯ гузошт. Он рӯзномаи «Пионерская правда» буд, ки дар Маскав чоп мешуд. Мард гуфт:

– Мақолаи саҳифаи дуюмро бодиққат хон, ба сурат ҳам таваҷҷуҳ кун. Пешоҳанги қаҳрамон Павлик Морозов ҳамин аст.

Кимсанбой забони русиро хуб намедонист. Аз ин рӯ, худи меҳмон ба шарҳи мақола пардохт:

– Душманони миллат Павлик Морозовро ваҳшиёна ба қатл расондаанд. Вай аз ҷумлаи ҳамасрони мо аст, ки ба ватан содиқ буда, ҳаёташро барои кори Ленин-Сталин бахшидааст. Падари ӯ душмани халқ мебошад, ният дошта, ки сохтори шӯравиро барҳам диҳад. Павлик сирри ана ҳамон душманро ифшо мекунад. Ҳоло дар гӯшаю канори ҷумҳурии шӯроҳо ҳаракати «морозовӣ» оғоз ёфтааст. Ватандӯстони ҷавон барои фош кардани душманони дохилӣ савганд ёд мекунанд. Ту ҳам бояд ба чунин ҳаракат ҳамроҳ шавӣ, ин қарзи муқаддаси туст. Агар гуфтаҳои моро ба сомон расонӣ, туро ба урдугоҳи умумииттифоқии пешоҳангон – «Артек» мефиристем. Дар анҷумани пешоҳангони фаъол, ки дар Маскав доир мегардад, ширкат меварзӣ. Дар он ҷо устоди бузурги мо – доҳӣ Сталинро хоҳӣ дид.

Чашмонаш аз хурсандӣ дурахшиданд. Кимсанбой ба ҳаяҷон омад: «Чӣ бахти бузурге! Бо чашми худ дидани пойтахти муқаддас – Маскави азим ва доҳии бузургвор, дар соҳили баҳри Сиёҳ ба шоҳсуфаи урдугоҳи бачаҳои ҷаҳон баромада шеър хондан!... ».

– Ман чӣ кор кунам?

– Нахуст ваъда медиҳӣ, ки ин суҳбатамонро ба касе ифшо намекунӣ. Аз ин ба баъд ҳам ҳар гапе, ки дар миёнамон мешавад, маҳрамона аст, – марди ношинос аз ҷо хеста як барг коғазро аз сумкааш гирифт ва ба Кимсанбой дароз карда гуфт: – дар ин имзо гузор. Аввал хон, баъд имзо кун.

Дар он як барг коғаз чунин навиштае буд: «ЗАБОНХАТ. Инҷониб Кимсанбой писари Олимҷон суҳбатамон бо корманди ГПУ(1) М. Мансуровро ба касе намегӯям. Ваъда медиҳам, ки рафтору амалҳои падарам Олимҷон Раҳмоновро ба назорат гирам, суҳбатҳои ӯ ва меҳмононашро, ки ба хона меоянд, навишта диҳам. Агар суҳбатҳои ба амал омада ва иттилооти дар бораи падарам ҷамъкардаро ба касе ифшо кунам, мутобиқи моддаи марбутаи қонуни ҷиноӣ муҷозот мешавам».

– Хонда баромадӣ? Акнун имзо гузор!

Кимсанбой фикр накарда дар зери забонхат даст монд.

– Аз забонат эҳтиёт шав. Номаҳои дар бораи падарат навиштаро худам ҳар ҳафта рӯзи душанбе омада дар ҳамин ҷо мегирам. Агар ба касе гӯйӣ ё ба падарат ошкор кунӣ, ба мисли Павлик Морозов ба ҳалокат хоҳӣ расид. Дафъаи дигар омада бубинам, ки корҳоятро ба наҳви аҳсан анҷом додаӣ, аз сӯйи созмони пешоҳангони вилоят бо соати дастӣ тақдир мегардӣ. Мефаҳмӣ, чӣ мегӯям?

Корманди ГПУ Мансуров ҳар гоҳ, рӯзҳои душанбе ки ба мактаб меомад, иттилоъномаи омодакардаи Кимсанбойро хонда аз сари нав менависонд.

– Бояд гапҳои лозим навишта шавад. Ба далелҳо тобиши сиёсӣ доданро ёд гир! Доҳии бобокалонамон Карл Маркс гуфтааст: «Дин афюни халқ аст». Бояд навишт, ки меҳмонони ба хонаамон омада шоири иртиҷоии диндор ба номи Аҳмад Яссавиро ба осмон бардошта таъриф карданд; аз шеърҳои ӯ, ки мардумро дар асорат нигаҳ медоранд, қироат намуданд. Бояд бинависӣ, ки ба қавли меҳмонҳо, дар замони эҷоди «Хамса» ва «Чор девон» аз сӯйи Алишер Навоӣ, бобои ҳабаши Пушкин дар соҳилҳои ҷанубии баҳри Миёназамин ҳалазун(2) ҷамъ мекард; вақте ки Мирзо Улуғбек дар Самарқанд расадхонаро месохт, урусҳо чӯрии хохолҳо буданд, кафши чиптагӣ(3) пӯшида мегаштанд.

– Ин гапҳоро акнун аз шумо мефаҳмам... Лекин чӣ хел сухани дурӯғ нависам?

Якбора ҷаҳли Мансуров омад:

– Бояд бинависӣ, тирронча! Агар нагуфта бошанд акнун мегӯянд! Душманони халқ ҳар гоҳ тамоми гапро намегӯянд.  Онҳо одамҳои озмуда ва хасмони ниқобдор ҳастанд.

Кимсанбой як ҳафтаи тамом ҷонашро ба Ҷаббор дода, навиштаҳояшро ислоҳ кард ва аз нав ба рӯйи коғаз фаровард. Дар зераш имзо гузошт.

– Э, бале! Ана ҳамин хел бояд навишт. Бубин, аз тарафи созмони пешоҳангони вилоят ба ту туҳфа доданд – соати дастӣ! Бигир, баста гард. Эҳ-е, ҳоло чӣ қадар ҷоиза мунтазири ту аст!

Корманди ГПУ Мансуров соатро аз тарафи созмони пешоҳангон ба дасти Кимсанбой гузаронд. Ҷавон бениҳоят хурсанд шуд. «Фардо дар назари чашми бачаҳо баста мегардам», бо хушҳолӣ дар худ андешид Кимсанбой ва ҳамоно ба Мансуров арзи сипос карда хайрухуш намуд. Мансуров пеш аз рафтан ёдоварӣ кард: «Чӣ тарз навиштанро акнун ёд гирифтӣ-а?».

Хабаркашӣ ба ин минвол то се моҳ идома ёфт. Дар мобайн «созмони пешоҳангон» Кимсанбойро бо дучарха низ тақдир намуд. Дар охири моҳ ҷавон барои ширкат дар анҷумани умумииттифоқии пешоҳангон ба Маскав рафт. Ба мисли ӯ аз «морозовчиён»-и ӯзбекистонӣ боз ёздаҳ бача буд. Ба ҳафдаҳ нафар ширкаткунандаи анҷуман нишони «Рамзи эҳтиром» тақдим шуд. Дар миёни онҳо Кимсанбой Олимҷонов низ буд.

Вақте ки Кимсанбой аз дасти марди куҳансол Калинин нишонро мегирифт, дар байни одамони чапакзанандаи раёсат падари миллат – Сталинро дида монд. Худро дошта натавониста бо овози баланд гиря кард.

Ӯ аз Маскав баргашт, падараш набуд. Фаҳмид, ки Олимҷони домулло ва ҳафт нафар омӯзгор ба ҳабс афтидаанд.

Одамон гуноҳи содиркардаи онҳоро дарк накарда ба шигифт омаданд, вале ба маҳзи хондани мақолаи «Ангалҳое, ки дар маориф лона кардаанд», таги гап барояшон маълум шуд. Яке ҳолдонӣ мекард: «Хеле аҷиб! Домулло одами дуппа-дуруст менамуд, вале беҳуда нагуфта будаанд, ки лола ҳам дар дарунаш сиёҳӣ дорад». Дигаре меафзуд: «Хуб ниқобе пӯшида будааст, марди айёр». Боз ҳам касоне ёфт мешуданд, ки ба навъи худ мулоҳиза меронданд: «Инҳо ба мисли каждуми таги бӯрё ҳастанд, ба эҳтимол дар байнамон зиёданд, бояд ҳушёр гашт». Аҷоиб дунёе дорем: падар – хоин, писар – ватандӯсти воқеӣ!

Кимсанбойро ду бор ба бозҷӯйӣ фаро хонданд, бо падараш рӯ ба рӯ карданд. Олимҷон асло хабар надошт, ки дар ин корҳо дасти писараш низ ҳаст. Ҳангоми мулоқот суханҳои ӯро шунида гиребон ба даст гирифт. Ба пурсиши бозҷӯй, ки мегуфт «Оё ин гапҳо рост аст? Тасдиқ мекунед?», ҷавоб надод. Даст ба пешонӣ зада, «э-э, аттанг, аттанг!» гуфт падар ва ба писар рӯ оварда бо ҷаҳл афзуд: «Илоҳо, ҷавонмарг шавӣ, умрат дар хорию зорӣ гузарад!», сипас ноумедона  даст ба рӯй кашид.

Аз Маскав хабари «Тройка»(4) расид. Олимҷони домуллоро ба понздаҳ сол маҳкум кардаанд.

Аз миён ҳашт сол гузашт. Кимсанбой ба синни бист даромад. Соли 1942 ба хидмати низомӣ даъват шуд. Дар маросими бошукӯҳи гусели ҷавонон ба ҷабҳа бештар аз сад нафар узви комсомол аз деҳоти атроф ҷамъ омаданд. Аз тарафи ҷанговарони оянда дорандаи нишони «Рамзи эҳтиром» Кимсанбой Олимҷонов суханронӣ кард:

– Ман ба ҷанги хонумонсӯзе меравам, ки на зинда монданам маълуму на мурданам. Ҳамчун бачаи душмани халқ не, ба унвони ватанпарвари асил ва фарзанди доҳӣ Сталин ба набард меравам. Муқаддаман аз имрӯз исми хонаводагии ман на Олимҷонов, балки Ёлқинов аст. Дар сари дил бо Сталини бузург ба корзор медароям! – ӯ бо ибрози ин калом гиребони пероҳанашро боз кард. Ба рӯйи сандуқи синааш сурати Сталин холкӯбӣ шуда буд. – Дар ҷанг доҳии бузургвор пуштибони ман мегардад! – бо ин ният Кимсанбой суханашро ба поён расонид.

Кафкӯбии мутантан садо дод. Дар ҳавои чапакзаниҳо Кимсанбойи махмур бо гиребони боз ва чеҳраи паҳн меистод...

Ҳамин дам дар маҳбас шумораи «ЕЕ3781»-ро дар камзӯли хокистариранг навиштам, ба чашмҳои худ бовар накарда, дубора ба номи хонаводагии канори шумора дида андӯхтам. Хато накардаам, он ҷо исми «Кимсанбой Ёлқинов» ёддошт шуда буд.

Он касе, ки ба зиндониён рӯ оварда бо ҳасрат гиря мекард, падари Кимсанбой – Олимҷони домулло буд. Маҳбусе, ки либосҳояшро дарнаоварда, сарашро ба як сӯ каҷ карда дароз мекашид, пешоҳанги собиқ Кимсанбой Олимҷонови «қаҳрамон» буд.

Олимҷони домулло писарашро шинохт, аммо Кимсанбой падарашро не.

Панҷ-даҳ рӯз гузашту маҳбусони тозаомада аз карантин баромаданд. Онҳоро се-чоркасӣ дар баракҳо ҷойгир карданд. Барои кор ба гурӯҳҳое, ки дар кон сангу шағалҳои ҳосилшуда аз таркишро ба вагончаҳо бор карда мекашонданд, ҳамроҳ намуданд.

Кимсанбой дар дохили урдугоҳ, дар «зона» монд. Чаро ки дасти рости ӯ шикаста каҷ ғур гирифта буд. Ҳангоми роҳ гаштан сараш ба ин сӯву он сӯ афтида мемонд. Чашмонаш ҳам мушкил дошт. Одами дар пешаш истода мисли ин ки дар даруни меғ метофт. Аммо шунавоиаш бениҳоят хуб буд.

Бо омадани зиндониёни нав тарзи зисти маҳбусони урдугоҳ гӯё дигар шуд. Зиндагӣ ба ҳар навъ ҳукми худро доштааст. Агарчи маҳбусон азобу шиканҷа мекашиданду фоҷиаҳои эҳтимолии фардои худро ҳис мекарданд, риволи зисту зиндагонии худро тағйир намедоданд. Онҳо ҳар рӯз аз меҳнати сангин, ҳатто хеле сангин хастаю шалпар баргашта, чаҳор қошуқ шӯлаи ҳуртумон(5) хӯрда, дар барак ба тахтҳои худ дароз мекашиданд. Вақте ки нозир онҳоро шумурда, баракро аз болояшон қуфл зада мерафт, ҳамоно ба рӯҳу равонашон гӯё ҳавои ҳаёти инсонӣ мевазид. Ва барак дар назарашон ба мисли ватани озод ва хонаю ҳавлии худӣ метофт. Нақли латифаҳо, бешак, латифаҳои бепардаю беҳаёӣ оғоз меёфт. Тирезаҳои барак аз хандаҳои баланд ба ларза меомаданд. Маҳбусон бештар китобчаи донистаниҳои худро варақ зада, аз «ҳодисаю саргузаштҳои умрашон» ҳикоят мекарданд. Ва ҳама нақлу таърифҳо, бешак, дурӯғ буд. Касе намегуфт, ки дурӯғ нагӯй, баръакс ҳама аз кизбу дурӯғбофиҳо завқ мебурданд.

Яке худро ҳамчун писари профессор нишон дода, бо ҳаяҷон, гӯё ки аз сидқ сухан мегӯяд, нақл мекард, ки ӯ дар театри калон як раққосаи ҷавонеро аз роҳ задааст, вале баъд лоғарии духтарро баҳона карда, вайро субҳи барвақт аз хонааш рондааст.

Зиндонии дигар бо таъриф ба сухан ҳамроҳ шуда изҳор медошт:

– Гӯед ки, дар урдугоҳи Сибир як раисе доштем бисёр бадкеш ва ҷоҳил. Як чашмаш аз шиша буд. Вақте ки бо ҷаҳл ба миз мушт мезад, чашми шишаӣ даррафта ба миз ва сипас ба замин меафтод. Ҷамъ шуда ҳама аз пайи ҷустуҷӯ мешудем, онро ёфта мешустему пас медодем. Як рӯз ин воқеа такрор шуд. Ҳамин ки шиша ба замин хӯрд, номаълум онро бо по задам. Чашми шишаӣ париду ба навори нақкола, ки моводи маъданиро мегузаронд, афтод. Ин амали маро ҳеҷ кас пай набурд. Ҳамон рӯз панҷоҳ нафар дунболи «чашм» гаштанд. Пайдо нашуд. Раис ба хотири дархости чашми шишаии нав ба Маскав рафт. Як моҳ ғайб заду мо то омадани ӯ, мисли ин ки дар таътил бошем, бо ихтиёри худ маза карда гаштем, – дар ин ҷо ҳамнишаст хандида-хандида ҳикояи билкул дурӯғи худро бо ғурур ба поён мерасонад.

Боз як нафар маҳбус нақл мекард, ки боре сурати як ҷавони хушандомеро аз маҷаллаи «Огонёк» бурида мегирад ва номаеро бо изҳори каломи ошиқонаи «дар фироқат мурдам, сӯхтам» навишта, бо ҳамон сурат ба як актёрзани машҳур мефиристад. Аз зани ҳунарпеша ҷавоб меояд: «Дуюмбор ин гуна аҳмақиро накун! Сурати шавҳари худамро фиристода чӣ хостанӣ ҳастӣ?». Ба маҳзи ин ки зиндонӣ паёми занро гуфт, дохили барак, гӯё бомбае таркида бошад, аз хандаи ногаҳонии ҷамъ ларзида рафт.

Бо «ташриф»-и тозаомадагон ин гуна хандаҳо, суҳбатҳои завқбахш барҳам хӯрд. Сабаб ин, ки маҳбусони нав «сексот» ё «стукач»(6) буданд.

Зӯрмандон аз миёни тозаомадаҳо ба зӯрмандони «маҳаллӣ» имкони чашм кушодан надоданд. Вақте ки онҳо ба ошхона мерафтанд, дар байни умум ғизохӯрӣ карданро барои худ раво намедиданд. Зӯрмандони мо барояшон ғизо мекашонданд ва барои тоза кардани дастонашон дастпоккун дошта меистоданд. Бӯғчаи фиристодаи хешовандон ба дасти зиндонии бечора намерасид. Ҳатто ҳар гуна ширинии пухтаи модари зор насиби зӯрмандон мегардид.

Сексоту стукачҳоро дар як урдугоҳ ба муддати тӯлонӣ нигаҳ намедоштанд. Ба маҳзи ин ки ҷосусии онҳо ошкор мешуд, ба урдугоҳи дигар мекӯчониданд. Агар накӯчонанд, маҳбусон онҳоро ҳатман мекуштанд.

Кимсанбой яке аз сексотҳои фаъол буд. Дар урдугоҳи Воркута зиндониён ӯро кӯфта, дасти рости нависандагиашро аз оринҷ шикастаанд. Дар урдугоҳи Балхаш ба қисми поинии майнаи ақиб, рост ба миёнҷойи пушти сар бо дастаи бели оҳанӣ зада, ба ҷар партофтаанд. Аз он дам инҷониб дасти росташ аз оринҷ сахт шуда, сараш гоҳ ба рост, гоҳ ба чап худ аз худ печ мехӯрд. Агарчи бо як дасти солим каллаашро рост карда ба пеш менигаронд, боз ҳам ба мисли сари мусича бозикунон ба пешу пас ҷунбида меистод.

Охирҳои моҳи июл ҳаво бениҳоят гарм шуд. Замини бедарахту бегиёҳ ва омехта бо дудаи мис шабеҳи тобаи доғ шуда, гармии он аз таги кафши кирза мегузашт ва пойро месӯзонд. Зиндониён дар ҷойҳои соядори баракҳо ҷон ба саломат мебурданд. Камзӯлҳои аз арақ шип-шилта таршудаи худро ба рӯйи сангҳову хоки сӯзон паҳн карда мехушконданд. Рақами аксари камзӯлҳо бо шустани зиёд хӯрда шуда ба чашм намерасид. Дар ин гуна мавридҳо кори ман меафзуд. Нозирон маҳбусонеро, ки шумораҳояшон ноаён буд, аз дарвоза набароварда ба пеши ман мефиристоданд.

Олимҷони домулло ба наздам омаду пушташро гардонда, сари дузону нишаст. Пас аз пайдо шудани зиндониёни нав домулло худашро хеле гирифта буд. Гӯё ба панҷ-шаш сол пиртар ба назар меомад. Ба шонааш шумора навишта истода пурсидам:

– Домулло, ҳоли шумо чӣ тавр?

– Худоё шукр, ғулом намурад зиндагӣ мекардааст.

– Ростаашро гӯям, домулло, хеле калонсол шудаед. Калонҳо инсофашонро хӯрдаанд. Охир, шумо баринҳоро ба кор набароранд ҳам мешавад.

Домулло ба ташвиш омад. Бешубҳа, аз хаёли ӯ мегузашт, ки ҷаро ман ин гапро мегӯям, боз сексоте дар гирду атроф набошад?

– Он қадар ҳам пир нестам. Нони додаашро ҳалол карда мехӯрам.

Тавре ки мегӯянд, одами моргазида аз ресмони ало метарсад, маълум буд, ки домулло ҳам аз заҳри «морҳо» азият дидааст.

«Телеграф»-и маҳбас бехато ва саҳеҳ кор мекард. Ҳар гуна воқеае, ки  дар як урдугоҳ рух медод, се рӯз нашуда дар урдугоҳҳои дигар пахш мегардид. Ҳама медонист, ки дар кадом маҳбас чӣ касоне мехобанд, онҳо бо кадом банди қонун муҷрим хонда шудаанд, дар байнашон сексотҳо ҳастанд ё не. Сексот будани аксари тозаомадагон ҳамон рӯзи аввал маълум гашта буд. Олимҷони домулло аз ҷумлаи одамҳои пухташудае буд, ки солҳои зиёд дар зиндонҳо зиста, аз ҳазору як чиғрик (7) гузаштааст. Аз ин рӯ, ба касе дарди дил намекард, худаш дар равғани хеш доғ шуда мегашт.

Пас аз он, ки конвойҳо(8) маҳбусонро ба кор бурданд, урдугоҳи сеҳазорнафара холии холӣ шуда монд. Вазифаи субҳгоҳии ман низ бо ҳамин анҷом ёфт. Акнун аз ҷо хеста ба барак рафтанӣ будам, ки сар ҷунбонда Кимсанбой омад. Ӯ хоҳиш кард:

– Бародар, ҳамин лаки изофиро ба ман медодӣ.

– Чӣ кор мекунӣ?

– Не нагӯ, лозим шуд ба ман.

– Хуб, бигир, – гуфтам, қуттии лакро ба ӯ дароз карда.

Бо изҳори миннатдорӣ «раҳмат» гӯён ба қафо гашт ва бо дасти солимаш сари худро ба сӯйи барак нигаронда ба роҳ афтод.

Аҷабо, дар симои Кимсанбой билкул одами дигареро медидам. Дар ҷавонӣ чеҳраашро оҷанг зер карда буд. Косахонаи чашмонаш фурӯ рафта, мӯйҳояш рехта, сараш яксара качал ба назар мерасид. Аммо, чашмонаш ҳамон, овозаш тағйир накардааст, ба мисли солҳои бачагӣ. Ҳарчанд ҳаво ба андозаи тоқатшикан гарм мешуд, ӯ тугмаҳои камзӯли худро то бехи гулу гузаронда мегашт, ба арақшор шудани худ парво намекард. Ӯ субҳи ҳар рӯз барои гирифтани лаки сиёҳ ба наздам меомад. Як рӯз кӣ будани ӯро ба худаш гуфтам.

– Падарат ба ту донист ном мондааст. Бубин, худат намедонӣ, ки чӣ касе ҳастӣ.

Чашмони вай ба ҳар сӯ давиданд. Ба дасти худ такя карда аз ҷо хестанӣ шуд, аммо дасти чапаш камқувватӣ карду дубора сари ҷо нишаста монд. Ман суханамро бо таammул идома додам:

– Кимсанбой, аз ман пинҳон накун, мо ҳар ду бачаҳои як деҳаем. Кӣ будани ту чун пайҳои рӯйи кафам аён аст. Ту аз пайравони содиқи Павлик Морозов ҳастӣ. Ту ҳамон Кимсанбой Олимҷонов мебошӣ, ки падаратро ба ГПУ фурӯхтию соҳиби нишони «Рамзи эҳтиром» шудӣ. Дар маросими гусели шумоҳо ба ҷабҳа ба комсомолони деҳа рӯ оварда гуфта будӣ, ки «дар сари дил бо Сталини бузург ба корзор медароям!» ва сипас гиребони пероҳанатро боз карда аз ҳамон минбар сурати Сталинро нишон дода будӣ. Он вақт дар он маросим ман ҳам ҳузур доштам. Нағз медонам, ки ба ту лаки сиёҳ барои чӣ лозим аст. Мехоҳӣ сурати Сталинро нопадид кунӣ. Аммо бефоида, дар ин гармиҳои саратон ранг ба бадани араққарда намечаспад, мекӯчад. Ғайр аз ин... – аз зери чашм ба ӯ дида андӯхтам, рӯ гардонда ба самти рост нигоҳ карда менишаст, – сурати сари дилатро аллакай

зиндониҳо дидаанд. Мехоҳанд рӯзи якшанбе туро лухт карда, ранги сиёҳро бо ҳар чӣ ҳаст, бо керосин ё бензин то ҳувайдо шудани акси Сталин тоза бишӯянд. Ният доранд, сурати сари дилатро ба ҳазорон маҳбус нишон диҳанд. Ба ту як маслиҳати холис: ба хӯҷаинат гӯй, ки ё муваққатан туро дар ҷое пинҳон кунад, ё ба ягон урдугоҳи дигар фиристонад.

Ба хоин ҳушдорӣ доданам дуруст буд ё не, намедонам. Ба эҳтимоли зиёд, меҳри ҳамдеҳагиамон рӯ гирифт, зоҳиран... боз ҳам намедонам.

Каллаи Кимсанбой тез-тез ба чапу рост калавидан гирифт, мисли ин ки ба бемории саръ мубтало шуда буд. Ӯ бо азоб аз ҷо хест, сари худро ба сӯйи барак рост кард. Бо вуҷуди ин, сараш ба самти рост качшавон роҳро дида натавонист ва калавидан гирифт. Ду бор аз по афтод. Боз сари по хест, ба монанди одами кӯр даст ёзонда-даст ёзонда роҳашро идома дод. Ба ӯ ҳам дилам сӯхт, ҳам аз алам бадам омад.

Фардои он рӯз барои лак наомад. Наздикии наҳор дар бараки сеюм воқеае рух дод магар, санитар(9) бо дав ба он сӯй гузашта рафт. Ҷарроҳи беморхонаи урдугоҳ – Штокмани маҳкумшуда ва ду санитари дигар низ занбар бардошта паси ҳам ба он тараф гузаштанд. Пас аз муддати кӯтоҳе Кимсанбойи оғушта ба хунро дар рӯйи занбар ба беморхона бурданд. Навбатдори барак мегуфт:

– Ба сари синааш корд задааст, марг ба ҳолаш! Ба саг – марги сагона. Дар ҳар сурат, зиндониён ӯро зинда намегузоштанд.

Бегоҳӣ Олимҷони домулло аз кор баргашта дар назди беморхона тор метанид, хеле асабонӣ менамуд. Аз санитаре, ки дар назди дар тамоку дуд мекард, пурсидам:

– Аҳволаш чӣ хел аст?

– Намедонам, ҳоло чизе наметавон гуфт. Корд то як сантиметр ба сари дилаш халидааст...

Субҳ санитар ба назди ман омада гуфт:

– Бемор Ёлқинов шуморо мепурсад.

Кимсанбой сар ба осмон мехобид. Аҳён-аҳён беҳолона нола мекашид. Болои сараш омада ҳолпурсӣ кардам. Ҳушаш дар ҷо буд. Танҳо ба иллати хуни бисёр талаф додан беҳолу бемаҷол дароз мекашид. Ӯ бо овози кам ба сухан омад:

– Ҳамқишлоқ, ба наздикӣ муддати ту тамом мешавад, ба деҳа бармегардӣ. Хоҳиш мекунам, агар падарам аз ҳабс баргашта бошад, узри маро расон. Бигӯ, ки гуноҳашро бо хунаш шуст.

Ӯ хаста шуд магар, чанд лаҳза гап назада хоб рафт. Санитари навбатдор бо гумони ин, ки гапи лозимро гуфта натавониста истодааст, моро танҳо гузошта аз хона баромад.

– Барои халос шудан аз азобҳои ин дунё соатҳои башуморам мондааст. Аз ту ҷиддан хоҳиш мекунам, ба Штокман гӯй, баробари ҷон доданам, танам хунуку ҷасадам сахт нашуда сурати Сталинро ҳамроҳ бо пӯсти баданам канда гирад. Штокман дар конслагери(10) фашистон ба кори ҷудосозии пӯсти майитҳо ассистент шудааст, чӣ хел канда гирифтанро нағз медонад. Ба он дунё ҳам бо Сталин наравам. Нашавад, ки бо ӯ дар як гӯр бихобам.

Ин гапҳои ӯ на хоҳиш, балки васият буд. Ман ваъда додам:

– Хотирҷамъ бош, ҳатман ба ӯ мегӯям.

Шунида будам, ки Кимсанбой Ёлқинов дар конслагери фашистон посбони мурдахона будааст. Асирони фавтидаро дар як ҷойи бо симхордор иҳоташуда сарҷин карда рахт зада мемондаанд. Дар чиллаи зимистон майитҳо ба мисли санг сахт мешудаанд. Ба хотири ин, ки дандонҳои тиллоияшонро дуздон набаранд, онҳоро посбонӣ мекардаанд. Майитҳои «солим», яъне ҷасадҳоеро, ки захму хастагӣ надоштаанд, ба гармхона медаровардаанд, то ки яхӣ об шуда, пӯсти танашон нарм шавад. Аз он пас кандани пӯст осон сурат мегирифтааст. Аз пӯсти мурдаҳо барои хонумҳои танноз сумкача, ҳамён, камарбандҳо месохтаанд. Баъзан ба рӯйи нақораҳо низ мекашидаанд.

Аз назди Кимсанбой баромада ба хонаи ҷарроҳ Штокман даромадам. Васияти Ёлқиновро ба ӯ гуфтам. Штокман бо аломати рад сар ҷунбонд. Ӯ бо таъкид гуфт:

– Инро ҳатто ба хаёлат ҳам наёр, дар умри худ асло ба чунин коре даст назадаам. Замоне кори нашударо маҷбурӣ ба гарданам монда, ҳукми паррондан содир карда буданд. Сипас он дастурро ба маҳкумии бистсола иваз намуданд. Маро бубахш, намехоҳам бори дигар ба он гуна муҷозот гирифтор шавам!

Бо ҳамин, Штокман дигар ҳарфе назада маро аз утоқаш берун кард. Субҳи рӯзи дигар ба беморхона омада аз санитар фаҳмидам, ки Ёлқинов пеш-пеши саҳар ҷон додааст. Хостам ба дохил даромада майитро бубинам. Ду санитар малофаи рӯяшро кушода сурати Сталинро тамошо мекарданд. Захми корд каме поинтар аз чашми Сталин ба назар мерасид. Акси «доҳӣ» ба дараҷае моҳирона тарсим шуда буд, ки фикр мекунӣ зинда аст. Хеле аҷиб: ба тани мурда сурати Сталини «зинда».

Гуфтанд, ки қабл аз ман Олимҷони домулло даромада, дурудароз ба майит чашм дӯхта нишастааст ва тоқат накарда бо дард гиря кардааст. Вақте ки аз хона баромадам, домулло сари худро ба қоби дар часпонда, бо ҳоли гирифта меистод. Ба ӯ арз кардам:

– Домулло, як нафар фарзанди мусалмон аз дунё гузашт, намешавад барояш ҷаноза хонем?

Олимҷони домулло гап назад. Пас аз чанд гоҳи сукут варзидан изҳор намуд:

– Ба вай ҷаноза мумкин нест, бар сари синааш сурати кофирро дорад. Акнун ӯ бе ҷанозаю бе кафан гӯр мешавад.

Бо гуфтани ин калом домулло калав-калавон ба қафои барак гузашта рафт.

Ҷасади Сталини «доҳӣ» дар хок дафн нашудааст. Дохили онро бо пахол пур карда, дар оромгоҳ, дар канори устодаш Ленин хобонда буданд.

Дар ин ҷо бошад, ӯ ба бадани як нафар хоин часпида, дар қабре, ки базӯр як майит меғунҷад, ҳамроҳ шуда хобидааст.

Бо ҳамин умри нафратангези як нафар хиёнаткори аз байнамон баромада хотима ёфт.

---

(1) **ГПУ:** Государственное политическое управление – *созмони давлатии сиёсӣ;*

(2) **ҳалазун** – навъи нармтани садафдор, тӯқумшуллуқ;

(3) **чиптагӣ** – аз чипта дӯхташуда *(чипта – матои дуруштбоф, ки аз вай бештар қанор ё ҷувол медӯзанд);*

(4) **Тройка** *– мақоми ғайридодгоҳии саркӯбӣ (муҷозот) дар солҳои 1930-1950*

(5) **хуртумон** – ҷави русӣ

(6) **«сексот»** *(секретный сотрудник) ва* **«стукач»** *– шахсони махсусе, ки барои мақомоти давлатӣ, амниятӣ, пулис... ба таври махфӣ хабаркашӣ мекунанд;* хабаррасон, хабаркаш, ҷосус;

(7) **чиғриқ** – дастгоҳи пахтапоккун *(дастгоҳе, ки барои ҷудо кардани нахи пахта аз пунбадона ба кор мерафт);*

(8) **конвой** – дастаи посбонон, гурӯҳи ҳамроҳикунанда;

(9) **санитар** – парастор, ходими хурди тиббӣ;

(10) **конслагер** – боздоштгоҳ *(ба хусус, барои зиндониёни сиёсӣ ва асирони ҷанг),* урдугоҳи корҳои маҷбурӣ.

## Асқад Мухтор
## (1920 – 1997)

*Асқад Мухтор 23 декабри соли 1920 дар шаҳри Фарғона дар оилаи корманди роҳи оҳан ба дунё меояд. Дар синни ёздаҳсолагӣ аз падар ҷудо шуда, дар парваришгоҳ ба воя мерасад. Соли 1938 ба факултаи филологияи Донишгоҳи Осиёи Миёна дохил шуда онро дар соли 1942 хатм мекунад.*

*Асқад Мухтор фаъолияти кории худро дар Донишкадаи омӯзгории Андиҷон ба унвони мудири кафедраи забону адабиёти ӯзбек оғоз менамояд. Дертар ба Тошканд омада, дар идораи рӯзномаҳои «Ёш ленинчи» (Ленинчии ҷавон, 1945), «Қизил Ӯзбекистон» (Ӯзбекистони сурх) ба ҳайси мудири шуъба ва котиби масъул, дар идораи маҷаллаи «Шарқ юлдузи» (Ситораи шарқ, 1960 – 1965) ҳамчун сармуҳаррир, дар Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон (1957) ба симмати мунишӣ, дар маҷаллаи «Гулистон» ва ҳафтаномаи «Ӯзбекистон адабиёти ва санъати» (Адабиёт ва санъати Ӯзбекистон) ба сифати муҳаррир адои вазифа мекунад.*

*Нахустин достони адиб – «Авлодҳои мо» (1939). Ӯ муаллифи чандин маҷмӯаи шеърӣ, минҷумла, «99 миниатюра» (1962), «Шеърҳо» (1966), «Нидои асроромез» (1984), қиссаҳои «Дар маҳалли бархӯрди дарёҳо» (1950), «Қиссаи Қароқалпоқ» (1958), «Тангкӯчаҳои Бухоро», «Дар бӯрон ҳам ҳаловате ҳаст гӯё» (1976), романҳои «Хоҳарон» (1955), «Таваллуд» (1963), «Замон ва сарнавишти ман» (1964), «Чинор» (1969), «Амударё» (1986) аст. Чанд асари адиб, чунончи, «Қуллаи мардӣ» (1948), «Аз таҳти дил» (1956), «Бачагони дунё» (1962), «Решаҳо», «Чақмоқи канори ҷар» (1984), «Тори нуқрагин» (1988) барои бачагон бахшида шудаанд. Соли 1987 маҷмӯаи асарҳои саҳнавиаш таҳти унвони «Дидор бо субҳ» ба табъ мерасад. Адиб намунаҳоеро аз осори Софокл, Тагор, Пушкин, Лермонтов, Маяковский, Горкий, Тарас Шевченко, Блок, Корнейчук ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст.*

*Асқад Мухтор барандаи ҷоизаи давлатии ба номи Ҳамза (1972), Нависандаи мардумии Ӯзбекистон (1980), соҳиби нишони «Дӯстлик» (Дӯстӣ, 1995) мебошад.*

*Адиб 17 апрели соли 1997 дар шаҳри Тошканд аз олам чашм мепӯшад.*

## АТР
## *(ҳикоя)*

Ӯ донист, ки ба дари идора хеле барвақт омадааст. Ҳанӯз нигаҳбон ҳам ҷомаи худро ба рӯйи чаҳорпоя партофта, дар сояи бед хуррок кашида хоб мерафт. Касе нест, ки гӯяд: «Ҳӯй, Мадраим, дар каллаи саҳар чӣ кор мекунӣ?». Шуғли мироб ҳамин: вақте ки ҳама хобанд ӯ кор мекунад, дар ҳини кор кардани дигарон ӯ мехобад. Баробари то қадди найза баланд шудани офтоб як гӯшаи намноки шипангро(1) гирифта, дар як он ба ғанаб меравад-у... дигар, шаб аз они ӯст – бо нури маҳтоб дил хуш карда то ба субҳ мерасад.

Ҳоло ҳам аз саҳро меомад. Каландро ба зинапоя такя гузошта, лою гили мӯзаҳояшро нағзакак тоза кард ва ба хонаи пазирой даромада нишаст. Нос кашида аз хаёл гузаронд: «Бемаврид омад-о..., рухсат доданаш гумон. «Оре, айнан дар моҳи саратон мироб бояд ба шаҳр равад» гӯён киноя зада, аз дар берун кунад-чӣ? Намешавад фаҳмид, ба он ҳам вобаста, ки бо кадом даст аз хоб хеста бошад. Кош омад бароям ёр гардад, зани ҷавонаш ӯро хурсанд кунаду бо чеҳраи кушод даромада ояд»...

Мошини раис соатҳои ҳашт, пас аз он ки офтоби пагоҳӣ ба ҳама ҷо нурпошӣ мекард, пайдо шуд.

– Вазъи об чӣ хел?

– Об бисёр.

– Фақат кӯлмакзор накунед.

Раис дигар чизе нагуфта, салому алейкро насия гузошта, ба идорааш даромада рафт. Мадраим дар хонаи пазирой гиҷу гаранг монд. Дар ҳоле, ки бо домани яктаҳ пешониашро пок мекард, ду андеша дилашро мехарошид: «Дароям, надароям?». Чанд гоҳе сари ҷо по зада истод ва ниҳоят таваккал, носкадуяшро ба бехи миёнбанд халонда, дарро кӯфт. Агарчи аз дохил садое набаромад, бесаброна дарро кушода вориди дафтар(2) шуд. Дар рӯ ба рӯйи раис бо оҳанги илтимос ба гап сар кард:

– Ошнои ҳамҷабҳаам ба бемористон афтидааст, хӯҷаин, рафта хабар нагирам намешавад. Худатон нағз мефаҳмед, дӯсти қиёматӣ – бо ҳам мурда зинда шудаем... То шомгоҳон бармегардам, – таҳаммул аз дасти Мадраим даррафта буд, дигар барояш чӣ гуфтани раис муҳим наменамуд, агар ягон гапи нешдор ҳам мезад боке надошт, нигоҳашро ба фарш дӯхта истод. Раис дурудароз ҳеҷ чиз нагуфт. Ниҳоят, қуфли лаб кушод:

– Майлаш, бирав.

Ё тавба, астағфуриллоҳ! Чашм нарасад, ин, албатта, ба шарофати зани ҷавон аст. Зудтар баромада рафтан лозим, то аз раъяш нагардад.

– Нигоҳ кун, – ғайри интизор ӯро дар остона нигаҳ дошт раис. Дили Мадраим шуввӣ рехт: «Магар нагуфтам, фикраш иваз мешавад!». Раис бошад, беэътино ба ӯ, дар як пора коғаз чизе навишту бо панҷоҳ сӯм ба сӯяш дароз кард ва ба суханаш идома дод: – Ба «Домдеҳқон» ки фаромадӣ, дар ҳамон наздикиҳо, дар бурҷаки Шута Руставили як мағозаи оинакоришуда ҳаст, ба исми «Теже». Аз ҳамон ҷо атр мехарӣ.

Дар каф панҷоҳ сӯм, бо тааҷҷуб нигоҳ карда истодани Мадраимро дида, раис чеҳраашро кушод ва лабхандзанон афзуд:

– Ба келинат, номашро дар ин коғаз навиштаам.

– Бо ҷону дил, хуб шудааст, – гуфт Мадраим ва хушҳолона худро ба берун зад. «Ҳоло фаҳмидам гап дар куҷо будааст».

Одатан, ҳар гоҳ ба «Селмаг» ягон моли асл меомад, аввал аз назари хӯҷаин мегузашт. Ӯ ҳар замон бетоқатона пурсида мемонд: «Ба келинатон мабодо...?». Бори дигар панҷоҳсӯмии досташ хаёли Мадраимро даррабуд. Аз зеҳн гузаронд, ки «аванс»-и барои ду моҳ гирифтаи худаш ҳамагӣ чиҳилу се сӯм аст, онро дар қати миёнбанд печонда мондааст... Наход, як дона атр панҷоҳ сӯм бошад? Исмаш... исмаш ҳам қиёмат – аз номҳои хориҷӣ, забони кас ба гуфтан намепечад.

Мадраим ба шипанг баргашта мӯзаи тоза, эзори сафед ва яктаҳи нав пӯшид, ҳар чӣ буд дар миёнбанд печонда ба роҳ баромад. Таъхир кунад намешавад, то бегоҳ бояд баргардад. Нағз шуд. Дер боз орзу дошт аз Бӯтавойи сержант ҳолу аҳвол пурсад, ин барояш қарз буд. «Ба раис ташаккур... росташро гӯям, ба келини ҷонона раҳмат», Мадраим ноаён ба завқ омад.

Агар шитоб дорӣ, ба шаҳр бирав. Ҳама дар он ҷо бедасту поянд, дар қатори пур ту ҳам. Сусту кашола шуда гард-чӣ, ҳама зада-зада мегузаранд, ношунидаро дар ҳамон ҷо мешунавӣ. Бо давутоз тамом шудани коратро нафаҳмида мемонӣ. Бозор, беморхона, суҳбати гарму ҷӯшон бо Бӯтавой, боз ҳам «Домдеҳқон», Шута Руставили... – фикр карда бинад кам роҳе нагаштааст. Рост, нагузошт, ки бо Бӯтавойи сержант зиёд бимонад. Ин ҳам як навъ омад. Агар «Тежэ»-и оинабанд баста мешуд, чӣ кор мекард?!

«Тежэ» ба кадом маънӣ аст, Худо медонад. Мадраим навиштаи раисро дар дил такроркунон омаду боз ба худ бовар накарда, ба коғаз чашм давонд. «Poison» – навишта шуда буд бо ҳуруфи куҳна. Омӯхтаи худро аз мактаби даврони сармоягузорӣ канор нагузоштааст, ҳанӯз ҳам бо алифбои ҳамон замон менависаду мехонад.

Мадраим дари дӯконро боз кард... Баҳ-баҳ-баҳ, аҷаб бӯйи хушу гувороест, ки ба машом мерасад! Духтараконе фурӯшандаро бубин! Гӯё паризодҳое аз осмон фаромадаанд, арӯсакони боназокате, ки мижгонҳои дароз ба гунаҳояшон соя афканда, аз лабу лунҷашон нур меборад. Ба хусус, духтари васатӣ – бо гесувони майдабофт, чашмони ба мисли оби чашма равшан, нигоҳҳои софу беғубор... Ба айёми ҷавонии Хайрӣ шабоҳат дорад. Ба Худо, агар аз паҳлу нигоҳ кунӣ, то себи занахдонаш айни Хайри-е!

То лаҳзае, ки Мадраим ҳушу ҳавосашро ҷамъ кард, чанд муддат гузашт.

– Дар ҳамин ҷо атр мефурӯшанд?

Ҳамон духтари васат бо хандаи ширин ҷавоб дод:

– Дар дӯкони атрфурӯшӣ истодаед, амак!

Овозаш монанд набудааст, алалхусус, ба овози ҳозираи Хайрӣ. Дар мовароӣ гӯшҳои Мадраим садои Хайрӣ танин андохт: «Ҳӯй мард, дар кадом гӯри сиёҳ мегардед? Имрӯз бистум, аванс куҷост? Биёред ин ҷо, суфраро афшонда, дегро чаппа гузоштаам!»

Аванс... вақтҳои пеш моҳона, маош гуфтагӣ гапҳо буд, акнун «овонс» баромадааст. Дар оғоз баъди ҳазор илтимос медиҳад, замони ҳисобрасии солона ки расид, бе ҳеҷ як илтимос кам карда мепартояд...

Мадраими ғарқи андешаро дубора садои ҳамон паризод ба худ овард:

– Хизмат?

Мадраим навиштаи коғазро базӯр ба хотир оварда гуфт:

– Атри Пайсон мехоҳам.

Духтар китфонашро ба дарун кашида, рӯ ба сӯйи дугонааш хандида монд ва арз кард:

– Ин навъашро нашунидаем, амак.

Мадраим гуфт:

– Чаро нашунидаед, пас ин чӣ аст? – ӯ коғази раисро дароз кард.

Духтарон навиштаро хонда, баробар хандида фиристоданд. Сипас яке аз онҳо узромез бо оҳанги мулоим ба марди сода фаҳмонд:

– Инро «пуазонг» мегӯянд, амакҷон, – ҳарфи «н»-и охири номи атрро аз димоғ бароварда гуфт ӯ, – ин атри фаронсаӣ аст, хеле гарон.

Мадраим пулро аз миёнбанд бароварда гуфт:

– Медонам, панҷоҳ сӯм.

Духтарон пай бурданд, ки ин хариди нозукро ба марди сода кадом як бойбача фармудааст. Гирифта нишон доданд. Хурдакак, шишачае бо хаттучаки тиллоранг. Мадраим бо эҳтиёт ба даст гирифт, шишача дар миёни панҷаи дурушташ гӯё гум шуд. Ӯ шубҳаомез абрувонашро чин карда, чанд муддат дида андӯхта истод. Аҷаб, панҷоҳ қатра мебароянд ё не! Наход ки як қатрааш аз як сӯм гаронтар бошад?

Ҳамон духтаре, ки ба ҷавонии Хайрӣ монанд буд, қаламеро дар миёни ангуштони нохундарози рангини худ ба бозӣ андохта, бо таоруф афзуд:

– Дигар ҳеҷ чиз намегиред, амак? Ба янга ҳам харед, арзонтараш ҳаст.

Ба Хайрӣ атр? Кам монд қаҳ-қаҳ зада хандида фиристад Мадраим. Ба Хайрӣ-я! Бо шишааш ба сарат мезанаду мекафонад! Имрӯз бистум, чашмонаш ба умеди овонс чор будагист. Ба ҷойи пул шишачаи атрро бинад девона шуданаш аниқ, баъд бояд аз пайи духтур давӣ. Ин паризодҳо на чизеро дидаанду на чизеро медонанд, на рӯзгор доранду на бача...

Рӯзи бистуми моҳи гузашта ба хотираш омад. Овонсро гирифта ба кӯча баромада буд, ки ҳамон дам ба дӯкон обҷав мефароварданд, обҷави сарду хунук. Ба чаҳор нафар улфат ҳамроҳ шуда, ду паймона аз сар кашид. Мадраим худ наменӯшид, ба осонӣ фирефтаи нафс ҳам намешуд, аммо дилнармӣ нагузошт, бо гуфтани «ҳа-ҳа, гир-е!» боз як паймонаро холӣ кард. Соҳиби обҷав лотерея низ мефурӯхт, роҳ-роҳакӣ ба муштариёни худ чор-панҷтояшро халонда мемонд. Гап аз пайи гап, яке аз ҳозирин дар миёни ҳаёҳу забон чарб карда гуфт, ки дар совхози ҳамсоя як ошнояш бо ҳамин лотерея мошин бурдааст, дигаре гилем, боз як нафар ҳам мототсикл. Мадраими ширакайфро низ шайтон аз роҳ зад магар, дар радифи ҷавонҳои мағрур сето билет харид! Шарикони насиҳатгӯяш ӯро барангехта мегуфтанд:

– Мебаред, ҳатман мебаред, аз як қатор гиред!

Хуллас, пас аз расидан ба хона аҳволашро бинед. Хайрии дар мунтазири «овонс» нишаста билетҳои лотореяро диду дуд аз димоғаш баромад. Ӯ коғазҳоро ба даст гирифта ҳамоно бо зарб ба рӯйи шавҳари ширакайф зад. Билетҳо чошу пош шуда, бо вазиши шаббода ба бурҷу кунҷаки ҳавлӣ, мисли шапалак, яке ба миёни токзор, яке ба сари оташдон парида рафт. Дар он ҳол Хайрӣ бо ғазаб дод мезад:

– Думи уштур ба замин мерасаду шумо ҳеҷ балоро намебаред! Бигиред, хӯронед чорта бачаро бо ҳамон коғазҳоятон! – ва бӯғчаашро басту ба хонаи модараш баромада рафт. Дар ин гуна ҳолат намешавад ба ӯ ҳарфе зад, ҷунуниаш гирифта афтида монданаш аҷаб нест. Кайфияти Мадраим хира шуд, дар дами остона шах шуда монд...

Ҳамон вақт Мадраим маънии бача калон карданро фаҳмида буд. Дар рӯзи чордаҳуми танҳоӣ тамоми шаб гиря карда, дар хаёл бӯса задани ангуштони хурдаки кафидаи занашро то ҳанӯз ба касе ошкоро нагуфтааст. Аз миён ҳафдаҳ рӯз гузашту ҳамсараш дар як баста барои бачаҳо ину он бардошта омад. Он замон Мадраими басархӯрда бо тамоми вуҷуд тан дода буд, ки Хайриро аз таҳи дил дӯст медорад... Ҳоло ҳам духтари «шинос» ӯро ба худ овард:

– Барои чӣ дигарҳо ба ҳамсарони худ мегирифтаанду шумо не?! Чек менависам, ҳамагӣ нуздаҳ сӯм мешавад. Чӣ гуфтед, амакҷон?

Бо сухани ӯ Мадраим об шуд. Атрро ба даст гирифта ҳис кард, ки гӯё дастони он ширинсуханро медорад: нозук, зебо, муаттар... Лаҳзае, ки хомӯшу андешаманд меистод, духтар чекро навишта, ба тарафи ӯ лағжонда монд. Мадраим базӯр оби даҳон фурӯ бурда, лабҳои хушкшудаи худро лесид. Ба духтар, ки бо нигоҳҳои мулоим ба сӯйи ӯ дида медӯхт, пул дароз карда, хаёлангез «чаро ман намегирифтаам, ман... чаро намегирифтаам...» гӯён аз дӯкон бадар рафт. Ба духтарак ташаккуру хайр гуфт ё не, дар ёдаш ҳам нест.

Акнун хаёлаш ба ҷойи дигар кӯчид: ба хона чӣ хел меравад, чӣ мегӯяд, атрро чӣ гуна ба занаш медиҳад, баъд чӣ мешавад? Нуздаҳ сӯм! Қариб нисфи овонс-е!

Шомгоҳон дарро ғиҷиррос назанонда, оҳиста ба дохил даромад. Ҳамсараш дар назди оташдон бо бачаҳо дар гуфтугӯ буд. Ӯ шарфаи поро шунида, рӯ нагардонда пурсид:

– Худатон ҳастед? Ба ҳар ҳол, ягон улфат пеш наомадагист? Имрӯз бистуми моҳ-а...

«Сар шуд!» – дар дил гуфт Мадраим ва ба саволи ӯ ба маънии «ҳа, омадам» сурфида монд. Лекин ҳамоно мӯзаашро накашида, лолу гаранг меистод.

– Чӣ гап, даст ба киса шах шуда мондед?

– Не-е, барои чӣ... – Мадраим пай бурд, ки то ҳол атрро маҳкам дошта меистад, дасташро раҳо кард. Хандидагӣ барин шуд. Табассумаш сохта баромад. Ҳамсараш дубора ҷӯё шуд:

– Гӯё як чизро пинҳон карда истодаед.

Мадраим медид, ки бачаҳо низ омада, бо нигаронии «ҳоло ҷанҷол мехезад», чашм медӯзанд.

– Аҷаб гапе мезанӣ... чиро...

Дар ин дам ба фикр рафт: «Аввал туҳфаро диҳам ё боқимондаи пулро? Ҳар ду хатарнок, дар ҳар ду ҳолат оташин шуданаш мумкин...». Акнун бояд таваккал кард, ҳар чӣ шуд-шуд. Мадраим ба ҳар гуна бархӯрд омода буд. Бехост атрро аз ҷайби яктаҳаш бароварду ба ҳамсараш дароз кард.

– Бигир!

Хайрӣ ҳамоно даст ба қуттича бурд. Пешониашро чин карда, лаҳзае ба он дида андӯхт. Сипас даҳони қуттичаро оҳиста боз кард. Аз дохили он шишаи хурдаки лӯндаи атрро, ки ба мисли гунҷишкаки ба парвоз омода ба назар мерасид, ба каф гирифт. Хомӯшу бесадо ба шишача зеҳн монда истод.

Чӣ шуд ба вай? Тезтар ягон гап гӯй! Ё ғазабаш дар гулуяш дармонд? Дод зан, Хайрӣ, дашном деҳ, дуои бад кун, фақат хомӯш наист!

... Ҳоло девонагиаш рӯ мегирад, косаю табақро ба сар мезанад, аз по меафтад... Мадраим сахт тарсид: Хайрӣ аз забон монд, аз чашмони пӯшидааш ашк ҷорӣ шуд, сари синааш ба тапиш омада, ҷуссааш такон хӯрд. Бачаҳо як он садо баланд карданд:

– Оча, очаҷон! Чӣ шуд ба шумо?

Мадраим аз афтида мондани ӯ тарсида хавотиромез лаб ҷунбонд:

– Хайрӣ...

Мисли ин ки дар ҳақиқат меафтад, зан худро ба бағали шавҳар андохт ва ҳамон лаҳза ӯро маҳкам ба оғӯш гирифта дар гарданаш овезон шуд.

– Хайрӣ...

– Хеле хушбӯй будааст, сарам чарх зад. Ба шумо гап не, – ба сухан омад Хайрӣ боз ҳам маҳкамтар шавҳарро ба оғӯш кашида, – дар ёдатон будааст... рӯзи тӯямон. Аз хотир набаровардаед...

Мадраим хушҳол шуда ба гап даромад:

– Хайрӣ, худатро ба даст гир, бачаҳо нигоҳ мекунанд.
– Фикр мекардам аллакай фаромӯш кардаед...
Мадраим бо тамоми вуҷуд гармии тани ҳамсарашро ҳис мекард.
– Хайрӣ, ҳавосатро ҷамъ кун, дар рӯзи равшан...
– Охир, шабона боз меравед... имшаб ҳам маҳтобист, об мебандед...

---

**(1) шипанг** – айвони аз чор тараф кушода дар боғҳо ва киштзорҳо;
**(2) дафтар** – идора, офис

## Мирмуҳсин
## (1921 – 2005)

*Мирмуҳсин (Мирсаидов) 3 майи соли 1921 дар гузари Сақичмони шаҳри Тошканд дар оилаи кулолгар ба дунё омадааст. Ӯ соли 1933 пас аз итмоми мактаби миёна ба Донишкадаи давлатии омӯзгории Тошканд дохил мешавад. Фаъолияти кории худро нахуст дар идораи рӯзномаи трести трамвай оғоз мекунад. Сипас ба кумитаи радиои Ӯзбекистон гузашта, ҳамзамон дар Донишкадаи омӯзгорӣ давраи аспирантураро фаро мегирад. Дар Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон ба унвони мушовири адабӣ ва котиби масъул ифои вазифа менамояд. Ӯ дар маҷаллаҳои «Шарқ юлдузи» (Ситораи шарқ), «Муштум», «Гулистон» ҳамчун сармуҳаррир ва дар рӯзномаи «Ӯзбекистон овози» (Овози Ӯзбекистон) ба ҳайси мудири шуъба кор кардааст.*

*Адиб фаъолияти эҷодии худро дар солҳои сиюм бо интишори шеъри «Ба ҷавони испан» ва ҳикояҳои «Ҷавонмардии Шералӣ» ва «Бачаҳои шикорчӣ» (1936) оғоз менамояд. Достони «Қамар» (1939) нахустин асари калонҳаҷми ӯст. Аз он пас маҷмӯаи ҳикояҳои «Ватан» (1942), маҷмӯаҳои шеърии «Вафо» (1945), «Қалб ва фалсафа» (1963) ба чоп мерасанд. Ҳамчунин достонҳои адиб бо номҳои «Усто Ғиёс», «Дӯнан» (1947), «Деҳаи сабз» (1948), «Дӯстони қадрдон» (1954), «Абдулло Набиев», «Шерак» ва «Набера» (1970), романи манзуми «Зиёд ва Адиба» (1958), китобҳои назмию насрии «Дорбозон» (1956), «Ҷамила» (1957), «Мармари сафед» (1958), «Ҳикояҳо», «Канизак» (1959), «Рӯсариҳои қирмизранг», «Озарахшҳои шабонгоҳ» (1961), «Созанда» (1963) ба дасти хонандагон мерасанд.*

*Мирмуҳсин бо романҳои таърихии «Меъмор» (1974), «Темурмалик» (1985), «Маликаи Тӯрон» (1997) ва достонҳои баланд (қиссаҳо)-и хонданибоб, аз қабили «Умед» (1969), «Обутоб» (1970), «Писари дегрез»(1972), «Бабри Чотқол», «Решаю баргҳо», «Қасоси мор» (1995) дар адабиёти муосири ӯзбек мақоми худро мустаҳкам намудааст.*

*Бисёре аз асарҳои адиб ба забонҳои русӣ, украинӣ, қазоқӣ, қирғизӣ ва арабӣ тарҷума шудаанд. Мирмуҳсин Корманди шоистаи фарҳанги ҷумҳурӣ (1970), барандаи ҷоизаи давлатии Ӯзбекистон ба номи Ҳамза (1974), Нависандаи мардумии Ӯзбекистон (1981), дорандаи нишони «Эл-юрт ҳурмати» (Маҳбуби халқу ватан, 1998) мебошад.*

*Нависанда 3 феврали соли 2005 дар шаҳри Тошканд вафот мекунад.*

## ГУЛИ МЕҲРУ ҚАБРИ МОДАР
***(ҳикоя)***

...Равшаноии хуршед дар хонаи шинаму зебо, ки пардаҳои хеле васеъ дошт, ба оҳистагӣ аз рӯйи гилемҳои қирмизранг то болиштаки пари рӯйи тахтхоб паҳн шуд. Эркини чаҳорсола дар бистари нарм ҷо шуда, маза карда хоб мерафт. Ӯ ҳар доим, то ба рухсораш нурҳои офтоб намерасид, чашм боз намекард. Аммо имрӯз, ҳанӯз субҳ надамида, як қад парида бедор шуд. Бо ноз ба тахти бағалаш, ки дар он очаҷонаш мехобид, даст ёзонд. Очаҷон сари ҷо нест! Ӯ ғеҷида рафту очаҷонро ба оғӯш кашиданӣ шуд. Наёфт, тахтхоб холӣ буд. Дили хурдаки Эркин таҳ кашид, ба ваҳм омад.

Оре, очаҷонаш нест, ӯ ин оламро тарк кардааст. Эркин лолу карахт ба ин сӯву он сӯ чашм давонд. Дар поин, ба рӯйи кӯрпача момояш масти хоб буд. Ӯ орому хаёлангез ба ҷойи холии очаҷонаш, ба кӯрпаи атласи вай дида андӯхт. Меҳрубонаш дар ҳамин ҷо, пойҳои худро аз тахт ба поин фароварда, Эркинро бар рӯйи зону менишонд ва ба оғӯш мегирифт. Гашта-гашта мебӯсид. Эркин гарданбанди заррини вайро бозӣ доронда, гунаҳои худро ба сари дилаш мечаспонд, фиш-фишкунон нозу истиғно мекард. Ҳоло бошад, ӯро хеле пазмон шудааст. Чӣ бояд кард? Магар мешавад очаҷонашро набинад?! Аз дилтангӣ гиряаш омад. Маъюс гардид. Бо хӯрӣ чашмони таршудаи худро молида монд. Гӯё дар ин дунё ӯ яккаву танҳо аст. Ҳоло бо тамоми вуҷуд мехост ҷуссаашро ба бағали очаҷон партояд, рӯ ба гунаҳояш молида эркагӣ кунад. Аммо, чаро нест вай? Ба куҷо рафт? Кай бармегардад? Барои чӣ ӯро ин қадар пазмон мекунад?! Ба ёд овард, вақте ки очаҷонаш бар рӯйи ҳамин тахт бетоб мехобид, сари ӯро сила карда гуфта буд: «Эркинҷон, ҳар гоҳ

дилат маро мебояд, гуле бару ба сари қабрам гузор. Ман хеле мехоҳам туро бубинам. Ман туро ёд мекунам. Агар гул бурда монӣ, туро дидагӣ барин мешавам... Вақте ки ба воя расида хонадор мешавӣ, бо ҳамсарат биё. Ман хеле мехоҳам писарҷонамро бо арӯсаш бубинам, фаҳмидӣ?». Эркин он замон сар ҷунбонда фаҳмидани худро аён карда буд...

Чаро очаи вай аз дунё гузашт? Намешуд вафот накунад? Наход ки одами бетоб ҳамин хел осон ҷон диҳад-монад?! Магар дигарон ҳам бемор намешаванд? Чаро очаҷони вай ин хел кард? Ин аз рӯйи дод нест! Ӯ беҳтарин одам буд. Бандаеро озор намедод, касеро дилтанг намекард. Чунин инсони хуб чаро вафот кунад?! Эркин асли воқеаро намефаҳмид. Агар очаҷонаш нест, чӣ лозим аст дар ин дунё гаштани ӯ?... Андӯҳгин шуд, дили хурдакаш ба сӯзиш омад, дунёи ранҷбор ба назараш тор намуд.

Эркин бар рӯйи тахтхоб танҳо менишаст, карахт менамуд, ҳаври ғам дар гулу мепечид. Бо ин ҳол, худро ба даст гирифт: очаҷони ӯ бачаҳоеро, ки бар ҳар чизу ночиз дилгир мешуданд ё маъюсона гиря мекарданд, бад медид. Ӯ ҳамин ҳоло бо нозунуз ба бағали очаҷонаш партофтани худро хумор кард. Аммо, куҷост нозбардори меҳрубонаш? Ҳама кату гилемҳои зебо, қолиҳои девор, қандилҳои булӯрин ба назараш бенур тофтанд. Нахост ба ашёи давру бараш нигоҳ кунад. Барои ӯ чизе лозим нест. Фақат ва фақат очаҷонашро мехоҳад!

Эркинҷон сарашро ба зер афканда, бар рӯйи тахтхоб хомӯш нишаст. Чанд гохе баъд ба акси додою очаҷонаш, ки дар девор буд, нигоҳ кард. Барояш ин сурат ҳам лозим нест! Танҳо очаҷонаш бошад! Эркин ногаҳон оҳ кашид. Ҳама ҷо ҷиму сокит, тирезаҳо торик...

Раъно (ӯ дар воқеъ духтаре буд – ҷисмаш ба исмаш монанд) ҳанӯз ба синни бисту ҳафт нарасида мубталои дарди вазнин шуд, ӯро амал карданд(1). Ба вуҷудаш роҳ ёфтани ин, номаш дар гӯр, дарди бедаворо худаш ҳам надониста монд.

Дард вазнин шуду зан бори дуюм ба тахти ҷарроҳӣ хоб рафт. Ин амал дар давоми се-чаҳор моҳ сурат гирифт. Билохира, вай хоҳиш кард, ки ӯро ба хонааш ҷавоб диҳанд. Илтимосаш барои духтурон низ писанд омад, зеро дар рӯзҳои охир фақат сӯзандоруҳои мусаккину хобовар мезаданду халос. Раъно ба тақдир тан дода, рӯзҳои дароз рӯйи тахтхоб дароз мекашид ва баъзан дафтари ёддошти худро аз зери болин ба даст гирифта, чизҳоеро дар он қайд мекард. Дар пеши назарҳо чунин як духтари зебою хушгил рӯз то рӯз лоғару хароб шуда мерафт... Дигар, ку он сари дилу камарҳо! Бо хонатлас ҷило додани ҳусну ҷамолаш, ки чандин чашмҳоро мерабуд, дар куҷо монд?! Куҷост акнун мӯйҳои дарози ба ҳерра афканда, лабхандҳо, пилкҳои бодомшакл, абрувоне ба сони болҳои бози парасту? Ӯ пуштнокӣ ва бо ҳоли ночор бар рӯйи тахти беморӣ хобида, ба хубӣ дарк намуд, ки ҳар гуна ҳусни бебаҳо муваққат будааст. Агар замоне Раънои раъно бо камтар дарди дандон ё таб баровардан оҳу воҳ гуфта духтуронро пайи ҳам фаро мехонд, акнун гирифтори дарди беамон, ба сарнавишт тан дода, мунтазири марг мехобад. Шавҳараш ин ҳолатро бо чашми сар медид, оҳу надомати падару модарашро низ мешунид, вале ноаён аз ӯ, дар берун гиря мекард, худро мехӯрд. Барои волидайн аламовар буд: наход ки чунин як духтар аз байн биравад? Аз дасти ин ғусса мехостанд доду бедод роҳ андозанд... Раъно бо он ҳама ҷасорати фавқулода, ки қабл аз марг дошт, ҳатто пирони ҳафтод-ҳаштодсоларо ба андеша водор кард. Шояд кас ба чанголи марг афтида, аз наёфтани роҳи наҷот чунин шердил мегардад? Оё чунин ҳолат ба ҳама даст медиҳад?

На касе, ки шаробхору сигоркаш аст ё бамаврид имрори маош(2) накарда, гуруснаю олудаю нопок гаштааст, балки духтаре ба мисли Раъно – саранҷому сариштакор, озодаву худкафо ба бемории саратон гирифтор шуда ҳамаро ба шигифт овард. Ин худ чӣ дардест? Охир, Раъно аз ҳар гуна чизи норавое, ки духтурон мегуфтанд, парҳез мекард, ӯ, ба гуфтаи табибони доно, зани солиму саломате буд! Бубинед, ки ин дарди бехосият, нахоста, ба чунин як гуле часпида монд, умрашро хазон кард...

Дар берун субҳ дамид, кам-кам рӯз равшан мешуд. Ин лаҳза дар мадди нигоҳи Эркин гӯё очаҷонаш ба ҷилва омад. Ҳамин ки ҳис кард ӯ аз айвон гузашта, дар дегдон шир мепазад, сари ҷо беҳаракат монд. Бо ин тасаввур, дар пушти гӯшҳояш садои очаҷонаш шунида шуд: «Эркинакам, бачаҷонам, шину ин ширро хӯр!». Безобита аз ҷо хест. Ҳама хоб, фақат ӯ бедор буд. Роҳи очаҷонашро поид, ки мебоист ҳамин ҳозир пайдо шавад. Аммо азизи дилаш на дар ошхона, на дар ҳавлӣ ва на дар айвон намудор шуд. Ӯ аз зинаҳо фаромада ба самти гулхона рафт, аз гулҳои шукуфони мобайни ҳавлӣ дуто хушрӯтаринашро канду ба ҷониби дари берун роҳ пеш гирифт. Баромадани ӯро касе пай набурд. Ӯ дар як по кафш, дар пойи дигар дампойӣ пӯшида, пероҳани «маллоҳӣ»-ро, ки ҳар гоҳ модараш ҳамонро мепӯшонд, ба тан карда, тугмаҳои гиребонашро нагузаронда, дунболи тӯппияш ҳам нарафта ба роҳ баромад. Бо ин ҳол ду дона гул дар даст ба пеши очаҷонаш шитофт. Ӯ на ба фаҳми либос мерафту на ба фаҳми кафш. Ҳатто дасту рӯ нашуста буд,

ҳеҷ чизро фикр намекард. Танҳо дар зеҳнаш иштиёқи расидан ба дидори очаҷон ҷӯш мезад, дигар ба чизе майл надошт.

Эркин ҷиму ором аз тангкӯча ба кӯчаи калон баромад, дар роҳи мумфарш рафтан гирифт. Бо ду дона гул ба сӯйи очаҷон шитоб дошт. Ӯ ҳамон рӯз, вақте ки очаҷонашро дар мошини калоне гузошта мебурданд, аз ҳамин кӯчаҳо гузашта, бо роҳи трамваю автобусҳои барқӣ рафта буд. Гӯё ҳама ҷоро медонист, субҳи барвақт аз канори роҳи мумфарш роҳ мегашт. То ба кӯчаи калон баромадан ӯро касе надид. Танҳо дар зери сафедорҳое, ки дар як гӯша қомат афрохта буданд, дуто сагбача давутоз мекарданд. Медонист, онҳо азони рафиқаш ҳастанд. Дар кӯчаи калон низ чашмаш ба касе афтод, ки ҷорӯбеþо ба китф гузошта мерафт. Ин одамро нашинохт. Сипас, шуввос зада мошине гузашта рафт. Трамвай ҳам. Эркин ба онҳо нимнигоҳе афканду ба роҳаш идома дод. Ӯ хастагиро ҳис накарда ба пеш саъй мекард. Азбаски дар як по дампойӣ дошт, наметавонист тезтар роҳ гардад, дампойӣ гоҳ-гоҳ аз пояш меафтод. Агар ҳар дуро намепӯшид боз ҳам беҳтар буд. Вақте ки роҳи трамвайро миёнбур карда ба канори боғи калон ва ҳавзи пуробе омад, гирду атроф торафт равшан ва дар роҳравҳо сару гардани одамон бештар шудан гирифт. Ғиз-ғиз равуои мошинҳо низ афзуд. Одамон ин бачаяки гул бадастро, ки бо гиребони боз, сарлуч роҳ мерафт, дида ҳам ба шигифт меомаданд, ҳам хандида мегузаштанд. Як зани сумкадор, ки тез-тез қадамзанон роҳ мерафт, бо дидани Эркин лаҳзае дар ҷо таваққуф кард ва саъйи ӯро зери назар хонд, вале дергоҳ намонд, китфонашро дарҳам кашида, ба роҳаш идома дод... Ҳангоми аз пули калон гузаштан як марди айнакӣ дар даст ҷузвдон аз қафо ба Эркин расид ва бо ҳисси кунҷковӣ пурсид:

– Писарам, ба куҷо меравӣ?

Эркин бо тааҷҷуб ба ӯ нигоҳ карду чизе нагуфт.

– Писари кӣ мешавӣ?

– Писари додоям.

– Чаро дар паҳлуят касе нест?

Эркин гап назад. Он мард ҳам фикр кард, ки вай аз хонаҳои бисёрошёнаи ҳамин гирду атроф баромадааст, маътал намонда, тез-тез қадамзанон роҳашро идома дод. Каме дуртар рафта, ӯро ба як мӯйсафед, ки машғули шаклдиҳии гулҳо буд, нишон дод ва ким-чиҳое гуфт. Вақте ки «маллоҳ»-и хурдаки гиребонкушод аз назди мӯйсафед мегузашт, ӯ пурсид:

– Эй бачаяк, ба куҷо?

Эркин ба ӯ низ нахост ҳарфе гӯяд. Чӣ кор дорад? Ӯ ки ба роҳи трамвай намебарояд! Агар ин корро мекард ё ба роҳи мошин мебаромад, гапи дигар, садо зада нигаҳ доранд. Эркин ду дона гулро маҳкамтар дошта, бо сари баланд рафтан гирифт.

– Ҳӯй бача, биё ин ҷо! Ман ба ту гул медиҳам.

Эркин гулҳои дасташро ба пирамард нишон дода, мисли касони калон гуфт:

– Ба ман гул лозим нест.

– Гулҳои ман зеботар аст, ана инро ҳам гирифта рав.

Эркин каме роҳ гашта, андешаманд сари ҷо истод. Агар гули мӯйсафед беҳтар бошад, чаро онро ҳам нагирад? Ба очаҷонаш бояд аз ҳама зеботарин гулҳоро барад! Эркин ба қафо гашт, ба назди боғбони пир омад.

– Ма, гир, бачам! – гуфт мӯйсафед ва ба ростӣ, чаҳорто гули садбарги «президент»-ро ба Эркин дод, дутоаш сурх ва дутои дигар сафед буд. Пирамард аз сар то по Эркинро аз нӯфи нигоҳ гузаронда, боз ҳам пурсид:

– Субҳи барвақт ба куҷо рафта истодаӣ, писаракам?

– Ба пеши очаҷонам.

– Очаҷонат дар куҷост?

– Вафот кардаанд...

– Э, ҳамин тавр-гӯй... – боғбони пир ба рӯй дасти фотиҳа кашид. Ҳис кард, ки ин писарак аз пайи ҷустуҷӯйи модараш пухтаю сӯхта овора аст. Ҳатто гумон бурд, ки хаёлаш дар ҷо нест. Бо ин ҳол, дарёфт писаракро дарди пазмонӣ азоб медиҳад. Наход ки чашми касе ба чунин як бачаи овора, ки дар кӯча сарсону саргардон аст, наафтида бошад?!

– Писарам он ҷо хеле дур аст, ба хонаат баргард. Фардо бо додоят бо ҳам меравед!

Эркин ба аломати рад сар ҷунбонд.

Мӯйсафед қасдан бо «эҳтиром» таъкид кард:

– Роҳ гум мезанед, бачаам!

– Ман ба пеши очаҷонам меравам!

– Не, баргардед!

Эркин аз дошта гирифтани пирамард тарсида, чун мурғи ба парвоз омода як он давиду худро ба миёни одамон зад. Боз роҳи худро давом дод. Дар васати одамон касе «маллоҳ»-и ба як по кафшу ба пойи дигар дампойӣ пӯшидаро пай набурд. Ӯ ба назди ҳавзи калон ва фаввораи осмонгир омад. Ҳамоно хаёлаш побанди кабӯтарҳои майдон гардид. Лаҳзае ба онҳо бо қиёфаи гаранг нигоҳ карда истоду як он ба ёдаш очаҷонаш омад. Дубора гулҳои дасташро маҳкамтар фишурда ба миёни одамон даромада рафт. Чанде роҳ гашт, чашмаш ба шишакории мағозае афтид, ки дар дарун шишаҳои ширро дарчида буданд. Бо ҳаваси таматтуъ оби даҳан фурӯ бурд. Ба дохили мағозаи хорбор(3) даромада, ба зани фарбеҳаке, ки хилъати сафед пӯшида ширу панир мефурӯхт, дида дӯхт. Даст ба дасти фурӯшанда намерасид, пайи ҳам чек гирифта ба одамон маҳсулоти ширӣ медод. Чашми занаки фарбеҳ ба Эркин дакка хӯрд. «Бо модараш омада ҳамдигарро гум кардаанд», аз хаёл гузаронд ӯ.

– Ҳӯй бачаяк, чӣ кор мекунӣ?

Эркин гап назад. Ӯ чашмонашро аз ширу панир намеканд. Зани фурӯшанда бачаи фарбеҳаки либоси маллоҳӣ пӯшида ва ларзидаистодаро аз сар то по варандоз карда аз нав пурсид:

– Бо очаат омада будӣ ё бо додоят? Гум кардӣ онҳоро?

Эркин норозиёна сар ҷунбонд.

– Ба ту чӣ лозим?

Фурӯшанда ба рӯйи як кулчаи сафед ду дона баргаки панир гузошта ба Эркин дароз кард. Ним истакон шир ҳам дод. Эркин ширро хӯрд, хушҳол шуда нону панирро газ-газон ба қафо гашт. Хеле мамнун буд, бо лабханд ба сӯйи занаки хилъати сафедпӯш нигоҳи сипосомез афканду аз мағозаи хорбор ба берун баромад. Нон хоида роҳи худро идома дод. Ӯ дубора аз пул ва чорраҳаи трамваю автобусҳои барқӣ гузашта, дар роҳи мумфарши калон ба қадамзанӣ пардохт. Шикамаш сер шуд. Лекин дар пойҳояш, ки кам-кам ба ҳам мепечиданд, хастагиро ҳис кард. Дар ҳамин асно дилаш хост ба хараки канори роҳ нишаста истироҳат кунад. Ӯ чунин кард, бар рӯйи харак нишаста, пушташро ба нардаи он такя дод. Дар роҳи калон ба мошинҳои ранг ба ранг, ки ғиз-ғиз гузашта мерафтанд ва ба одамҳои даргузар дида андӯхт. Чанд гоҳе баъд сараш яклаба шуд, дар ҷо пинак рафт. Азбаски хеле монда шуда буд, шав-шуви худравҳоро ҳис накарда, гулҳои дасташро маҳкам дошта истода, хоб монд. Пас аз муддате, мисли ин ки дар тахтхобаш мехобид, пойҳояшро дароз кард. Бачаи хобмондаи гулбадастро дида, баъзе аз раҳгузарон шумханд мезаданд, баъзеҳо нороҳат шуда гузашта мерафтанд. Шояд бачаяки бечора бемор шуда бошад-а? Не-е, агар бетоб мебуд, мулоим нафаскашон хоб намерафт. Милисаи шофмӯйлаби ҳамин гузар ҳам ба назди хараке, ки бача хобида буд, омад ва чанд лаҳза ба ӯ нигоҳ карда истод. Дилаш нашуд ӯро бедор кунад. Дар як гӯшаи харак, гӯё нигаҳбони писарак бошад, аз вай чашм наканда нишаста монд. Чанде баъд овози гулдурросии кадом як экскаватор, ки заминро ларзонда гузашта рафт, Эркинро аз хоб бедор кард. Ӯ чашм кушода дар наздаш милисаро дид. Хиҷолатомез сар боло кард.

– Ҳа, писарам, роҳатро гум кардӣ? Бачаи кӣ мешавӣ?

Эркин чӣ гуфтани худро надониста карахт истод.

– Ба хонаатон барам? Дар куҷост манзилатон?

Эркин тарафи муқобили роҳро нишон дода гуфт:

– Дар он сӯ.

– Хез, бурда мемонам.

– Не, ман ба назди очаҷонам рафта истодаам.

– Очаҷонат дар куҷост?

– Вафот кардаанд.

Милиса хаёломез ба бача дида дӯхт. Бо рӯҳафтодагӣ аз хона баромада рафтани писаракро дарёфт. «Чӣ бояд кард?», дар худ андешид лаб газида ва ба Эркин гуфт:

– Хез, роҳамон як будааст, бурда мемонам. Ман ҳам мисли ту як бача дорам.

Онҳо то понздаҳ дақиқа роҳ рафта ба милисахона омаданд. Эркин аз ин ҷо низ мехост дум хода кунад, аммо илоҷаш нашуд. Ӯро милисаи навбатдор ба курсии паҳлуяш нишонда монд. Аз миён ним соат вақт гузашт-нагузашт, падараш мошини худро дар назди дар гузошта бо ҳавлу ҳарос даромада омад. Эркинро дида, бетоқатона бардошту ба оғӯш гирифт. Бо чашмони ашколуд гуфт:

– Писарҷони худам!

Эркин гиряомез падарашро маҷбур кард:

– Додо, ба пеши очаҷонам равем.

– Гап нест, писаракам! Албатта, меравем, – ҷавоб дод ӯ Эркинро гашта-гашта ба бағал зер карда ва бо аломати узр ба милиса рӯ овард: – Ман саҳарии барвақт барои гусел кардани меҳмонон

ба фурудгоҳ рафта будам, вай бошад бо момояш монда буд. Чанде пеш бадбахтие аз сар гузарондаем... моро бубахшед... – ва бо изҳори сипос аз милисахона баромада рафт.

Онҳо бо худрав ба хона расида, момои дилтангшударо ба худ оварданд. Падар бо дилҷӯйӣ ба Эркин ваъда дод, ки чанде пас ба назди очаҷонаш мебарад. Эркин ба суханҳои падар бовар кард, барои рафтан ба назди очаҷон аз нав омодагӣ дид. Дасту рӯ шуст, барояш либоси нав ва кафшҳояшро ёфта доданд. Ӯ шикамашро сер карда, аз ҳама пеш ба берун давида баромад ва дар худрави дами дар нишаста гирифт. Падар саъю ҳаракатҳои ӯро дида ба ваҷд омад, дар бехи чашмонаш оби дида ҷило дод... «Фикр намекунам барои бача бадбахтии сахттаре аз марги модар бошад», дар худ андешид ӯ.

Як соат гузашт ё не, онҳо аз гулҳои тозаи ҳавлӣ бурида дастагуле дуруст карданд ва мошинсавор ба қабристон рафтанд. Падару писар ба сари қабри нав омаданд: қабре, ки ҳанӯз санги мармар надошт, гирдаш бо панҷара масдуд нашуда буд, теппаи хокие буд, ки бо каланд софу суф кардаанд. Бо сарҳои хам гулдастаро ба сари мазор гузоштанд. Эркин дар паҳлуи падар ба гӯри нав беохир нигоҳ мекард. Канӣ очаҷони вай? Наход ки ӯро бо пероҳани атласаш дар зери ҳамин хок дафн кардаанд? Охир, агар ба остини палтояш камтарак хок мерасид, бо ҳавсала онро чӯтка зада мемонд. Наход ки чеҳраи зебою дастони нозуки сап-сафеди вай, гӯшвораҳои тиллоияш дар зери ҳамин хок бошад? Эркин хомӯшу дам дар дарун меистод. Ниҳоят аз падар пурсид:

– Очаҷонам ба ин ҷо намебароянд?

Падар дигар нахост дурӯғ гӯяд, андӯҳомез бо дили озурда гуфт:

– Не.

Падару писар пас аз тавофи қабр ба хона баргаштанд. Аммо рӯзи дигар Эркин сармо хӯрда, таб кард ва ба ҳар кӣ – чи додояш, чи момояш ё каси дигар, ки ба сараш меомаданд, «очаҷон» гӯён даст ёзонда ҳазён мегуфт. Бо ҳарорати баланд очаҷонашро, ки дар даст гули садбарг дошт, мекофт.

Ёвагӯйӣ ва рӯҳафтодагии Эркин хонаводаи Ҳумоюниноро ба изтироб андохт. Момою бобо, аммаҳояш дар атрофи ӯ парвона шуданд. Ҳумоюн пас аз гузарондани «ҳафт»-и ҳамсараш ба маъмурият рафт. Аз он пас хушзабониро ҷамъ кард, ба занҳое, ки хушомад мезаданд, ҳатто намехост нигоҳ кунад. Дар пеши назар Эркини маъюсу андӯҳгинро, ки очаҷонашро аз даст дода, дунёи равшанро ба мисли зулмат медид ва худро аз ҳама чиз маҳрумшуда мепиндошт, дида, дилаш озурда мешуд. Эркин ҳам на ба гапи падар, на ба насиҳати бобо, на ба сухани каси дигар гӯш меандохт. Дилаш фақат очаҷонашро мебоист. Бояд ӯро ёфта диҳанд! Куҷост очаи меҳрубонаш? Наход ки ӯро гӯручӯб кардаанд? Дигар очаҷонаш вайро ба оғӯш намегирад? Ин ҳолати писар Ҳумоюнро ғарқи андеша кард, ба назараш чунин менамуд, ки Эркин бе модар гӯё ёрои зиндагӣ кардан надорад. Оилааш ба мотамсаро табдил ёфта буд, як ҷони хурдакак тамоми хонаводаро ба изтироб меовард...

Аз байн се сол гузашт. Эркин ба мактаб рафт. Ҳумоюн бошад, асло намехост издивоҷ кунад. Дар пеши назари ӯ ҳамоно Раъно муҷассам буд... Замин сард аст, мегӯянд. Вақте ки касе дармегузарад, меҳраш ба сардӣ монда, азизони дигар бо мурури замон ба набудани ӯ одат мекунанд, ёдаш ба оҳистагӣ аз дилҳо зудуда мешавад. Вале то ин ҳад набудааст, ишқи Раъно ҳанӯз ки ҳанӯз дар қалби Ҳумоюн «зиндагӣ» мекард. Ӯ хеле зиёд аз дунболи Раъно гашта, вайро нағз дида ба занӣ гирифта буд. Гумон мекард, ки дигар касеро ба мисли Раъно дӯст нахоҳад дошт. Дилаш вобастаи ишқи касе нахоҳад шуд. Бо ин ҳол...

Пас аз се сол Ҳумоюн барои нахустин бор бо Онахон рӯ ба рӯ гардид. Ӯро дида дилаш «ҷиз» кард. Эҳсос намуд, ки дар пешорӯяш гӯё Раъно ҷилва мекунад. Дар ҳақиқат, ӯ аз кадом як ҷиҳате шабеҳи Раъно буд. Шояд овозаш монандӣ дошт? Ҳумоюн дар фикр монд.

---

(1) **амал кардан** – *ин ҷо:* амали ҷарроҳӣ кардан;

(2) **имрори маош** – рӯзгузаронӣ, зиндагӣ кардан;

(3) **хорбор** – маводи ғизой, хӯрокворӣ

## Шукрулло
## (1921)

*Шукрулло (Юсуфов) 2 сентябри соли 1921 дар гузари Олмазори шаҳри Тошканд ба дунё меояд. Падари ӯ – Юсуфхоҷа аз табибони саршиноси Тошканд буд.*

*Шукрулло Юсуфов соли 1938 омӯзишгоҳи омӯзгориро хатм карда, дар Қароқалпоқистон ба кори муаллимӣ мепардозад. Соли 1944 дар Донишкадаи омӯзгории Тошканд таҳсили олиро фаро мегирад ва сипас омӯзиши илмро дар риштаи адабиёти хориҷаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна идома медиҳад. Солҳои 1939 – 1945 дар Тошканд омӯзгорӣ мекунад. Соли 1946 ба узвияти Иттиҳодияи*

*нависандагони (он замон шўравии) Ўзбекистон шомил мешавад. Ду давра (1945 – 1951; 1955 – 1965) бо касби муҳаррирӣ дар нашриёти давлатии «Ўзбекистон» машғули кор шудааст.*

*Адиб соли 1949 бо ҷурми миллатгаро ва фаъолияти зиддишўравӣ мавриди саркўбӣ қарор мегирад ва ба муддати 25 сол маҳкум мешавад. То замони итмоми зўровариҳои сталинӣ ва гарм шудани авзоъ дар урдугоҳҳои кории Сибир рўз мегузаронад ва соли 1955 ба озодӣ мебарояд. Айёми табъид ва паёмадҳои асорати худро дар қиссаи «Дафншудагони бекафан» ҳикоя кардааст. Чопи ин қисса танҳо пас аз фурўпошии Иттиҳоди Шўравӣ, соли 1991 имконпазир гардид.*

*Нахустин маҷмўаи ашъори ў – «Нахустин дафтар» соли 1949 аз чоп мебарояд. Сипас пайи ҳам дафтарҳои шеъриаш бо асомии «Таронаи дил» (1949), «Илҳом аз зиндагӣ» (1959), «Дар тўли умр» (1960), «Инсон ва хубӣ» (1961), «Инсон – барои инсон» (1964), «Зарраҳо» (1973), «Муттако» (1977), «Зиндагӣ мехоҳам» (1978), «Бахти ту» (1988), «Дардҳои парешони ман» (2001) ба табъ мерасанд. Шукрулло чанд достон дорад, аз ҷумла: «Мўйсафедон» (1948), «Русия» (1956), «Ду харсанг» (1964), «Субҳи 26-ум» (1966), «Гул ва оташ» (1972), «Чароғи дил» (1975), «Баҳси аср» (1985). Дар Маскав маҷмўаи асарҳои саҳнавии (песаҳо) адиб бо номҳои «Садои қалб» (1991) ва «Дуздро роҳзан зад» (1997) чоп шудааст.*

*Шукрулло ба унвони нависанда нахустин китоб – эссеи худро бо номи «Сандуқи ҷавоҳирот» (1983) аз чоп мебарорад. Сипас қиссаи «Дафншудагони бекафан», китоби мақолаҳои «Дунёи ҷазодиҳанда» (1994), романи «Ҷонҳои зинда» (1999), ёддоштҳои «Хурсандиҳои айёми вазнин» (2002) ба табъ мерасанд. Соли 1987 нашриёти «Художественная литература»-и Маскав осори баргузидаи Шукруллоро пешкаши хонандагон мегардонад.*

*Адиб песаи Карло Готси – «Камбағалони хушбахт» ва асарҳои Шандор Петёфи, Тарас Шевченко, Қайсин Қулиевро ба ўзбекӣ тарҷума кардааст.*

*Песаҳои Шукрулло дар саҳнаҳои театри Русия, Укроин, Озарбойҷон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва дигар кишварҳо намоиш дода шудаанд. Ў Шоири мардумии Ўзбекистон (1981), барандаи ҷоизаи Ҷумҳурии Ўзбекистон ба номи Алишер Навоӣ (1994) аст ва бо нишонҳои «Шуҳрат» (1994), «Эл-юрт хурмати» (Маҳбуби халқу ватан, 1999) тақдир шудааст.*

## ОДАМИ ЧАШМБАСТА

***(пора аз қиссаи шарҳиҳолии «Дафншудагони бекафан»)***

Бешубҳа, ба даст афтидани ҳар касе, ки одам мекушад ё дуздӣ мекунад, ё ки гуноҳеро содир менамояд, ҷойи ҳайрат надорад. Аммо ба хаёли кӣ меояд, мегўед, гоҳе бегуноҳеро низ бо тухмати хушку холӣ, бе ҳеҷ гуна ваҷҳ кишанбанд карда ба зиндон меандохтаанд. Оё чунин амр дар ягон рисола омадааст?

Соли 1951 дар нашриёт кор мекардам, пешаам веросторӣ(1) буд. Боре дар поёни корам як нафар одами ҳафт пушт бегона занг зада изҳор намуд, ки аз ҳаводорони ман будааст ва хеле майл дорад бо камина вохўрӣ кунад. Ҳарчанд баҳонаҷўйӣ карда гуфтам, ки вақтам кам аст, дар айни ҳол имкони вохўрӣ надорам, аз бобати эҷод суҳбат оростан ҳеҷ гоҳ дер намешавад, ў дар як по истода ҷиддан хоҳиш намуд, ки ҳадди ақал панҷ дақиқа барояш вақт ҷудо кунам. Он марди ношинос «ман дар ҳамин наздикиҳо ҳастам, ба ҷойи коратон ҳам бошад меравам» гўён, ба ҷавобам гўш надода телефонро қатъ кард. Аз ин наҳви гапзании ў, дар зери коса нимкоса ва дурўғ будани ҳар як суханашро ҳатто одами калтафаҳме пай бурда метавонист.

Бале, он лаҳза ҳис кардам аз «ширинзабонӣ»-и марди бегона бўйи наҳс меояд. Чаро ки, он айём инсонҳои наздики ман, дўстонам – шоир Шуҳрат, Мирзокалон Исмоилӣ, Ҳамид Сулаймон ба зиндон равона шуда буданд. Ин бор гўё як навъ ҳушдорие барои худам буд...

Аз миён вақти бисёр нагузашта, нафаре аз кормандони нашриёт ба ман хабар дод, ки ким-кадом касе маро дар берун интизор аст, баромаданамро хоҳиш кардааст. Баромадам.

Одами бегона бо ришханди хунук салом дод. Бо нигоҳҳои парешон назаре ба атроф афканда, маро ба канортар бурд ва изҳор намуд:

– Ман аз созмони умури низомӣ ҳастам, мехоҳам билети ҳарбиатонро бубинам, агар ҳамроҳ доред.

Вақте ки замона орому осуда аст, шунидани ин гуна пурсиш, бешак, касро ба шигифт меоварад ва он дам банда низ дар ҳайрат мондам. Ба ў фаҳмонидам, ки бе ҳеҷ зарурате ман ин мадракамро(2) бо худ гирифта намегардам. Вале ошнои нохонда сари хоҳиши худ истодагарӣ кард ва бо таъкид гуфт, ки агар дар хонаатон ҳам бошад бояд бубинам. Он солҳо ин зайл бархўрд аз равишҳои озмудаи «шикорчӣ»-ён буд.

Ба поин фаромадем. Дар кўча мошини «Газ» мунтазири мо меистод, дар кобини он як марди руси қоматбаланд менишаст. Оё ҳамон лаҳза ба дастам кишан зада буданд ё дертар, дар ёдам нест. Мо ба хона омадем. Онҳо мадраки ҳарбиамро рўякӣ аз назар гузаронда, пас аз донистани нафароти

хонаводаам ёдрас намуданд, ки ҳар кас сари ҷойи худ бимонад. Аввал аз ман дар хусуси аслиҳа ва адабиёти сиёсии мамнӯъ пурсуҷӯ карданд, сипас шурӯъ намуданд ба кофтукови манзил. Чӣ ҳам мегуфтам! Ба гумонам, он замон касе аз болои ман арз карда хабар расонида буд, ки ман дар хонаам китобҳои мамнӯъро нигаҳ медорам. Аз ин хотир, бо боварӣ ба хеш хотирҷамъ истода, ба ҷустуҷӯяшон мамониат накардам. Онҳо бо умеди ёфтани китобҳои Акмал Икромов, Файзулло Хоҷаев, Абдулло Қодирӣ, Чӯлпон, Усмон Носир, ки ба унвони душмани халқ маҳбус шуда буданд ва ҳатто дунболи рӯзномаю маҷаллае, ки ақаллан номи онҳоро дошта бошад, хеле гаштанд. Дар ҳини ҷустуҷӯ аксҳои падару хешовандонамро, ки солҳои бистуму сиюм бо гиребони аврупоӣ афтида буданд, ҷамъ карда гирифтанд. Дертар донистам, он суратҳоро бо гумони робита доштани наздиконам бо ҷадидон забт кардаанд. Ҳатто аксҳоеро ҳамроҳи худ бурданд, ки ман бо ҳамсолони мактабию донишгоҳиам, бо ҳамгузарию ҳамразмонам афтида будам. Онҳо асбобу ашёи хонаро ба ҳар сӯ дур афканда кофтуков мекарданд. Он лаҳза писараки чаҳорсолаам, аз ҳама чиз бехабар, ба замзамаи шеъри навиштаи ман – «Ситорачаҳои Кремл» пардохт. Дар ин ҳангом зани ҳамсоя, ки барои гувоҳ шудан даъват шуда буд, ҳунгас зада ба гиря даромад. Кӣ медонад ба чӣ дилаш сӯхт: шояд ба ҳоли писаракам, ки бехабар аз сарнавишти падар аст ва ё ба ҳоли гирифтаи худи ман...

Бо ин ҳама, хотирҷамъ будам, зеро эътимод доштам, ки аз хонаам ягон чизи мамнӯъ нахоҳанд ёфт. Вале ин осудахотирӣ зиёд тӯл накашид. Дар поёни кофтуков эълон карданд, ки маро ҳам бояд бо худашон гирифта баранд. Ба куҷо, барои чӣ – ҷавоби дурустҳисобӣ надоданд. Фақат илова намуданд, ба ҳар эҳтимол, кӯрпаю болин ва либосҳоямро бо худ бигирам. Дар зери доду фарёди зану бачаҳо ва ҳамсоягони ҳозиршуда ман бо онҳо баромада рафтам. Аз ҳамон лаҳза фироқи тӯлонимуддат ва рӯзҳои сиёҳи зиндагиам оғоз ёфт. Мисли як одами чашмбаста наметавонистам бубинам ва ҳадс занам, ки дар оянда чӣ гуна роҳу қисмате маро интизор хоҳад буд.

Аз маҳбусиам дар хонаи такнафараи КГБ (3) чанд шабонарӯз гузашт. Як пагоҳӣ мӯйсарамро тоза тарошиданд. Ин аз он гувоҳӣ медод, ки дигар халос шудан аз асоратро дар ин рӯзҳои наздик набояд умед кард. Бар замми ин, тахтачаеро бо исмам ба сари дилам гузошта акс гирифтанд. Бо камоли «дилсӯзӣ» худашро наовезад гӯён камарбандамро ва рагашро бурида худро накушад гӯён, аз шиму либосҳоям тамоми тугмаҳоро бурида гирифтанд.

Чандум рӯзи маҳбусиам буд, дар ёдам нест. Аз сӯрохии болои дари оҳанини боздоштгоҳи ман нозир номамро гирифта садо зад ва омода шуданамро дархост кард.

Мунтазир истодам. Ба маҳзи ин ки дар кушода шуду ман баромадам, нозир аз сар то по, гӯё чизеро пинҳон карда бошам, тамоми баданамро гашт ва бо таъкид гуфт: «Дастҳоятро ба пушт гир, дар роҳ гап назан, агар гӯям роҳ гард – қадам зан, агар гӯям биист – роҳгардиро қатъ кун». Ӯ тартиби маъмулиро фаҳмонда, маро ба куҷое гирифта бурд. Ҳис мекардам дар замири он ҳама дӯғу пӯписа ишорае ба ин маънӣ нуҳуфта буд: «Аз имрӯз муқаддам ту аз ҳама ҳуқуқҳои инсонӣ маҳрум шудаӣ, худии худро мебояд фаромӯш кунӣ»...

Хуб, маро ба куҷо мебурданд? Аз он пас чӣ сарнавиште хоҳам дошт – ин ҳама танҳо ба Худо аён буд.

Нозири маҳбас маро ба утоқи кори корогоҳ Суханов даровард. Корогоҳ бо як меҳрубонии сохта дандон нишон дода пурсид:

– Таъриф кун, ҳолат чӣ хел? – ин «меҳрубонӣ» ба ҷуз мазоқу масхара чизи дигаре набуд.

Дар бозҷӯйӣ, гӯё ки мехост аз зода шуданам то он дам ҳар як кору кирдорамро ёдрас намояд, ба пурсиши тарҷумаи ҳол руҷӯъ намуд. Перомуни ҳаётам ҳама чизро пурсон шуд: кӣ будани падару модарам, соли таваллуду вафоти онҳо, кӣ будани хешону аҷдодам, маҳбус шудану нашуданашон, ба хориҷа рафтану нарафтанашон... Хуллас, ба ҳар як саволаш ҷавоб додам. Ӯ бошад, намедонам чӣ чизҳоеро, дуру дароз менавишт. Билохира, нигоштаҳои худро сарсарӣ шарҳ дода имзо гузоштанамро талаб кард. Қабл аз имзо барги пурсишро хондам. Хондам-у... гиребон даст гирифтам. Ғайр аз соли таваллуд ба ҳар як посухам ким-чиҳоеро илова карда навишта буд. Чунончи, ба пурсиши «Падарат чӣ кора аст?», ман гуфта будам, ки ҳам падарам, ҳам бобокалонҳоям бо касби табибӣ машғул шудаанд. Аммо ба ҷойи ин ҷавоб корогоҳ менавишт: «Падарам диндору домулло буд, худи ман бар зидди сохти шӯравӣ тарғибот бурдаам...». Аз нодуруст навиштани шарҳи ҳоли ман ӯ чӣ ҳадафе дошт? Маълум, ки ягона мақсади нопокаш ба гардани ман овехтани тавқи лаънат – душмани шӯравӣ хондани тамоми авлоду аҷдодам буду халос! Он замон, ба вижа, вожаи «диндор» ба маънии душмани шӯравӣ фаҳмида мешуд.

Камина аз имзо сарпечӣ кардам. Ва ин амал боис шуду аз он дам ба баъд дар ҳаққи ман сафедро сиёҳ, нокарда гуноҳро кардӣ гуфтан, дӯғу пӯписа, ҳақорат ва дурӯғгӯйиҳо оғоз ёфт. Барои раҳоӣ ҷустан аз он сарзанишу зиллатҳо танҳо як роҳ вуҷуд дошт: мебоист камина эътироф кунам,

ки аз мӯйи сар то нохуни по ман душмани давлати шӯравӣ ҳастам, миллатситезам. Аммо, ин баробари раъйе буд, ки худамро бо дасти худ ба ҷазои қатл маҳкум мекардам.

Чӣ касе метавонад ин корро кунад? Оё метавонад сар нафарорад? Дар ин сурат, ӯро ҳатман ба карсер(5) мепартоянд. Медонед карсер чӣ гуна маконест? Ҷойи хоб – кафи симонӣ. Хӯроки якрӯза – як қошуқ сӯккочии явғон ё шӯлаи ҳуртумон ва агар кас аз ин ҳам маҳрум шавад, тамоми рӯзаш бо сад грам нону об мегузарад. Эҳтимол дорад моҳҳои дароз ба маҳбус хоби роҳат надиҳанд. Аз ҳар гуна ғизои хонагӣ ва хатту хабар ҳам маҳрум мешавад. То дилашон бихоҳад, зиндониро озор медиҳанд. Оё ба ин ҳама тобу тавони бандӣ мерасад? Ба зиндагӣ умеде дар ӯ боқӣ мемонад? Чӣ қадар метавонад таҳаммул кунад? Чӣ бояд кард? Ҳар гуна дурӯғро рост гуморидан магар худии худро душман эътироф кардан нест? Хуб, билфарз агар ин корро ҳам кунад, барака ёб, «ту аз зиндон озод» гӯён ҷавоб медиҳанд?

Пас аз он, ки айбномаи сохтаро имзо накардам, корогоҳ аз ман пурсид:

– Оё медонӣ барои чӣ зиндонӣ шудаӣ?

Бо ин савол манзураш он буд, ки имзо кардану накардани ман аҳамияте надорад, агар душманиро тан нагирам, маҷбурам мекунанд. Албатта, ба ин пурсиши ӯ дар шигифт мондану ғайр аз «намедонам» гуфтан дигар ҳарфе надоштам. Ҷавоби радди маро шунида, корогоҳ дар ҷойи нишасти худ ба ғазаб омад ва дод зад:

– Маккор!.. Маккор! Душман ҳамеша маккор аст! Гумон мекунӣ, мо ҳаракатҳои зидди шӯравиатро, андешаҳои пантуркию панисломиятро намедонем?! Агар нахоҳӣ зӯрӣ кунему азоб диҳем, ҳама гапро пинҳон накарда ошкоро бигӯй, ин гуноҳатро сабук мекунад. Медонӣ, Максим Горкий чӣ гуфтааст? Ту шоирӣ, бояд бидонӣ! «Агар душман бо дасти худ таслим нашавад, ӯро маҷақ карда ба хок яксон мекунанд», ҳамин тавр?

– Вақте ки чизе нест, куҷояшро пинҳон кунам? Агар гуноҳе дошта бошам, ту бигӯй! Ман на ба давлати шӯравӣ душманӣ дорам, на гуноҳе содир кардаам, ки ба сабук ё сахт карданаш ниёзе бошад.

Аз ин ҷавоби банда корогоҳ худро таҳқирёфта дид магар, бо ғазаб муште ба рӯйи миз фаровард ва додзанон гуфт:

– Мехоҳӣ душманиатро пинҳон карда моро гӯл занӣ, бадгумон! Фаромӯш накун, ки ба ту раҳме нахоҳанд кард! – ва бо ҳавои ин ки маро калтак занад, ба болои сарам омад.

Корогоҳ тӯтивор як гапро такрор мекард:

– Бар зидди давлати шӯравӣ бо кадом роҳ ва бо киҳо мехостӣ мубориза барӣ? Мо маҷбур накарда худат рости гапро гӯй!

Ҳар қадр дод мезаду дашном медод, ҷавоби камина низ танҳо яке буд:

– Ман ки душман нашудаам, сари чӣ андеша кунам!.. Чиро гӯям?

– Яке аз аломатҳои нияти хасмонаи ту ин аст, ки ҳатто саъй дорӣ чекистҳои шӯравиро ба дурӯғгӯйӣ буҳтон занӣ, ба онҳо низ бовар надорӣ.

– Не! Ман ҳамеша чунин донистаам, ки чекистҳо инсонҳои фидокор ҳастанд, одамони ҳалолеанд, ки ба ғайр аз манфиати давлату миҳан чизи дигареро фикр намекунанд.

Чӣ чора, корогоҳ ба ҳар як ҷавоби ман аксуламал нишон медод, саъй мекард аз ман душманеро битарошад.

– Ба хубӣ миллатгароиии худро тан гир, дар акси ҳол, бо далелу гувоҳҳо душманиатро фош мекунем. Агар ба мо бовар карда, ба айби худ иқрор шавӣ, такрор мекунам, гуноҳат сабук мешавад, боиси ҳарчи зудтар хотима ёфтани бозҷӯйиҳо мегардад... Фикр кун!

– Агар гуноҳе медоштам, бе ҳеҷ гувоҳу далел ҳам тан мегирифтам. Охир, сари кадом гуноҳи набуда фикр кунам?! Агар ҷурме дорам худат бигӯй!

– Фаъолияти миллатгароии худро пинҳон медорӣ?

– Туҳмат!

– Робитаат бо миллатгарои зиндонишуда ва нависанда – душмани халқ-чӣ?

– Ҳеҷ гоҳ, бо ҳеҷ кадом миллатгарое робита накардаам. Агар ҳаст, ту бигӯй, ман ба гардан мегирам!

– Ба мо ҳамааш аён аст. Душман маккор мешавад, ба осонӣ тан намегирад.

Аз ҷавобҳои камина корогоҳ бештар ба шӯр омада, дар хусуси ин ки бо афроди чанде пеш ҳабсшуда – Ҳамид Сулаймон, Мирзокалон Исмоилӣ, Шуҳрат, бародарон Алимуҳаммадовҳо, Маҳмуд Муродов чӣ гуна ошноӣ дорам, бо онҳо чӣ гуна робитаҳое доштаам, дар куҷоҳо мулоқот кардаем, бар зидди шӯравӣ чӣ гуна аъмоли мафкуравию эътисобиро пеш бурдаем, тақозои эътироф намуд.

Ба ин гуна пурсиш ба ҷуз «вой дод» гуфтан аксуламали дигаре набуд. Ба куҷо мегурезӣ? Чиро андеша кунаму ба чӣ иқрор шавам?

– Мо ҳеҷ касро ноҳақ ҳабс накардаем. Одами бегуноҳ ба ин ҷо намеояд.

Корогоҳ ғазабомез ба ман нигоҳ карда, бо телефон нозирро садо заду гирифта бурдани маро фармуд.

Ин буд, ки чанд рӯз дар утоқи яккаса мондам. Корогоҳ маро аз ёд баровард. Шояд гуноҳҳояшро пурра фикр карда бинад гӯён, маро ба сӯйи худ намехонд? Агар чунин буд, охир, дар хусуси кадом гуноҳ фикр карданам мумкин! Худ ба худ савол медиҳам, дунболи он мегардам, ки чӣ айбу хатоҳое содир кардаам. Шояд аз ёд баровардa бошам...

Агар касе мегуфт, ки ин ҳама сарнавишти наҳс аз пайи ранҷу азобе аст, ки замоне ба падару модарат расондаӣ, омода будам ба пеши поҳояшон афтида тавбаю тазарруъ кунам ва ҳар гуна ҷазое ҳам раво бубинанд розӣ мешудам. Дигар, ба миҳану миллати худ низ ба ҳеҷ ваҷҳ хиёнат накардаам! Агар чунин мебуд, ба мурдан ҳам сар мефаровардам.

Сарнавишти худро аз нигоҳи виҷдон ба пеши назар меоварам ва бо ин дид ба худ саволҳо медиҳам. Оё шудааст, ки аз ҳаёту сиёсат норизо бошам? Чунин ҳолат пеш омадааст? Шояд аз ин хотир зиндонӣ шудаам?

Пас аз асорат зимистон гузашту баҳор ҳам омад. Дар ин миён на ҷавона задани сабзаҳоро дидаму на шукуфтани гулҳои лоларо дар дашту даман, аз муғча бастану гул кардани дарахтҳо низ хабаре надоштам. Ҳатто садои мурғон низ бароям бегона менамуд. Ба сиёҳчоле, ки ман он ҷо менишастам, на боди сабо мерасиду на нафаси баҳор. Намедонам, Худованд барои кадом гуноҳҳоям маро аз ин ҳама неъматҳои оромбахш маҳрум карда буд!

Бо вуҷуди ин, гуфтаҳои корогоҳро ба хотир оварда, саргузаштамро нағзакак аз madди хаёл мегузаронам... Албатта, фақат Парвардигор беайб, вале намефаҳмам, аз кадом хатою гуноҳҳои ин ҳақир қаҳри Офаридгор омадааст? Агар падарам қорӣ бошад, магар айби ман аст? Бошад, асарҳои Абдулло Қодирӣ ё Усмон Носирро хондаам, ин магар ҷурм аст? Аз ин чӣ душмание ба давлати шӯравӣ буда метавонад? Гуноҳи ман чист?

Яке аз ҷурмҳои асосие, ки ба дӯши камина гузоштаанд, гӯё душмании ман ба ҳокимияти шӯравӣ, норизо буданам аз сиёсат ва нолаю исёнам будааст! Душманӣ ҳаст, норизоӣ ҳам ҳаст!.. Солҳои сиюм одамон аз дасти гуруснагӣ варам карда қир мешуданд. Кӣ аз ин ҳол розӣ буда метавонад? Соли 1937 одамони бегуноҳ ҳабс шуда, беному нишон шуда рафтанд. Ба ин чӣ касе розӣ буда метавонад? То замоне, ки худро мешиносам, ҳанӯз аз даврони ҷавонӣ аз пайи хавфу хатаре ноаён дил дар даст мегаштам ва пинҳон ҳам намекунам, ки бо норизоӣ рӯз мегузарондам. Наход ки ин душманӣ бошад?!

---

(1) **веросторӣ** – муҳаррирӣ; тасҳеҳ, ислоҳ ва танзими навиштаҳо;
(2) **мадрак** – ҳуҷҷат, санад;
(3) **КГБ** (Комитет государственной безопасности) – созмони амнияти миллии Иттиҳоди Шӯравии собиқ;
(4) **карсер** (*русӣ:* карцер) – камераи яккаса *(барои маҳбусоне, ки ба тартиботи ҳабсхона риоя намекунанд ё аз тартибот норозианд)*

## Саида Зуннунова
## (1926 – 1977)

*Саида Зуннунова 15 феврали соли 1926 дар шаҳри Андиҷон дар хонаводаи корманди давлатӣ ба дунё меояд. Дар синни понздаҳсолагӣ аз падар ятим мемонад. Солҳои 1941 – 1943 дар Донишкадаи давлатии тарбияти омӯзгории Андиҷон таҳсил мегирад. Сипас дар мактаб ва рӯзнома кор мекунад. Соли 1947 ба факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна дохил мешавад.*

*Саида Зуннунова ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ бо адибони варзида, аз қабили Ғафур Ғулом, Ойбек, Мақсуд Шайхзода ошно шуда, бо маслиҳату дастгирии онҳо ба адабиёт қадами боэътимод мегузорад. Агарчи нахустин шеъраш соли 1935 дар рӯзномаи «Пахта фронти» (Ҷабҳаи пахта) ба чоп расида буд, соли 1948 бо интишори маҷмӯаи шеърҳои худ – «Духтаратон навишт» ба хосу ом ҳамчун шоир муаррифӣ мегардад.*

*Саидаи ҷавон дар поёни соли 1949 бо адиб Саид Аҳмад, ки он замон тавассути фелетону ҳикояҳои ҳаҷвӣ ва мақоланигории худ шинохта шуда буд, издивоҷ мекунад. Мутаассифона, қисмат онҳоро аз имтиҳоноти сахти зиндагӣ мегузаронад. Пас аз се моҳи хонадоршавӣ Саид Аҳмад бе ҷурм «душмани халқ» эълон шуда, ба муддати тӯлонӣ зиндонӣ мегардад.*

*Саида Зуннунова пас аз хатми донишгоҳ дар идораи нашриёҳои «Гулхан», «Ӯзбекистон маданияти», муассисаи табъу нашри «Адабиёти бадеӣ» ва Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон фаъолият мекунад.*

*Пайи ҳам маҷмӯаҳои шеърии шоир бо номҳои «Ашъори тоза» (1950), «Водии гулҳо» (1954), «Духтарҷонҳо», «Андешаҳои як сол» (1967) ба табъ мерасанд.*

*Адиба ҳамчун нависанда дар асарҳои худ бештар сарнавишту олами тасаввури занонро ба қалам додааст. Маҷмӯаи ҳикояҳои ӯ – «Гулбаҳор» (1956), қиссаи «Гулхан» (1958), достонҳои хурду бузурги «Оташ» (1962), «Дар байни одамон», «Кӯчаҳои тобон» (1965), «Ман қурбони қадди ту» (1972), «Директор» ба хонандагон шинос мебошанд.*

*Саида Зуннунова баҳори соли 1977 ба бистари беморӣ меафтад ва дар синни 51-солагӣ дунёи фониро падруд мегӯяд. Ин марги нобаҳангом, ба вижа, ҳамсараш Саид Аҳмадро ба ғаму ғусса ва таассури амиқ гирифтор мекунад. Баъд аз вафоти шоир аз нависанда суол мекунанд: «Чаро пас аз даргузашти Саидаапа дубора хонадор нашудед?». Шавҳари дилбохта ҷавоб медиҳад: «Ман мехоҳам бо рӯйи сурх ба мулоқоти ӯ равам». Нависанда сӣ соли пурра бидуни ҳамсар ва бо ёди ҳамсар зиндагӣ кардааст!*

*10 июни соли 2013 дар боғи миллии Ӯзбекистон дар Тошканд муҷассамаи муштараки Саида Зуннунова ва Саид Аҳмад гузошта мешавад. Саида Зуннунова муфтахар ба нишони «Ҳурмат белгиси» (Рамзи эҳтиром) шудааст.*

## ДАСТҲО
***(ҳикоя)***

Пас аз фарҷоми базми арӯсӣ ҳавлии пур аз шавкуну ҳаёҳу нафас дар дарун монд. Ягон-ягон наздикони хона, ки барои ҷамъ кардани дастурхонҳо монда буданд, паси ҳам дар гӯшаю канор дароз кашида ба хоб рафтанд. Бар рӯйи мизу курсиҳои саҳни ҳавлӣ косаю табақ ва дигар зарфҳои чошу пареш ҳанӯз бисёр буд. Агарчи ба туфайли тараддуду корҳои арӯсфарорӣ аз ҳама бештар Маликахола хастаю шалпар менамуд, то ҳол сари по мегашт. Ба хотири бедор накардани дигарон нӯг-нӯги по роҳ гашта, дастурхонҳоро гирдуғун мекард.

Дар атроф хомӯшӣ ҳукмрон. Фақат ба даври чароғҳои барқие, ки аз дарахтҳо овезон меистоданд, парвонаҳо базм меоростанд. Ҳамин ки Маликахола хост саги дайдуро аз назди тағораҳои хурду калони дастакдор дур кунад, хоҳараш бедор шуда монд. Сагро аз ҳавлӣ берун ронда, по чида-по чида баргашту ба хона даромад.

Як дам сарашро ба рӯйи болин гузошт. Хобаш набурд. Аз ҷо хеста хеле вақт дар рӯйи хона гашт. Куҷо, хоб намеомад, ки не. Аз як сӯ, хурсандии расидан ба дидори арӯс, аз ҷониби дигар, ҳиссиёти амиқе, ки обхӯрда аз орзуву умедҳои чандин сол нуҳуфта дар дилаш буд, тамоми тору пуди мағзашро бедор нигаҳ медошт.

Аз дарвозаи бози ҳавлӣ ҳавои сарди шабона хазида ба хона медаромад, ҳамзамон равшании хираи чароғҳои ҳавлӣ ба хонаи торик, ба гӯшаи хонтахтае, ки Маликахолаи хаёлманд ба он такя дода менишаст, меафтод. Ба ҳавлӣ дубора саге даромад магар, як нафар нимхобу нимбедор ғурунгос зада онро пеш кард. Маликахола аз ҷо хеста пардаи тирезаро фаровард, чароғро равшан кард ва дубора дар ҷойи худ нишаст. Аз шустушӯйи зарфҳо буд, зоҳиран, гирди чашмаки ангуштариаш тирагун ба назар расид. Бо сӯзан онро тоза карда баромад. Сипас ба кафи даст гирифта чанд муддат ба он зеҳн монд, хаёлангез дубора ба ангушташ гузаронд.

Ангуштариро шавҳараш дар рӯзи арӯсӣ тақдим карда буд. Агар он замон нигини хушдид ангуштариро оро медод, бо мурури замон ба «чашмон»-и ӯ мубаддал шуду Маликахонро дар ҳама ҷо наззора карда гашт, ҳангоми олуда шудан ба равғани сиёҳ гӯё «механдид», дар ҳини пешпо хӯрдан аз дасташ «медошт». Он замон ҳангоми гузарондани ангуштарӣ ӯ чӣ дастҳое дошт? Фарбеҳак, сап-сафед, дастакони нозуку ботаровати ҳанӯз одат накарда ба азобу машаққатҳои ҳаёт. Ҳоло бошад, бо рагу пайҳои сахту барҷаста, ҳар ҷо-ҳар ҷо доғдору обутобёфта. Агар замоне ангуштарӣ ба дасти сафеду оҳорӣ чун гули зебое ҳусн мебахшид ва зебу зинате беш набуд, дертар ҳамчун рамзи муҳаббату садоқат ин дастҳоро ба заҳмат, ба азобҳои ҳаёту зиндагӣ одат кунонд. Оре, ба рамзи садоқату заҳмат табдил ёфт ва ҳамчун зебу зинат ба дасти бегонае наафтод.

Дар воқеъ, ҳамин дастҳои ҷафопешаву заҳматӣ буданд, ки ӯ тавонист ҳама чизи лозимро барои арӯсӣ фароҳам оварад, дастурхони идонаро ба пеши меҳмонҳояш густурад, либосҳои шинаму хушрӯро барои арӯси тозаворид дӯзонаду пӯшонад...

Субҳ фаро расид, камокон аз ҳар сӯ овози хониши хурӯсҳо ба гӯш меомад. Маликахола аз қати кӯрпа калиди дӯстдоштаашро гирифту оҳиста, бе сарусадо сандуқро кушод. Як он ба димоғаш бӯйи доруи митта ва боз ким-чи хел бӯйи ошное зад. Ҳарчанд ин сандуқ доимо қуфл ба сар дошт, дар он фақат як-ду дона пероҳани мардона, як палтои нимдошти фарсуда ва як камзӯли нав нигаҳдорӣ мешуду халос. Маликахола онҳоро аз сандуқ гирифт. Ба рӯйи зонуҳояш гузошта, гиребони палторо оҳиста-оҳиста, то ки озор наёбад, бо меҳр молида монд. Ҳафдаҳ сол боз ӯ ин

корро мекард, аммо асло дилгир намешуд. Баҳор ки меомад, доруи миттаро мезад, дар тирамоҳ бошад, аз сандуқ гирифта афшонда, овезон карда мемонд. Фасли зимистон ин палто ҳам дар канори палтои писарашу худаш дар хонаи гарм меистод. Бо чунин тасаввур мегашт, ки соҳиби он дар ҳамин ҷост, фақат каме пештар ба ҷое баромада рафтааст ҳоло бояд баргардад...

Маликахола ҳатто дар солҳои ҷанг, бо вуҷуди камукостиҳои рӯзгор, ин ҳама ёдгориро нигаҳ дошт. Вақте ки аз дасташ кор меояд, магар девона аст палтои ӯро ба бозор барорад?! Оё дилаш мешавад бо ҳамин дастони солиме, ки ёрои пул ёфтану чархи зиндагиро гардондан дорад, палторо ба касе ҳадя диҳад? Фурӯшад?! Аҷаб, ин либосҳо чӣ қадар ба ӯ мезебиданд. Ба хусус, аз камзӯл хушаш меомад, онро бо эҳтиёт мепӯшид. Ӯ ин либосҳоро бо чӣ қадар нияти нек гирифта буд, наход ки акнун дигарҳо пӯшида куҳнапора кунанд? Не, худаш ба кор мебарад, худаш мепӯшаду куҳнапора мекунад!

Маликахола аввалҳо бо зиндагии хона банд буд, дертар ба корхона ҷалб шуд. Писарашро ба боғча дод. Ҳис мекард, меҳнат аламашро мекоҳад, ба дардҳояш дармон мебахшад. Ба ҳама занони ҷавоне, ки қисматашон ба ӯ монанд буд, ҳамроз шуду дасти дӯстӣ дароз кард. Агар аз шавҳари як нафар номае меомад, садтоаш бо ҳам хурсандӣ мекарданд, агар ба сари ягон кас кулфат меафтид, ҳама он мушкилиро бо ҳам мекашиданд. Вақте ки аз шавҳари Маликахола хати сиёҳ омаду ба сараш пардаи рӯзи тор нишаст, ин «оила»-и муттафиқ ба ӯ ҳамдарду муттако шуд. Нагузоштанд, ки миёнаш хам шавад, аз пой дар ояд. Ҳамон рӯз, вақте ки Маликахола аз кор баргашта, палтояшро кашида дар рахткан овехт, бо алам рухсори худро бо палтои шавҳар печонд ва аз решаҳои дил доду фиғон бардошт. Баъдан палтою камзӯл бароящ боз ҳам бештар азизу қадрдон шуда монданд. Агар сараввал либосҳои дӯстдоштааш буданд, аз он пас онҳоро ба унвони ёдгорӣ ҳифз кард. Ин буд, ки палто ҳар баҳор доруи митта мехӯрду ҳар зимистон «чеҳра» боз карда овезон мешуд.

Писараш Бахтиёр он замон хеле хурд буд. Ҳолу аъмоли модарро хуб намефаҳмид, асло ақлаш намерасид, ки чаро модар ҳар гоҳ аз гунаҳои ӯ на як бор, балки ду бор бӯса мебардошт. Ӯ барои Бахтиёр на фақат модар, ҳамчунин ба ҷойи падар буд. Ҳамеша – чи дар хона, чи дар кӯча бо ёди шавҳар мезист. Ҷавонӣ, тамоми умри худро бо ёди ӯ гузаронд. Ба эҳтироми ҳамин хотира Бахтиёрро мисли падараш ҳамчун инсони заҳматкаш, софдилу покизакор ба камол расонд. Бахтиёр, дар ҳақиқат, ба падари худ монанд буд. Ҳар гоҳ муомилаю кордӯстӣ, меҳрубонӣ ва баъзе рафтори аҷиби ӯро медид, дар назараш гӯё шавҳар зинда мешуд, мисли ин ки вай ҳаётро аз нав сар мекард. Оре, вай зинда менамуд. Дар симои Бахтиёр зиндагӣ дошт, бо дасти Маликахола дубора ба ҳаёт баргашт...

Модар бо заҳмати фаровон ба писар нони ҳалол хӯронд, либоси тоза пӯшонд, навозиш дод, бо ноз парвард, ӯро ҳамчун одаму инсони воқеӣ калон кард. Ҳоло ҳам бароящ арӯс фароварл. Агар падараш мебуд, чӣ қадар хурсанд мешуд... Шавҳар дар давоми тӯй аз назари Маликахола «дур нарафт». Бо арзи муборакy саломат меҳмононро пешвоз гирифт, ба бозию хурсандиҳо сар шуд, аз пешонии писару арӯсаш бӯса бардошта бароящон бахту саодат хост. Ин ҳамаро Маликахола дида меистод. Бо қалбу зеҳни худ ҳис мекард...

Аз пайи базми арӯсӣ чароғҳо тамоми шаб равшан монданд ва ниҳоят, нури онҳо бо рӯшноии субҳ даромехт. Наздиконе, ки то ҷое аз хоб сер шуда буданд, пас аз чой хӯрдан дубора ба шустушӯйи зарфҳо ва ҷамъ кардани дастурхонҳои боқимонда машғул шуданд.

Маликахола ба назди арӯс даромад. Домоду арӯс ба эҳтироми ӯ аз ҷо хестанд, ба нишастан муроот намуданд. Арӯс бо андаке хиҷолат ба модаршӯйи худ пиёлаи чой дароз кард. Дар ин лаҳза модар пай бурд, ки Бахтиёраш марди калон шудааст. Ӯ ин дам ба падари худ хеле шабоҳат дошт.

Маликахола ба хотири ин, ки арӯсу домод зиёд хиҷолат накашанд, пиёлаи чойро нӯшид, вале онро пас надода, чанд муддат ба камзӯлу палтое, ки дар даст нигаҳ медошт, нигоҳ карда истод. Арӯс дар шигифт. Бахтиёр ҳам сар дарнамеоварл, ки чаро модараш маҳз ҳамин рӯз ин либосҳоро бардошта мегашт, дар ҳоле ки мижгонҳояш пир-пир мепариданд, ба ӯ нигоҳ карда монд. Модар саъй кард оби дидагонашро дар косахонаи чашм нигаҳ дорад, дам дар дарун сар боло кард:

– Писарам, то имрӯз боре ҳам нагуфтаам, ки либосҳои додоят ҳаст, бипӯш. Акнун бо худам овардам. Дигар хурду ҷавон нестӣ, хонадор шудӣ. Акнун метавонӣ инҳоро ба бар кунӣ. Дар ҷашнҳо, дар рӯзҳои нек пӯшида гард. Саришта кун, хурмат гузор.

Маликахола бо дастони ларзони худ либосҳоро ба писар дароз кард. Буғзи гулуяшро фурӯ бурда, бо чеҳраи кушод, меҳрубонона ба арӯсаш рӯ овард:

– Духтарам, агар падаршӯят мебуданд, намедонам чӣ ҳадяҳое бароят медоданд. Ин ангуштариро дар рӯзи арӯсиамон ба ман тақдим карда буданд. Ҳоло аз тарафи он кас ман ба ту мебахшам. Аз ангуштат дур накун. Инро на ба хотири зебу зинат, балки бо нияти эҳтиром андохта гард. Дастҳоят ба мисли дастони ман заҳматкашу ҳалол бошанд, лекин меҳнатро ба монанди ман

танҳо не, бо ҳам кунед, бо ҳам пиру бадавлат шавед. Бахтиёр туро ҳеҷ гоҳ нороҳату зиқ намекунад. Ман ба ӯ чунин тарбият додаам, ҳамчун падари худ, яъне ба монанди падаршӯят бузург шуд. Ту ҳам, духтарам, ба ӯ эҳтиром гузор, ӯро наранҷон.

Маликахола, дар ҳоле ки дастонаш беихтиёр меларзиданд, ангуштариро ба ангушти арӯс гузаронда, хаёломез кафу панҷаи як замон софу ботаровати худро ба ёд овард. Дар чашмони арӯс ҳам оби дида ҷило дод. Ин ба он маънӣ буд, ки дастакони сап-сафеду чун пахта мулоими ӯ низ ҳеҷ гоҳ ба ангуштарӣ хиёнат нахоҳанд кард. Агарчи нозуканд, ҳар чизи аз зиндагӣ дарёфтаи худро дар каф нигаҳ дошта, неруманд хоҳанд шуд.

**Мақсуд Қориев**
**(1926 – 2010)**

*Мақсуд Қориев 1 августи соли 1926 дар шаҳри Тошканд зода шудааст. Солҳои ҷанг дар ширкатҳои ҷамоавии деҳаи Юнусобод бо корҳои маъмулӣ машғул мешавад. Соли 1947 Донишкадаи ҳуқуқшиносии Тошкандро хатм намуда дар ҳамон ҷо ба илмомӯзӣ (давраи аспирантура) идома медиҳад ва дертар номзади илми ҳуқуқшиносӣ (1994) мегардад.*

*Фаъолияти рӯзноманигории адиб аз соли 1949 дар рӯзномаи «Қизил Ўзбекистон» (Ӯзбекистони сурх) оғоз меёбад. Баъдан фаъолиятҳои кории ӯ дар моҳномаи «Ўзбекистон коммунисти» (Коммунисти Ӯзбекистон, мудири шуъба; 1952 – 1954), рӯзномаи «Тошкент ҳақиқати» (Ҳақиқати Тошканд, муовини сармуҳаррир, сармуҳаррир; 1954 – 1963), рӯзномаи «Совет Ўзбекистони» (сармуҳаррир; 1963 – 1984), маҷаллаи «Муштум» (сармуҳаррир; 1984 – 1992) ва минбаъд дар рӯзномаи «Меҳригиёҳ» (сармуҳаррир; то соли 2002) идома пайдо мекунад.*

*Мақсуд Қориев ба унвони нависанда дар нимаҳои дуюми солҳои шастум ба адабиёт қадам мениҳад. Паси ҳам маҷмӯаи ҳикоя ва қиссаҳои адиб бо номҳои «Шабҳои маҳтобӣ» (1968), «Вақте ки санҷид бишкуфад» (1970), «Шаби хусуф» (1971), «Зеборухи Афросиёб» (1974), «Ҳангоми парвози баланди турнаҳо» (1976), «Ҳангоми гусели духтар» (1978), романҳои таърихии «Спитамен» (1985), «Ибни Сино» (1995), «Ғазнавиён» (2006), қиссаи «Бачагии Ибни Сино» (2002) ба табъ расидаанд.*

*Дар заминаи қиссаҳои лирикии адиб филми телевизионии «Мирзо ва Лола» ва филмҳои бадеии «Парастуҳо дар баҳор оянд» (коргардон Ҳ. Аҳмар), «Ҳангоми гусели духтар» (коргардон У. Назаров) офарида шудаанд.*

*Мақсуд Қориев яке аз муаллифони китоби дарсии «Назарияи давлат ва ҳуқуқ» мебошад.*

*Адиб сазовор ба медали «Шуҳрат» (1996) ва нишони «Эл-юрт ҳурмати» (Маҳбуби халқу ватан, 1998) шудааст. Тобистони соли 2010 пас аз бемории начандон тӯлонӣ дар шаҳри Тошканд аз олам чашм мепӯшад.*

**ПАРАСТУҲО ДАР БАҲОР ОЯНД**
***(ҳикоя)***

Ин воқеа дар ҳамон соли мудҳиши фаромӯшнопазир, ки заминларзаи сахт ба вуқӯъ пайваста буд, дар Тошканд рух додааст. Мо айнан дар қалби заминҷунбӣ, дар гузари Қашқар зиндагӣ мекардем. Аз пайи он ҳодисаи шуми табиӣ тамоми баданаи хонаамон хароб шуда дарзу тарақҳои бисёр бардошта буд. Агарчи хонаҳо сари ҷо ба назар мерасиданд, аммо имкони иқомат дар онҳо асло вуҷуд надошт. Хуб ки, ба бахтамон он замон айёми гарму нарм сар шуд ва мо чодар зада ба ҳавлӣ баромадем.

Бешубҳа, ин гуна шароити зисти ғайриодӣ барои бачаҳои ҳушманду ҳассос айни муддао буд. Ба хусус, асбобкашии мо ба ҳавлӣ боиси алоқа ва кунҷковии духтарамон Нодира гардид. Ин духтари пурзавқ акнун ба синфи шашум гузашта буд, ҳар гуна саргузашту ҳикояро бо майли тамом гӯш мекард, агар ягон хабар ё гаперо мешунид, то ба тагаш нарасад касро ором намегузошт. Аммо, ҷолиб ин ҷо, ки бо вуҷуди он ҳама пурсуҷӯю ҳазлу шӯхӣ Нодира кулфату изтироби ба сари мардум омадаро дарк карда, ба мисли солмандон хеле пуртамкину ҷиддӣ шуда монд. Ин ҳолат сабабҳои дигаре ҳам доштааст, ки мо дертар донистем.

Ёдам ҳаст, дар сақфи хонаи мобайнии кошонаамон, ки калонтар аз хонаҳои дигар буд, парастуҳо лона доштанд. Ин мурғакони аҷоиб ҳар сол дар рӯзҳои хоси фасли баҳор ба самти мо парида омада, ин рӯ он рӯйи лонаҳои пештараи худро «бозсозӣ» мекарданд ва нишеман гирифта тамоми тобистон «умр ба сар мебурданд». Ҳама аҳли хонавода ба парастуҳо хӯ гирифта будем, ба хусус, духтари яккаву танҳоямон Нодира онҳоро хеле дӯст медошт ва ба маҳзи ин ки баҳор мерасид, ду чашм ба роҳи парастуҳо мешуд. Ҳар гоҳ зимистон ба дарозо мекашид, дӯстони ба дер мондаашро ёд карда, ба навъи худ илтиҷо мекард, ки ҳавои сард тезтар гузашта равад. Пас аз заминларза ҳама

ашёву лавозими хонаамон дар рӯйи ҳавлӣ чошу пареш мехобид, фазои оиларо боди наҳси бесаранҷомӣ фаро гирифта буд. Бо дидани ин ҳолат Нодира низ дар худ гирифтаву хаёлангез мегашт, ба эҳтимоли зиёд, сарнавишти парастуҳои худро аз мадди хаёл мегузаронд.

Инак, дунёи зинда аз хоби зимистонӣ бедор шуд, дар саросари табиат гулу гиёҳон, бойчечаку зебоиҳои ҳастӣ рӯ боз карданд, айёми баҳорӣ оғоз ёфт. Ба назар мерасид, ки барои баҳор ҳар гуна офати табиӣ, балоҳое мисли заминларза бегонаанд...

Як рӯз саҳарии барвақт, ногаҳон мунодиҳои баҳор – парастуҳо пайдо шуданд, мисли ин ки кошонаамон дубора такмил ёфт, ташвишу нороҳатии ба сарҳоямон омада камтар гардид. Шодию хурсандии Нодира бепоён буд.

Парастуҳо баробари расидан бо ҳарос ба хонаи худ даромада рафтанд, вале бо тезӣ аз он ҷо берун омада чуғуррасзанон ким-чиҳое гуфтан гирифтанд. Дар як ҷо наистода, монанди шабпарак гоҳе аз дар ва гоҳе аз тиреза ба хона даромада мебаромаданд, аз ниҳояти нороҳатӣ беохир чиқ-чиқу ғуд-ғуд мекарданд. Ин «муҳокима» чанд муддат давом ёфт, сипас ҷарчиҳои ҳавои гарм банохост ғоиб шуданд, фазои хонаро хомӯшӣ фаро гирифт, гӯё тагу болоро об зада бошанд, ҳама ҷо диму сокит шуда рафт.

Мо гумон бурдем парастуҳо тез баргашта меоянд, аммо фурсати зиёде гузашту аз онҳо дараке нашуд. Нодира маъюсу ноумед гардид, хурсандиаш аз байн рафт, дилаш вайрон шуд. Охир, чӣ кор кунад, вақте ки дӯстони вафодораш, онҳое, ки чандин сол бо вай ҳамхонагӣ кардаанду хӯ гирифтаанд, баромада раванд? Нодира дилтанг шуда, ҳатто гилаомез ба хаёл рафт: «Наход дар рӯзе, ки ба сари мо мусибат омадааст, вақте ки кошонаамон хароб шудааст мурғони дӯстдоштаамон моро тарк кунанд?». Ӯ ба назди модараш, ки дар ошхона хӯрок мепухт, рафта арз кард:

– Очаҷон, чӣ кор мекунем акнун, парастуҳо моро монда рафтанд...

Модар бепарво гуфт:

– Э духтарҷон-е, ба куҷо ҳам мераванд, ҳоло мебинӣ, боз гашта меоянд.

– Не, намеоянд, гуфтугузори онҳоро худам шунидам...

Модар ба гапи Нодира хандида изҳор намуд:

– Духтараки нодони ман, гапатро бин, парастуҳо гуфтугузор кардаанд! Хуб, суҳбати онҳоро чӣ хел фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам, оча, солҳои пеш ба навъи дигар чуғур-чуғур мекарданд. Рост, онҳо хеле нороҳат буданд, бовар кунед!

– Шояд бо дидани вазъи хонаамон ғамгин шуда бошанд, мурғон хеле ҳассосанд.

– Шояд...

Дар ҳамин асно парастуҳо гашта омаданд. Онҳо дигар вориди хона нашуда, дар гирди айвон ба даврзанӣ даромаданд. Дертар донистем, ки мурғакон барномаи худро тағйир дода, мушкили лонаро ба наҳви дигар ҳал карданӣ шудаанд. Онҳо дар сақфи айвон ба сохтани лона пардохтанд, бо ин мақсад ҳама бо тамоми неру ба кор часпиданд. Бубинед, ки корҳои сохтусоз босуръат пеш рафт, «сохтмончиён»-и моҳир хастагиро ҳис накарда, аз дами саҳар то шом заҳмат кашиданд. Дар ин кор ҳам меъмору ҳам банно ва ҳам андовагар худашон буданд... Садоқату дӯстӣ ва заҳматкашии парастуҳо, воқеан, лоиқи таҳсин аст. Нодира ҷафокашии дӯстони худро, ки гӯё бо сӯзан чоҳ канда, ба ҷойи нишемангоҳи аз дасти заминларза харобшуда лонаи наверо мӯй ба мӯй пайрезиву бино мекарданд, дида, ба онҳо раҳмаш омад ва орзу мекард «иморат»-ашон ҳарчи зудтар ба итмом расад.

Дар ин ҳангом як иморати бисёрошёна дар васати шаҳр аз сӯйи сохтмончиёни маскавӣ ба истифода дода шуд ва барои мо низ аз он як хонаи сеҳуҷрагӣ доданд. Чӣ ҳам мекардем, мебоист кошонаеро, ки чанд сол боз манзили азизамон буду айёми кӯдакию наврасиамон дар он гузаштааст, партофта равем. Ҳарчанд ба хонаи нав мекӯчидем, хеле дилвопас будем, ба вижа, Нодира ҷойи нишаст намеёфт. Бечора ба ҳар кас «парастуҳо чӣ мешаванд?» гӯён дарди дил мекард. Ӯ бо чашмони нам хоҳиш кард:

– Додоҷон, илтимос, парастуҳоро ҳам ба хонаи навамон барем.

Ба ӯ дил доданӣ шуда гуфтам:

– Худат гувоҳ, парастуҳо лона месозанд, бояд дар ҳамин ҷо бимонанд.

– Мо ки рафтем, сохтмончиён ҳамаро вайрон мекунанд, баъд ҳоли ин шӯрпешониҳо чӣ мешавад?

Ба пурсишҳои Нодира ҷавоб ёфтан мушкил буд, боз ҳам саъй мекардем ӯро дилбардорӣ кунем:

– Хона ба ин зудиҳо вайрон намешавад, то он вақт парастуҳо роҳат бача монда, онҳоро калон карда мераванд.

– Аз ҳамааш хабар дорам, духтари ҳамсоя гуфт, ки дар ин ҷоҳо имороти баланд меафтодааст, то зимистон сохта мегирифтаанд...

– Ин хел нест, ба ҳар ҳол то тирамоҳ вайрон намекунанд.

– Хуб, фаразан гӯем, ки то тирамоҳ мемонад, вале баъд чӣ, дар баҳори соли дигар парастуҳо ба куҷо меоянд?

– Худат мебинӣ, парастуҳо чӣ қадар мурғакони боҳуш ҳастанд! Масалан, ҳоло валангории хонаро пай бурда бо маслиҳат ба он ҷо надаромаданд, чун диданд мо дар ҳавлӣ зиндагӣ дорем, онҳо ҳам лонаи худро дар сақфи айвон заданд. Пас, агар дар баҳори соли дигар ҳам оянд, барои худ ҷойи муносиберо хоҳанд ёфт.

– Аз куҷо меёфта бошанд? – бо тааҷҷуб пурсид Нодира.

– Шояд ба хонаи бисёрошёнаи мо раванд.

Нодира бо хушҳолӣ афзуд:

– Рост-а, додоҷон, кош ҳамин хел мешуд!

Ҳамин тавр, аз миён як ҳафта гузашту кӯчамонро бардошта ба хонаи нав рафтем. Манзили кушоду шинаме буд, дорои шароиту имконоти мусоид, ба ҳамаамон хуш омад. Бо мароми худ зиндагиамон роҳ меафтод.

Боре ҳамроҳи Нодира барои овардани баъзе майда-чуйдаи зарурӣ ба самти гузари Қашқар – ба хонаи куҳнаамон роҳ пеш гирифтем. Баробари вориди ҳавлӣ шудан, беихтиёр, ҳам ман ва ҳам Нодира ба сақфи айвон чашм дӯхтем, аммо аз парастуҳо хабаре набуд. Каме дар миёни ҳавлӣ мунтазир истодем, гумон кардем парастуҳо дунболи «масолеҳи сохтмонӣ» рафтаанду ҳоло бармегарданд. Лекин мурғакони беозор пайдо нашуданд, ба назар мерасид, ки сохтусози «манзили нав»-ро нимкора гузошта, кайҳо парида рафтаанд...

Назаре ба Нодира афкандам, ду чашм ба замин дӯхта сокит меистод. Ӯ ба сӯяш нигоҳ кардани маро пай бурд магар, барои нишон надодани намии дидагонаш ба дигар сӯ рӯ гардонд. Падару фарзанд хомӯшона ҳавлии холиро, ки ҷуз бод чизе надошт, ба ҳоли худ гузошта ба қафо гаштем. Дар роҳ мерафтаму дилам беш аз пеш танг мешуд, ҳангоми асбобкашӣ ин қадар зиқ нашуда будам...

***Эзоҳ:*** *Заминларзаи фоҷиабори шаҳри Тошканд 26 апрели соли 1966, соати 5-у 23 дақиқаи субҳ ба вуқӯъ пайвастааст. Он бо басомади 2-3 ҳертс 10-12 сония тӯл кашидааст. Бузургии зилзила дар манбаъ бар асоси миқёси Риштер 5,2 бал ва дар сатҳи замин ҳудудан 8 бал будааст. (Мутарҷим).*

## «ДАР ЯК МОҲ МЕМИРӢ!»

***(ҳикояи ҳаҷвӣ)***

Аҳмадпаҳлавон нишинад хеста наметавонист, хезад нишаста. Э-ҳе, агар ӯро дар кӯю кӯча бинед ҳайрон мешавед, мисли ин ки деве меояд бадвоҳима. Худаш ҳам аз саду панҷоҳ зиёд. Бе муболиға, фарбеҳтарин одами маҳалла аст. Бо ин ҷуссаю гавда кош ҳадди ақал кушти мегирифт. Аммо, кушти куҷо, ҳатто як пашиз коре аз дасташ намеояд! Барои вай ғизо бошад шуд, дидам намегӯяд. Дар ҳар кадом гӯшаи Тошканд ош диҳанд, вай ҳозиру нозир. Субҳи зуд ба Ӯрда, аз он ҷо ба «Нур», сипас ҳарсосзанон ба «Наврӯз». Эҳ, кош мошине бошаду ӯ роҳат ҷо шавад ва ба ҳама ош расида гирад...

Як бегоҳӣ хаёломез дар муқобили телевизор дароз мекашид, ки ногаҳон таблиғ доданд: «Дар се рӯз лоғар мекунем», «Лоғаршавии супер то 50 кило», «Дар 33 сония лоғар мекунем», «Дар тӯли як ҳафта 3-5 кило лоғар мешавед», «Чарбии шикаматонро нест мекунем», «То соли нав лоғаршавии шумо ба уҳдаи мост», «Шикаматонро аз байн мебарем»... Хуллас, дар оинаи ҷаҳоннамо пайи ҳам таблиғ медоданду дар зер шумораҳои телефони мубаллиғинро ҳам менавиштанд. Аммо Аҳмадпаҳлавон аз дасти ҳаросонӣ ҳеҷ як шумораро ёддошт накард. Бо худ қаламу коғаз ҳам надошт. Аз он ки ба дардаш даво ёфтаанд, бениҳоят хурсанд шуд. «Ё тавба, «умрбод лоғар мемонед», «дар як соат лоғар мекунем» мегӯянд-а. Қоил-е! Дар як лаҳза ҷавони тануманде шуда монам-а? Ҳатто чароғи Алоуддин ба ин қадар аҷоибот қодир набошад даркор...», аз дил гузаронид ӯ.

Аз хурсандӣ яхдонро боз кард, мошшӯлаи аз дишаб мондаро, агарчи сард буд, бо як нони комил паққос зад. Нӯшобаи хунуки шишаро бо як нафас хӯрда партофт. Нафсаш каме ором гирифт, хотирҷамъ шуд, мурғобивор ба хонаи дигар гузашту шабеҳи хирс ба хоб рафт.

Дар хоб дид, ки ӯ низ ба ҳамон маҳалли лоғарсозӣ рафтааст. Ҳамин ки расид, дар он ҷо як мӯйсафеди мисли чӯб қоқу лоғар менишаст. Аз лоғарӣ маҷоли сухан гуфтан надошт. Аҳмадпаҳлавон пурсид:

– Чаро ин қадар худро коҳидаед, бобо?

– Дар ин ҷо саволро фақат мо медиҳем, ту ҳаминро дониста мон, ки аз имрӯз муқаддам бемор ҳастию ба «лоғархона» омадаӣ, – гуфт мӯйсафед ва як тугмаи зангро зер кард.

Ҳамон лаҳза ду нафар марди қаддарози қоқинаи хилъати сиёҳпӯш, ки қаддашон ба сақф мерасид, пайдо шуданд. Онҳо Аҳмадпаҳлавонро маҳкам аз ду бағалаш гирифта, кашолакунон ба лаби ҳавзе бурданд. Нигоҳ кунад, оби ҳавз пур аз яхпора аст, дар он ҷонварҳои хунукбашарае ба монанди қурбоққа шино карда мегарданд. Бо вуҷуди ин, он ду марди қоқинаи қадбаланд ӯро раҳо накарда, бардошта ба ҳавз андохтанд...

Аҳмадпаҳлавон «вой дод!» гӯён, аз тарси овози худ парида аз ҷо хест. Эҳ, Худоё шукр, дар хоб будааст. Каме ба худ омад, сари по рост шуду чароғро равшан кард, ба соат чашм дӯхт, ҳафт. Ҳамоно ба як дӯсти кӯчагии худ занг зад:

– Ҳой, Боқибой, телефони ягон маскани лоғарсозиро намедонӣ?

– Ба ту чӣ шуд, палвон, аз каллаи саҳар хароб шуданиат гирифт?

– Дирӯз аз телевизор мегуфтанд, ба ёддошти шумораи телефонаш нарасидам.

– Бубин, дар кадом як рӯзномае бисёр эълон медиҳанд... Ҳа, дар воқеъ, «Тасвир»-ро дида баро, телефони маскани лоғарсозиро ҳам ҳатман дорад.

Кори Аҳмадпаҳлавон пеш нарафт. Пас аз сарфи ноништа зиқ шуд, тибқи одат ба дами дар баромад ва ҳамин ки дар тахтакурсии махсуси худ баҳузур нишаста гирифт, аз куҷое оқсаққоли гузар омада монд. Ӯ пурсид:

– Ҳа, палвон, дилтанг менамоӣ?

– Хуб шуд, ки омадед, оқсаққол, – гуфт Аҳмадпаҳлавон ва арзи дил кард.

Оқсаққол ба оҳанги ҳамдардӣ изҳор намуд:

– Ҳамин ҳам гап аст магар?! Агар донӣ, дар Тахтапул марди мошфурӯше ҳаст ба исми Дадабой. Табиби зӯр, пеши ҳамон рав, даво меёбӣ, – ва суроғаи табибро батафсил фаҳмонда дод.

Аҳмадпаҳлавон то вақти пешин хонаи мошфурӯшро пайдо кард. Ӯ марди хурдакаке будааст. Ҷолиб ин, ки вай ба ҳамон марди бедармони «лоғархона», ки дар хобаш дида буд, хеле монандӣ дошт. «Ман хобам ё бедор?», бо шигифт зери лаб ғурунгид Аҳмадпаҳлавон. Мошфурӯши табиб бо дидани ӯ суол кард:

– Хуб, бифармо палвон, чӣ хизмат?

Аҳмадпалвон воқеаи рухдодаро нақл кард. Мошфурӯш бо диққат аз сар то по ба ӯ зеҳн монда истоду ниҳоят бо аломати пушаймонӣ сарашро ба ду самт ҷунбонда нимшунаво гуфт:

– Афсӯс, намешавад, вақт гузаштааст...

– Ба ростӣ, намешавад? – бо ранги парида ба наҷоткори худ нигоҳи маъюс афканда пурсид палвон.

Табиб бо қатъият афзуд:

– Мехоҳӣ, рости гапро гӯям?

Палвон озурдахотир лаб ҷунбонд:

– Бигӯ.

Табиб рост ба чашмони «бемор»-и худ нигоҳ карда гуфт:

– Дар як моҳ мемирӣ!

Аҳмадпалвон ҷаста аз ҷо хест, ба табиб рӯ оварда гуфт:

– Одами аҳмақ будаӣ! – ва мисли тири туфанг аз хона баромада рафт.

Чун ба манзили худ омад, дар ниҳояти нороҳатӣ то бегоҳ рӯй ба замин дода хоб рафт. Ҳамсараш ғизоҳои дӯстдоштаашро омода карда овард, аммо каме майл карду дигар аз гулуяш нагузашт. Ҳамин тавр, бо мурури замон одатҳои нав пайдо кард: гоҳ-гоҳ ба кӯча баромада бедарак мешуд, баъзан чизҳоеро аз дӯкон харида меоварду дар ҷевони либосҳои худ пинҳон мекард...

Як рӯз Аҳмадпалвон дар сари субҳона аз ҳамсари худ суол кард:

– Зароф, писарат чандсола шуд?

– Ба ҳашт даромад, барои чӣ мепурсед?

– Ҳамин тавр, пурсиданиам омад. Имшаб алғов-далғов хобҳое дидам. Хез, рафта модарамро хабар мегирем, хеле ёд кардам.

Ҳамсар ҳайрон. Ҳис мекард, ки шавҳараш рӯҳафтода асту дилтанг мегардад, аҳёнан гапҳое подарҳаво мезанад, мисли одаме, ки ба ҷое рафтанист, корҳои ғалатӣ мекунад.

Хулласи калом, бо ҳоли рӯҳафтодагӣ як моҳ сипарӣ шуд. Аз он муддати таъиншуда як рӯз, ду рӯз, як ҳафта гузашт. Аҳмадпаҳлавон намурд, баръакс, вазъи ҳолаш хеле беҳтар шуд, пай бурд, ки харсозаниҳояш торафт аз байн меравад, мисли солҳои аввал осуда нафас мекашад.

Ҳамон рӯз давида ба кӯча баромаданӣ шуд, ки ҳамсараш пеши роҳашро гирифт:

– Ин камзӯл бароятон калон, кашол истодааст, дигарашро пӯшед, – гуфт зан ва камзӯли домодию куртаи ӯро аз хона бароварда дод. Аҳмадпаҳлавон бо ҳарос либосҳояшро ба бар карду ба сӯйи хонаи табиб дартоз шуд. Мошфурӯш дар хона буд. Палвон бо дидани ӯ ба носазо гуфтан гузашт:

– Ту аблаҳ, ту иблис, барои чӣ маро фиреб додӣ?! Табиб не, дурӯғгӯю баттол будай! Як моҳи расо на хоби роҳат дораму на хӯрду хӯроки боҳаловат. Аз асаб ҳам чизе намонд. Ту ба иззати нафсам расидӣ, туро ба додгоҳ медиҳам, каззоби ғиром!

Аммо табиб хомӯш буд, бо лабханд Аҳмадпаҳлавонро гӯш карда менишаст.

– Ба чӣ механдӣ, мурдаро монда тутхӯрӣ...

Табиб бо табассум гуфт:

– Палвон, туро бо ин ҳол дида хурсанд мешавам, охир, сиҳат шудай, акнун мурдан аз ту мегурезад.

– Чӣ, ба ростӣ ман намемирам? Чунин гап мезанӣ, ки гӯё доруе дода бошӣ.

– Оре, ҳама гап дар сари ҳамин ки, бароят дору додаам, доруи «дар як моҳ мемирӣ!».

Аҳмадпаҳлавон ба табиб ҳамроҳ шуда бо завқ хандид.

## Одил Ёқубов
## (1926 – 2009)

*Одил Ёқубов 20 октябри соли 1926 дар деҳаи Қарноқи ноҳияи Туркистони вилояти Чимкент (Қазоқистон) дар оилаи корманди давлатӣ ба дунё меояд. Ӯ соли 1944 пас аз хатми мактаби миёна ба хидмати сарбозӣ меравад (1945 – 1950) ва дар набардҳои Иттиҳоди Шӯравию* Ҷопон низ ширкат меварзад.*

*Адиб солҳои 1951 – 1956 дар факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна таҳсил мегирад. Фаъолиятҳои кории ӯ дар Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон (мушовир, 1955 – 1959), рӯзномаи «Литературная газета» (хабарнигори махсуси рӯзнома дар Ӯзбекистон, 1959 – 1963, 1967 – 1970), коргоҳи филмбардории «Ӯзбекфилм» ва кумитаи филмсозони ҷумҳурӣ (сармуҳаррир), муассисаи табъу нашри адабиёт ва санъати ба номи Ғафур Ғулом (муовини сармуҳаррир, 1970–1982), рӯзномаи «Ӯзбекистон адабиёти ва санъати» (сармуҳаррир, 1982 – 1989) сурат гирифтааст.*

*Одил Ёқубов аз соли 1989 то соли 1996 раёсати Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистонро ба уҳда дошт. Ӯ ҳамчунин ба унвони раиси Кумитаи истилоҳоти Ӯзбекистон ва ноиб-президенти Маҷмаи фарҳангии мардуми Туркистон (1998 – 2004) ифои вазифа кардааст.*

*Нахустин асари адиб қиссаи «Ҳамсолон» буда, соли 1951 ба табъ мерасад. Сипас пайи ҳам ҳикоя ва қиссаҳои «Қадами нахустин» (1953), «Ду муҳаббат» (1955), «Муқаддас» (1960), «Ангуштарии тилло», «Қиссаи як фелетон» (1961), «Бол ҷуфт мешавад» (1969), «Матлуба» (1970), «Қандилҳои булӯрин» (1975) тақдими хонандагон мегардад. Романи адиб – «Агар ба сари мард кор афтад» (1969) ҳаводиси солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонро фаро мегирад. Дар қиссаи «Меҷӯям» муборизаҳои зидди милитарисми ҷопонӣ акс меёбад ва то ҷое асари шарҳиҳолӣ аст. Романи «Ганҷинаи Улуғбек» (1974) асари таърихӣ-бадеӣ буда, ба воқеаҳои замони мунаҷҷим ва султон Улуғбек ихтисос дорад. Дар романи «Дунёи куҳан» бошад (1982), ҳаёт ва сарнавишти фоҷиавии ду алломаи бузург – Берунӣ ва Ибн Сино ба қалам дода шудааст.*

*Одил Ёқубов чандин асари худро доир ба мавзӯъҳои замонавӣ иншо кардааст, аз қабили «Диёнат» (1973), «Кӯҳо, қуҳои сап-сафед» (1988), «Манзили адолат» (1998). Ӯ муаллифи асарҳои саҳнавии «Гӯям забонам месӯзад, нагӯям дилам» (1956), «Қалб бояд бисӯзад» (1957), «Муҳаббати воқеӣ» (1958), «Вақте ки себ гул мекунад» (1960), «Темури пирӯзманд» (1996), «Асрори як кошона» (2000) ва ғайра мебошад. Бар асоси қиссаҳои «Дилбарам», «Борони баҳорӣ» филмҳо ва дар заминаи романи «Диёнат» видеофилми бисёрсериявӣ ба навор гирифта шудааст.*

*Одил Ёқубов Нависандаи мардумии Ӯзбекистон (1985) мебошад. Барои романи «Ганҷинаи Улуғбек» ба ҷоизаи давлатии ҷумҳурӣ муфтахар шудааст. Адиб соли 1994 бо нишони «Дӯстӣ» ва соли 1998 бо нишони «Эл-юрт ҳурмати» (Маҳбуби халқу ватан) тақдир гардидааст.*

*Одил Ёқубов 21 декабри соли 2009 дар шаҳри Тошканд бо дунёи равшан падруд мегӯяд.*

## ЯХМОС
***(ҳикоя)***

Ҳамон рӯзе, ки ба сари оилаамон кулфат омад, ман – бачаи даҳсола, мисли ин ки аз чизе нороҳат будам, дар рӯ ба рӯйи хонаамон ба болои девори похсагӣ баромада, ба навъе худро савори асп тасаввур мекардам.

Он замон дар яке аз маҳалҳои софу ботаровати шаҳри Туркистон, дар кӯчаи Лагер иқомат доштем. Хонаи мо ду утоқ ва пешайвон дошт, аз назари имконоти ҳамон айём то ҷое шинаму муносиб буд. Ба хонаамон ҳамчунин ҳавлии калоне зеб медод. Дар ин ҳавлӣ, ки ба он аз дарвозаи дуқабатаи бузурге медаромаданд, ғайр аз мо чанд хонаводаи дигар низ мезистанд. Дар болохонаи тори(1) дарвоза бедаи хушк нигаҳдорӣ мешуд ва шомгоҳон мо ҳангоми бозии рустшавакон ба он ҷо баромада, дар зери беда «ҷон ба саломат мебурдем».

Чанд моҳ пештар аз он рӯзи машъуме, ки ба мусибати сахт дучор шудем, падарам қариб ҳамаи китобҳои хонаамонро дар се-чор халта андохта, дар зери беда пинҳон кард ва ба дари болохона қуфлеро ба монанди каллаи гов овехта монд. Аз он пас ба болохона касе намедаромад, танҳо ман гоҳ-гоҳе аз мӯрӣ фаромада, бештар китобҳои серсурат ва ғафсу захимро аз халтаҳо берун кашида, дар ҷое, ки равшании мӯрӣ мезад, густурда бо завқ тамошо мекардам.

Китобҳо суратҳои аҷибу ғариб доштанд. Бештар акси низомиёне, ки болопӯши чармин пӯшида, ба камарҳои худ ханҷару тапонча зада буданд, диққати маро ҷалб мекард. Дар суратҳо саворaҳои неруманде порчаматоъҳои сурхрангеро ба сар бардошта, аспҳоро маҳмез занонда, далерона ба самти душман медавиданд. Барои ман ҷолиб он буд, ки бо чӣ сабабе ё чашмони саворaҳо кофта гирифташуда, ё рӯяшон пур аз хат-хатиҳои нилиранг ба назар мерасид. Чаро ин хел? Ман рози ин асрорро нафаҳмида азоб мекашидам, барои пурсидан аз падарам ҷуръат намекардам, зеро ҷаҳли ӯ тез буд, эҳтимол дошт, «ин китобҳоро кӣ ба ту нишон дод» гӯён танбеҳ диҳад.

Он рӯзи наҳс дили ман ноором буд, тамошои китоб ба хаёлам заду ба бом баромадам. Аммо, ҳамин ки ба мӯрии «ошно» наздик шудам, чашмам ба фойтуни оростае афтид, ки бо як ҷуфт асп ба сари кӯчаамон омада монд. Баъд аз фурсате фойтун дар рӯ ба рӯйи дарвозаи мо таваққуф кард. Аз он ду нафар марди миёнсол, ки мутобиқи одати расмшудаи ҳамон айём дар бар шими сабзранги галифе ва гимнастёрка доштанд ва як зани тангчашми пероҳансурх фаромаданд. Яке аз мардҳо дар бом маро диду пурсид:

– Манзили Эгамбердӣ Ҷақипов ҳамин аст?

– Оре, – гуфтам ман ва ҳамон лаҳза аз ҳавлӣ садои модарам баланд шуд:

– Биёед, меҳмонҳо, хуш омадед.

Ман ба сутуни болохона часпида, лағжида ба замин фаромадам. Вақте ки меҳмонон ба дохил медаромаданд, модарам сахт ба ҳаяҷон омада буд. Ӯ оҳиста, шунаво ба ман гуфт:

– Тез ба идораи додоят рав! Гӯй, ки дӯстони ҳамдонишгоҳиатон омаданд, ҳамонҳое, ки дар САКУ(2) бо ҳам хондаед. Мунтазир истодаанд, тез мерафтаед, гӯ! Э ҳа, сари роҳ ба мактаби апаат ҳам дарой, ба вай ҳам гӯй, ки бо шавҳараш зуд расида оянд, ба дастурхон менигаранд.

Зоҳиран, бо шунидани калимаи «меҳмон» хушҳол шуда, барои хабар додан бо сар давидам. Агарчи мактаб – ҷойи кори апааму шавҳараш хеле дуртар аз коргоҳи падарам буд, аввал ба ҳамон ҷо рафтам ва гапҳои модарро расонидам. Сипас пойлучу сарлуч бо дав, чанги кӯчаро ба ҳаво бардошта, ба самти идораи падар роҳ пеш гирифтам.

Падарам як замон дар мақоми комиссарии халқӣ, ки барои миллатҳои хурд дар назди Шӯрои комиссарони халқи Қазоқистон таъсис ёфта буд, кор мекард. Пас аз хатми САКУ дар вазифаи котиби аввали ноҳияи Сайрами вилояти Чимкент ва баъдан ба унвони муовини аввали раис дар созмони сиёсии роҳи оҳани Қазоқистон фаъолият дошт. Аммо, бо мурури замон «падарат сӯфӣ будааст, ту пинҳон кардаӣ» гуфта, ӯро паст задаву фароварда, охирсар мудири молияи ноҳияи Туркистон карда мондаанд.

Падарбузурги раҳматиам Ёқуб (рӯҳи ӯ шод бод!), дар воқеъ, то инқилоб сӯфии масҷиди калони деҳаи Қарноқ будааст. Бино ба гуфтаи одамон, вай чунон овози гирое доштааст, ки субҳгоҳон ҳангоми аз бурҷи масҷид азон гуфтан на танҳо ҷамъияти ҳазорнафараи Қарноқ, ҳамчунин намозхонҳои Туркистон аз дурии сӣ чақрим ӯро мешунидаанд. Аз ин боис, аҳли Қарноқ вожаи «шайх»-ро ба исми бобоям ҳамроҳ карда Ёқубшайх мегуфтаанд... Аз пайи хушксолие, ки соли шонздаҳум ҳама ҷоро фаро мегирад, аҳволи падарбузургам Ёқубшайх низ хеле вазнин мешавад. Бо ин сабаб, падарам оилаи худро таъмин карда натавониста, ба ивази як-ду гӯсфанду як-ду халта ғалла ба ҷойи писари як бой ба мардикорӣ меравад ва аз он ҷо «болшевой» шуда бармегардад. Ҳамин тавр, падару писар – яке шайх, дигаре болшевой, дар баробари ҳам билкул ба душманҳои синфӣ табдил меёбанд...

Идораи падарам дар бағали сохтмони хуштарҳе, ки аз сӯйи савдогари бузурге сохта шуда он вақт ба кумитаи ҳизб мансуб буд, қарор дошт. Вақте ки ман ба он ҷо омадам, падарам дар берун меистод. Маро аз дур дида ба пеши дарвоза қадам зад. Ӯ марди газгӯшт, қадбаланд, тӯтибинӣ, ба расми ҳамон давра бо мӯйлабҳои сарунӯгбурида, хушқомату салобатдор буд. Намои либоси танаш он қадар дар зеҳнам намондааст, аммо, агар иштибоҳ накунам, ҳамон дам дар тақлиди Сталин ба

тан костюми сабзранг, ки кисаҳояш бар сари сина буд ва шими галифе мепӯшид ва дар по ҳам, моси замони худ, мӯзаи хроми ғарч-ғурчӣ дошт.

Падарам, Худо биёмурзад, намедонам аз камхобӣ буд ё чизи дигар, бо чашмони сурхшуда ва хеле хастаю рӯҳафтода ба назар намуд. Ӯ гапҳои маро, ки бо ҳарос баён кардам, шунида, сарамро сила карда, бо чеҳраи боз гуфт:

– Гард, писарам, ба ту якто яхмос гирифта медиҳам!

Тавре ки гуфтам, падарам симои ҷиддӣ дошт, одами камгап ва баъзан сахтгир буд. То он лаҳза боре надидаам, ки маро навозиш карда бошад. Воқеае ҳеҷ аз ёдам намеравад. Он ҳодиса дар яке аз рӯзҳое рух дода буд, ки падарам аз пайи бадбиниву зӯроварихо пушти ҳам аз корҳояш барканор шуда, оқибат ба деҳа баргашта, сандуқи синаро ба кафи заҳноки хона гузошта мехобид. Модарам ба дастам пул ва як суроҳии (графин) ду-се литриро дода (ин суроҳӣ аз ҷумлаи ашёи нодире буд, ки аз замони кор кардани падарам дар лавозимҳои баланд ба мо монда буд) амр кард:

– Давида раву ба додоят аз дӯкон қимиз гирифта биё!

Ба дӯкон даромадам, қимиз тамом шудааст. Бе парвои фалак, суроҳиро дар даст бозикунон ба хона баргаштам. Роҳам аз миёни меҳҳои чӯбию оҳание, ки дар канори бозори мол кӯфта шуда буданд, мегузашт. Баногоҳ чизе «шақ» кард. Нигоҳ кунам, суроҳии дастам ба як мехи оҳанин бархӯрда, ба андозаи танга сӯрох шудааст. Дилам тах кашид, воҳима зер кард. Барои рафтан ба хонаамон ҷуръат наёфта, чанд муддат дар лаби сойи поёни боғамон сар-сарӣ гаштам. Ниҳоят, гиребон дар даст ба хона даромадам. Модар баробари дидани ман дод зад:

– Дар куҷоҳо гаштаӣ, дайдуи бесар! Додоят, бечора, ду чашм ба роҳат диққи нафас шуда рафтанд-у ту бошӣ... – бо ҷаҳл гапзанон, чашмаш ба сӯрохаки бадани суроҳӣ афтод ва ҳамоно аз дастам дошта кашолакунон ба дохил бурд.

Падарам дар пешгаҳи хонаи калони чаҳорхариамон якпаҳлу дароз кашида, китоб варақ мезад. Модар зарфро ба рӯйи хонтахтаи назди ӯ гузошта гуфт:

– Дар дӯкон қимиз намондааст, ин кам буд магар, писаратон суроҳиро ҳам шикастааст.

Баъдҳо модарам аз ин шикояти худ пушаймон гардида, чанд бор бо афсӯс ёдовар шуда буд. «Худам ҳам намедонам барои чӣ он гапро зада бошам, писарам, аҳволи ночори падаратро дида ҳамаамон дилтанг мегаштем», мегуфт модари раҳматиам.

Падарам он лаҳза бо ҷаҳл сар бардошту суроҳиро аз рӯйи хонтахта гирифт ва бо зарб ба сӯйи ман ҳаво дод. Суроҳӣ «шувв» аз баногӯшам гузашту (бо ҳавли ҷон сарамро ба як самт каҷ карда гурехта будам он дам!) ба девор бархӯрд ва чилпарчин шуд. Вақте ки аз тарс чордаступо фирор мекардам, пушти сар овози гилаомези модарам ба гӯш меомад:

– Номи қимизаш ҳам дар гӯр! Чӣ гап, қимиз гуфта писарамро куштаниед, додояш?!

Модарам мегуфт, дертар падарам низ аз ин феъли худ пушаймон шудааст. Кӣ медонад, шояд ба хотири азобиҳое, ки аз сар гузаронда буд ё барои аз дилам баровардани озори як вақтҳо расондааш, ки як бор сарамро сила карда барои харида додани яхмос ҷаҳд намуд.

Дар он бари кӯча боғи шаҳр қарор дошт ва дар майдончаи назди боғ дӯкончаҳое буданд, ки ҳамеша обу мева ва шарбатҳои ранг ба рангу яхмос мефурӯхтанд. Ба он ҷо расидем, вале ҳеҷ як дӯкон боз набуд. Падарам хеле ранҷид, аз дил оҳи вазнин кашида гуфт:

– Дар умрам як бор хостам бароят яхмос диҳам, ин ҳам насиб накард, писарҷон!

Вақте ки ба хонаамон омадем, деги хӯрок бар рӯйи оташ меҷӯшид. Хоҳари калониам, ки пештар аз мо омада буд, бо модарам дар гирди оташдон ҷунбуҷӯл дошт, шавҳараш наменамуд. Падарам ба дохил даромаду дарҳол ба берун баргашт. Чеҳрааш шукуфон, табъаш хуш буд. Ӯ ба модарам рӯ оварда гуфт:

– Ҳамкурсони азизам омадаанд, дар САКУ бо ҳам мехондем. Чӣ хел, гӯшт-пӯштат барасам аст, Гулшан? Имрӯз ҳар чӣ дорӣ ба рӯйи дастурхон рез!

Ёдаш ба хайр, модарам каме шаддодӣ дошт. Бе хаёл ба падарам ҷавоб дод:

– Шумо дар таги дасту по нагашта ба пеши меҳмонҳоятон дароед, хуб-мӣ?!

Падарам аз нози ҷаҳломези ҳамсари худ хушҳол шуда, дубора ба хона даромад.

Дар ҳавлиамон, андаке он сӯтар аз оташдон, як бех гуҷуми сершоху барг месабзид. Дар зери он чоҳе буд, ки ҳамеша гӯштҳои масрафиро айёми доғи тобистону рӯзҳои гарми тирамоҳ дар он ҷо нигаҳ медоштем. Модарам фармуд, ки ман аз чоҳ гӯшт гирифта диҳам. Ҳамин ки дастаки сарпӯши чоҳро давр занонда, чангаки гӯштдорро ба сӯйи худ мекашидам, баногоҳ чашмам ба ду нафар низомӣ афтод, ки дар сари кӯча намудор шуданд, худ аз худ дилам ба ваҳм омад. Онҳо ба модараму хоҳарбузургам, ки дар назди оташдон саргарми кори худ буданд, нигоҳе афканда, бо мӯзаҳояшон ба замин тап-тап зада ба айвон баромаданд. Бе гапугуп аз айвон ба хона даромаданд. Ба маҳзи

дидани мардҳои низомӣ модараму хоҳарбузургам якбора фарёдзанон ба самти хона давиданд. Ман ҳам беихтиёр сарпӯши чоҳро раҳо карда аз қафояшон дартоз шудам.

Он замон намедонистам, ки дар кишварамон, ҳатто дар шаҳрамон чӣ ҳодисаҳо рух медиҳанд. Аз ин рӯ, бароям торик буд, ки чаро модараму хоҳари бузургиам баробари дидан доду бедодкунон аз пушти низомиён ба дохил даромаданд. Бо ин ҳол, агарчи ақлам намерасид, дар дил эҳсос мекардам, ки мардҳои формапӯш мақсаду ҳадафи нек надоранд. Дертар фаҳмидам, он замон мисли ҷойҳои дигар дар Туркистон ҳам ҳар рӯзу ҳар лаҳза одамони бисёреро ба ҳабс мегирифтаанд. Чун аз ин қазия модараму хоҳарбузургам огоҳ будаанд, бо дидани низомиён сарусадо баланд кардаанд.

Ба маҳзи ин ки аз дар ворид шудам, яке аз мардҳои низомӣ, ки қадди дароз дошту мӯйҳои маллааш то болои абрувон мефаромад – капитани хушсурати рус ба рӯйи каф ғарч-ғурч по гузошта ба назди дар омад ва ҳалқаи онро гузаронда бо овози ваҳмовари худ амр кард:

– Акнун то поёни ҷустуҷӯю кофтуков касе аз ин ҷо на мебарояд, на медарояд!

Хонаро доду фарёд фаро гирифта буд, хоҳари калониам дар назди дари васатӣ мисли ҳайкал шах шуда, худро ба гардани падар овехта гиря мекард, модарам низ сар ба дӯши падарам монда беохир меларзид. Хоҳарони хурду додаронам ба як гӯша паноҳ бурда, ба монанди чӯҷаҳое, ки аз ҳамлаи калхот ба ҳарос меафтанд, бо чашмони алақ-палақ ба якдигар ҷафс шуда, часпида менишастанд. Дари дулингаи мобайнӣ боз буд, дар пешгаҳи хонаи дарунӣ меҳмонони падарам бо рангирӯйи парида лолу карахт рост меистоданд. Марди дигари низомипӯш дар он ҷо китобу албомҳои дохили ҷевони сурхранги калонро аз назар мегузаронд. Қариб тамоми китобҳо ҷилди сурх доштанд ва асарҳои Ленин буданд. Марди низомие, ки ба кофтуков даст зада буд, ба асарҳои «доҳӣ» нарасида, асосан албомҳои ғафсу серсуратро варақзанон бо ҷаҳл ба замин мепартофт. Ҳанӯз дар ёдам ҳаст, он албомҳо низ мисли китобҳои болохона аксаран пур аз акси раҳбароне буданд, ки бо сабаби аллакай зиндонӣ шудан (инро, албатта, хеле дер донистам) ба чеҳраҳояшон хатти сиёҳ кашидаанд, чашмонашонро «кофта» гирифтаанд ва баъзе аксҳо низ сарҳои «бурида» доштанд. Он марди низомие, ки нописандона албомҳоро аз дид мегузаронд (агар хато накунам, ӯ низ капитан буд), гоҳ ба аксҳои чашмкофтаю сарбурида, гоҳе ба падарам назар афканда, бо мазоҳ хандида мегуфт:

– Маълум, хеле ҳам ақидатӣ будааст!

Капитани хушсурати малламӯй бошад, дар хонаи берунӣ қуттию сандуқу сандуқчаҳо ва кашуи ҷевонҳоро гашта, ашёву латта-путаҳоро чаппаю роста карда, дунболи чизе мегашт. Чун ба ҷустуҷӯйи ҷевони навбатӣ пардохт, кашуи поёнии онро ҳар қадар зӯр зад кушода натавонист. Азоб кашидани ӯро дида, ман мехеро ба даст гирифтам ва давида ба наздаш рафта, кашуи ҷевонро осон боз кардам. Капитан хушҳол шуд, сарамро молида гуфт:

– Маладес, аз ту одами зӯр мебарояд!

Аз ин таърифи ғайриинтизорӣ ба ваҷд омада хушҳол шудам. Баъдан, бо мурури бузург шудан, ҳар гоҳ ба хотирам мерасид, ки он замон ба доду фарёдҳо нигоҳ накарда, аз таърифи ҷаллоди ба сари падарам омада хурсанд шуда будам (агарчи як лаҳзаи кӯтоҳ), аз худ бадам меомад. Аммо дар ҳамон дақиқа, сад афсӯс, аз суханҳои ӯ фахр карданам рост асту ҳақиқат, ҳақиқати талх.

Он дам садои падарам шунида шуд, ки мегуфт:

– Об! Як пиёла аз оби чоҳ диҳед, дилам месӯзад!

Дар хона об набуд. Хоҳарбузургам аз гиря воистода ҳиққасзанон хоҳиш кард:

– Рафиқ капитан, иҷозат диҳед додарам аз чоҳ об биёрад.

Капитан аз кашуи ҷевон сар боло карда гуфт:

– Агар нолаю шеванро бас кунӣ, рухсат медиҳам, – ӯ ба хоҳарбузургам назар афканда хандид ва ба суханаш афзуд: – Бо ин хушрӯйӣ гиря мекунӣ? Ба ту ҳеҷ намезебад!

Аз хушомадгӯйии сохтаи афсар хушам наомад. Лекин, чӣ ҳам мекардам? Сатилро бардошта ба берун давидам. Чароғи ҳавлӣ хомӯш, каме дуртар аз айвон, дар паноҳии дарахти гуҷуми сари чоҳ касе мисли мехи ба замин кӯфта рост меистод. Ӯ шавҳари хоҳари калониам буд. Ҳарфе назада, бачаи бағалашро ба дасти ман қапонду аз чоҳ ним сатил об гирифта дод ва бесадо ба як гӯшаи торики ҳавлӣ қадам зада нопадид шуд.

Дертар модари равоншодам чанд бор ёдрас карда буд:

– Он рӯз домодро Худо нигаҳ дошт. Агар бо апаат меомад, дар канори падарат ӯро ҳам гирифта мебурданд, он сангдилон!

Ин гапи модарам беҳуда набуд. Низомиён пас аз кофтуков падарамро бурда истода, аз меҳмонони бечораи ҳамдонишгоҳиаш низ забонхат гирифтанд, ки барои аз Туркистон баромадан шарт аст аз НКВД(3) иҷозат бигиранд.

Вақте ки ман ним сатил обро ба хона даровардам, падарам ҳамоно бар рӯйи курсӣ менишаст ва саъй менамуд модараму хоҳарбузургамро, ки беист гиря мекарданд, ором кунад. Зоти одам дар асл сиёҳмавиз аст, падарам дар як дам, бар замми тирагунӣ, ба монанди коҷи монда дар зери оташ шаб шуда буд. Модарам аз тоқча коса гирифта дод. Падарам як коса аз оби сарди чоҳ то охир нӯшид ва каме нафас рост карда гуфт:

– Шуд, доду шевan накун, духтарҷон. Гулшан, бас! Дар назди давлат як зарра гуноҳ надорам! Чун муҳтарам Сталин зинда аст, аз ин туҳматҳо халос мекунад!

Падарам косаи обро ба сар бардошта, батакрор ин гапро мегуфт:

– Дар назди давлат ман бегуноҳам, Гулшан! То муҳтарам Сталин барҳаёт аст, намегузорад мо зери по шавем!

Ман ҳоло аъмоли нохуши замони шахспарастӣ, қатлу табъидҳои бераҳмонаи давраи салтанати доҳиёни инқилоб, ба вижа, Сталин, ҳазор-ҳазор ранҷу ғурбати ба сари одамони бегуноҳ омада, ҷудоӣ ва фироқи падар аз писару писар аз падар, дар он зимистони наҳс ба мисли дарё рехтани ашки мардумро ба ёд оварда, аз гапҳои падарам дар хусуси Сталин тааҷҷуб мекунам. Ҳамеша дар худ меандешам, ки наход падар он ҳама нестунобудкуниҳоро надидаву ҳис накарда буд, наход ки бо содагӣ ба ҳар гуна гапи бемантиқ, ки гӯё Сталин аз он ҳама ҷабру ситам бехабар аст, бовар мекард?

Вале, бо ин ҳол... магар он замон кам буданд одамони содадилу беғараз, ки дар он солҳо ба пештозони инқилоб, ба даъватҳои дурӯғин барои дастгирии инқилоби сохтаи машъум, ба фиребҳои мудҳиши он айём – таронаҳои пуровоза, парчамбардориҳо, суханрониҳои пуробуранги «доҳӣ» бовар мекарданду он ҳама куштору зӯровариҳоро ба хотири бахти инсон медонистанд? Албатта, ин гуна фикру андешаҳо пас аз чандин сол, вақте ки воқеаҳои номубораки он даврон ифшо гардиду чашмонамон боз шуд, ба зеҳни ман омадаанд. Аммо дар он замон...

Кофтуков чӣ қадар тӯл кашид, намедонам. Лекин дар ёдам ҳаст, он дам падарам оби сарди чоҳро коса-коса менӯшиду пайваста мегуфт: «Муҳтарам Сталин фарзандони содиқи худро хорузор нахоҳад кард» ва билохира, оби сатил ҳам тамом шуд. Ҳар гоҳ ин қазияро нақл кунам, баъзеҳо ба ман бовар намекунанд. «Монед-е, магар одам метавонад дар як дам ним сатил обро хӯрда тамом кунад?» – мегуфтанд сомеонам, дар сурате ки ман бо чашми худ ин ҳолатро дидаам ва он гапҳои падарамро бо гӯши худ шунидаам! Фикр мекунам, вақте ки даруни кас месӯзад, на танҳо ним сатил, ҳатто як сатил обро ҳам хӯрда мепартояд!

Охирсар, ҷустуҷӯ поён ёфт. Ба падарам амр карданд либос пӯшад. Доду фарёди модараму хоҳарбузургам ба фалак печид, хонаамон аз дасти нолаю шеван гӯё меларзид. Модарам палтои падарро ба сари дӯшаш андохт. Маводи рӯйи дастурхонро, ки барои меҳмонони ҳамдонишгоҳӣ ороста буд, ҷамъ кард ва дар як рӯмол баста ба дасташ дод.

Падарам аз пештара дида сиёҳтар шуда буд гӯё, дар як зум лоғару миёнхамида менамуд. Ӯ аввал аз пешонии модараму хоҳари калониам, ки ҳамоно гиря мекарданд, сипас аз рухсори додарони ларзону варачагирифтаам бӯсида монд ва чун навбат ба ман расид, ногоҳ аз чашмонаш ашк рехт, бо ҳаяҷон лаб ба сухан бурд:

– Э афсӯс! Дар умрам як бор бароят яхмос гирифта доданӣ будам, лекин аз уҳдаи ҳамин ҳам набаромадам-а!

Агарчи дар давоми кофтуков асло ба чашмонам нам наомада буд, пас аз шунидани каломи «дар оянда одами зӯр мешавӣ», буғзе аз гулуям дар омад, дар як они воҳид ҳама чиз – ҳеҷ гоҳе навозиш надодани падар, пас аз воқеаи қимиз суроҳиро кулоч кашида ба сӯям ҳаво додани ӯ ҳамон лаҳза аз хотирам баромаду бо садои чирроси аламангез зонуҳои падарамро оғӯш карда гирифтам...

Аз миён чанд моҳ гузашт. Дар ин муддат хонаамон гӯё мотамсарое буд. Зимистон дар мекӯфт, рӯз то рӯз нафаси қаҳҳори он сахттар мешуд, вале дар хона на ҳезум доштему на ангишт... Мо сандалӣ гузошта, ба навъе рӯзамонро гузарондем.

Ҳафтае як бор, агар хато накунам, рӯзҳои шанбе ба падарам ғизо мебурдем. Модарам аз ёфту тофти худ коре карда хӯроке мепухт ва саҳариҳо ҳамроҳи ӯ бо ҳам ба боздоштгоҳ мерафтем.

Дар Туркистон, дуруст дар бағали оромгоҳи Қул Хӯҷа Аҳмад Яссавӣ панҷ-шашто бинои мустаҳками хиштин мавҷуд буд, ки мегӯянд, бо амри ғосиби Осиёи Миёна генерал Черняев сохта шудаанд. Черняев ин иморотро барои сарбозони ҳукумати подшоҳӣ бино кардааст. Давлати Шӯроҳо бошад, онҳоро ба зиндон табдил дода, атрофашро бо симхор баста мемонад.

Ҳар рӯзи шанбе дар муқобили қалъаи бо симхор иҳоташуда ҳудудан 150-200 нафар зан, чолу кампир ҷамъ мешуданд, ки онҳо аъзои хонаводаи «душманони халқ» буданд. Занони ҷавон, солмандони ларзону ба ҳарос афтода чашм ба роҳи кормандони маҳбас, ки мебоист хӯрокҳои овардаашонро қабул кунанд, аз субҳ то шом бо ҳоли зору низор дар назди тавораи симхордор

меистоданд. Модарам маро низ бо он сабаб ба зиндон мебурд, ки мабодо имконе шаваду бо падар дидор бубинем. Аммо боре ҳам падарамро нишон надоданд, ин кам буд магар, аҳёнан хӯроки бурдаамонро қабул накарда пас медоданд. Гоҳе ман аз интизории дурудароз зиқ шуда, баҳонае пеш меовардаму давида ба боғи шаҳр, ки дар канори маҳбас буд, мегузаштам. Дар он ҷо ҳар рӯзи Худо ҷамъомаде мешуд, бачаҳо аз мактабҳои шаҳр дар зери гумбурросу садоҳои нақораю шайпур саф кашида ба боғ меомаданд. Дар васати боғ минбари калонеро гузошта, онро бо порчаи қирмизранг печонида буданд. Фаъолоне дар бар палтои чармин, ба канор тапончаеро халонда ваъз мегуфтанд, ки суханҳои онҳо бештар ба ифшои тротскийчиён ва «дум»-ҳои онҳо бахшида мешуд. Баъзан он нотиқони оташинсухан як рӯз пас аз ваъз худашон ба «дум» табдил меёфтанд ва ба рӯйхати фошшудагон меафтиданд.

То ба ҳол дарк намекунам, ки чӣ чизе маро ба сӯйи он ҷамъомадҳо мекашид. Шояд ҳам сабаби ин садои карнаю сурнай ва нақораҳо, саф кашида, шоду хурсанд таронагӯён гузаштани ҳамсолонам буд? Зеро баробари садо додани овозҳои гумбур-гумбур ва таронаҳои пурҳаёҳу дар пушти гӯшҳоям, ба мисли аспи ҳарбие, ки ба нақора одат кардааст, поҳоямро дар ҷо зада худ аз худ ба рақс медаромадам, сахт ба ҳаяҷон меомадам. Танҳо як чиз дили мурғаки маро харош медод, он ҳам ин буд, ки баъзе вақтҳо нотиқон аз минбар исми падари маро низ дар радифи «дум»-ҳо ба забон меоварданд. Аммо дар ин гуна ҳолатҳо гапҳои гуфтаи падарам дар хусуси Сталин ба ёдам меомад ва алами ҳосилшударо аз қалбам мерондам. Ин вазъ то замоне идома ёфт, ки бо котиби кумитаи ҷавонони шаҳр вохӯрӣ кардам.

Он ҷавони хушқадду қомат ҳамсояи мо буд. То афтодани мусибат ба сари оиламон ӯ ба мисли мокуи хайёт ба манзиламон равуо мекард ва шабҳо то дервақт бо падарам суҳбат меорост. Ҳамсари ӯ низ, ки дар ҳамон тобистон издивоҷ карда буданд, мисли худаш хушгил ва хушқадду қомат буд. Падарам ба арӯсии онҳо сару сарвар шуда, ба гуфтаи модарам, барояшон ёрии моддӣ ҳам расонда будааст.

Пас аз зиндонӣ шудани падарам бошад, ҳамсояи девор дар миён сояашро аз хонаамон канд. Ин ҷойи тааҷҷуб надошт, зеро шогирд дарди бахайр, ҳатто хешованду наздикон ҳам дар он рӯзҳои вазнину ғурбатзо ба манзиламон наздик намешуданд ва агар як кас-ним кас хабар мегирифт, он ҳам шабҳо бо тарсу ҳарос омада, сипас дар паси девор панаҳшавон баромада мерафт.

Рӯзи шанбе. Ба назар теъдоди маҳбусон афзуда менамуд, чунки сафи онҳое, ки ба боздоштгоҳ хӯрок меоварданд, васеъ шуда буд, думи навбатистодаҳо ба чашм наменамуд. Ҳаво сард, реза-реза борон меомад. Шояд аз ин сабаб буд, модарам аз худам напурсида рухсат дод, ки ба хонаамон баргардам. Ман аз дасти борон, ки майда-майда беист меборид, ларзида ба самти манзиламон роҳ пеш гирифтам. Ногоҳ аз тарафи боғ садои гумбур-гумбури нақораю овози карнаю сурнай шунида шуд, беихтиёр дар ҷо истодам.

Садои таблу сурнай торафт авҷ мегирифт, ба назар меомад, ҷамъомади бузурге доир хоҳад шуд. Ба сони аспи хӯгирифта, ҷилави худро ба сӯйи овозҳои гумбурросии нақора гардондам. Дар воқеъ, бо вуҷуди рехтани борон, бачаҳо аз ҳар сӯ саф кашида ба боғ меомаданд. Ҳамин ки ба дарвоза наздик шудам, ногоҳ дар рӯ ба рӯям ҳамсояамон – котиби кумитаи ҷавонони шаҳр  пайдо шуд. Ӯ худаш танҳо набуд, дар иҳотаи як марди палтои чармипӯши низомӣ ва як мӯйсафеди миёнақад, ки риши сегӯша гунаашро оро медод, меомад. Ҳамзамон бо дидани котиб дилам «шуввӣ» рехт, хостам ба самти боғ чапғалат занам, аммо ҷавон бо як ҷаҳидан пеши роҳамро гирифту аз бозуям дошт ва бо ташаннуҷ гуфт:

– Ҳа, гургзодаи ваҳшӣ! Як гӯсолаи касиф подаро хароб мекунад, мегӯянд, ба гардан ин галстуки сохтаи қирмизро баста пешоҳангони софдили сурхро вайрон карданӣ ҳастӣ? – ӯ бо ҷаҳл дастамро дошта, то метавонист фишор оварда, ба сӯйи худ кашидан гирифт. Лекин дар ҳамин асно мӯйсафеди миёнақад ба миён афтода гуфт:

– Сар деҳ, бачаи фақирро. Ба гуфтаи муҳтарам Сталин, бача барои падар ҷавоб намедиҳад, ин норасида чӣ гуноҳ дорад?!

Котиби ҷавон, мисли ин ки аз қавоқаш барфу борон меборид, як нигоҳ ба мӯйсафед ва нигоҳе ба марди низомии палтопӯш афканду дастамро раҳо кард ва «дафъ шав аз назарам!» гӯён дод зад. Сипас чӣ шуду чӣ монд, дар ёдам нест, фақат медонам аз чанголи чун анбур сахти ӯ халос шудаму дар гулу оби дидаҳои ҷонгирро фурӯбарон, аз канори ҳамсолони хушбахти сафоростаи худ гузашта ба кӯчаи калон баромадам...

Аз маҳбусии падарам се-чаҳор моҳ мегузашт, вале ҳеҷ натавонистем бо ӯ дидорбинӣ кунем. Тамоми шаҳр дар зери таҳлука буд, дар ҳама ҷо, ҳатто дар мактабҳо аз пайи душман мегаштанд. Воқеае ҳеҷ аз ёдам намеравад. Ҳамон сол садумин солгарди вафоти шоири шаҳири рус Пушкинро ба ёд меоварданд. Дар изои ин санаи ғамангез чӣ гуна барномаҳо пайрезӣ шуд, чӣ хел китобҳо ба

табъ расид, чӣ навъ ҷаласаю нишастҳои адабӣ доир гардид – намедонам. Вале дар хотирам ҳаст, ки бахшида ба он таърих барои донишомӯзон дафтар бароварда буданд. Дар муқоваи пеши он дафтар, ки миллионҳо нусха чоп шуда буд, акси ба ҳама бачаҳо шинос – шоири ҷингиламӯю ҳабашчеҳра ва дар муқоваи пушти дафтар тарсиме аз афсонаҳои шоир ҷо дошт. Дар оғоз ҳеҷ гапе набуд. Лекин чанд муддат аз миён гузашту ногаҳон дар шаҳр, билхосса, дар мактабе, ки ман таҳсил мекардам, миш-мишҳои ваҳмовар паҳн шуд. Гӯё дар он дафтарҳои мунташиршуда ба муносибати солгарди Пушкин, саҳеҳтар, дар лобалои суратҳои муқоваи дафтар ибороти зиддиинқилобӣ нигошта шуда будааст! Агар ҳар кас ба мӯйсару риши Пушкин, ба вижа, ба суратҳои муқоваи пушти дафтар бо таваҷҷуҳ дида андӯзад ва мӯйи ҷингилаю суратҳои тарсимшуда ба афсонаҳои Пушкинро бо мулоҳиза аз назар гузаронад, метавонистааст ифодаҳои маккоронаи зиддиинқилобиро пай бибарад!

Дар синфи 3-«А», ки ман таҳсил мекардам, як пиразани рус – зане солхӯрда, бедандон, вале хеле мулоиму меҳрубон дарс медод. Як моҳи расо он пиразан (ҳоло исми ӯ дар ёдам нест) бемор шуд ва ба ҷойи ӯ  як ҷавони тотор ба тадрис пардохт. Ин ҷавонак, ки сахт мелангид, додарарӯси ҳамсояи мо – котиби райком(4) буд ва пас аз зиндонӣ шудани падарам бо табъи хира ба ман нигоҳ мекард. Бозиҳои зиндагиро бинед ки, аз маҳбусии падарам як ҳафта гузашт ё не, шавҳари хоҳари муаллими ҷавон ҳам «душмани халқ» эълон шуду ба ҳабс афтод. Дигар, муаллим гӯё аз аввала ҳам бештар мелангид, ба ғам фурӯ рафт, нисбат ба ман бо ҳисси ҳамдардӣ нигариста, чи дар роҳраву чи дар ҳавлӣ – ҳар ҷо медид сарамро сила карда мемонд. Ҳамон рӯзе, ки овозаи «ба суратҳои Пушкин ибороти зиддиинқилобӣ нигошта шудааст» паҳн шуд, муаллими ҷавон хомӯшу дар худ гирифта ба синфамон даромад. Ӯ бо чашмони ҳузновар ба бачаҳо дида андӯхта, бо оҳанги хоҳишомез ба сухан пардохт:

– Бачаҳо! Ҳама дафтарҳои дирӯз расидаро бароред! Ҳамон... дафтарҳое, ки сурати Пушкин ҳаст. Гирифтед? Шояд шунидаед, душманони ашаддии мо маккорона аз тариқи тарсиму наққошӣ бар зидди СССР(5) калимоте нигоштаанд. Бачаҳое ҳастанд, ки ин калимаҳои даҳшатборро ёфтаанд. Сурати онҳоро фардо ба рӯйи тахтаи ифтихорӣ меовезанд. Наход ки дар синфи мо донишомӯзи ҳушёру зирак ёфт нашавад? Бо диққат ба расмҳо нигоҳ кунед. Аҷаб нест, ки шумо ҳам калимоти қабеҳи душманонро дарёфта, онҳоро ифшо намоед!

Муаллими ҷавон ин каломро гуфту ба сӯйи ман назаре, гӯиё бо умед, андохта монд. Дар ҳар сурат, ман аз нигоҳаш чунин рамз хонда, ба суратҳои дафтари пешам бо таваҷҷӯҳ дида дӯхтам, бо тамоми вуҷуд аз пайи ёфтани наққошиҳои макромез шудам...

Асабҳоям то охир таранг, майнаам гӯё чун лахчаи сӯзоне метафсид. «Наход ки он калимаҳои мудҳиши нигошташуда алайҳи давлати ҷонҷонамонро наёбаму  аъмоли наҳси душманонро фош накунам? – дар худ меандешидам ман. – Не, ҳатман меёбам! Аз ҳама ҳам пеш меёбам. Дувум шудан суде надорад...  Исто, ин нахи каҷе, ки бар дӯши шоир аст, чиро ба хотир меоварад? Айнан ҳарфи «С» нест магар?! Каҷаки паҳлуи он чӣ? Он ҳам «С»! Оне, ки дар бағалаш ҳаст, он ҳам! Аммо ин яке ба монанди ҳарфи  «Р». Вой, тавба! Ин аҳли баттол «СССР» навиштаанд-у, чанд вақт аст, ки ҳаминро ҳам надидаам-а?! Хуб, ин нахи каҷак  чӣ аст? Дақиқан ҳарфи «Д»! Каҷаки пас аз он чӣ? Айнан мисли  «О» нест магар? Худди худаш! Ҷое, ки «О» ҳаст, бояд «Л» ҳам бошад. Ана, «Л»! Дар паҳлуяш бошад шабеҳи «ой» дуто каҷак саф кашидаанд! Пас, «Долой СССР!», яъне «Нест бод, СССР!» гуфтаанд...».

Аз ҳаяҷон нафасам гирифт, якбора дод задам:

– Ёфтам, муаллим, ёфтам!

Муаллими маъюб дар кафи соф пешпо хӯрда, ланг-лангон ба пешам омад, тамоми бачаҳои синф низ «гурри» аз ҷо хеста, ба ман наздик шуданд.

Маро гӯё табларза гирифта буд, дар ҷо дир-дир ларзида, дар миёни мӯйҳои ҷингилаи шоири машҳур ба нишон додани ҳарфҳои ёфтаам пардохтам. Ниҳоят, нишон дода шуда, бо нигоҳи мағрурона ба ҳамсолонам рӯ овардам. Хомӯшии мутлақи дар синф ба вуҷуд омадаро ногаҳон хитоби муаллим халалдор кард:

– Маладес! Ба ин мегӯянд, пионери ҳушёр!

Ҳама ба сӯям бо ҳасад менигаристанд, ман ҳам худро чун қаҳрамони воқеӣ ҳис мекардам...

– Акнун ҳама дафтарҳоро ҷамъ кунед! Як соати дигар дар майдони варзиш тамоми мактаб гирдиҳам меояд. Ҳамаамон дар маъракаи сӯзондани ин дафтарҳои мудҳиш ширкат меварзем!

Муаллимамон лангида-лангида баромада рафт, аммо як соат не, ду соат аз байн гузашту вай барнагашт. Сипас хабар доданд, ки маросими сӯзондани дафтар ба рӯзи дигар вогузор шудааст, ҳама ба хонаҳои худ пароканда шудем.

Бегоҳӣ воқеаи рӯзонаро бо шӯру ҳаяҷон ба модарам нақл кардам. Ҷойи ин ки аз ӯ таъриф шунавам, бо дилтангӣ, ҳатто оби дида карда гуфт:

– Эҳ, бачаҷон-е, бачаҷон-е! Охир, чӣ шуд ба ту, бачаҷон-е!

Нигаронии ӯро нафаҳмида, ранҷидахотир пурсидам:

– Ба ман чӣ шудааст, чаро ин гапро мегӯйӣ, очаҷон?

– Ҳеҷ гап не... Аз Худованд илтиҷо дорам, ба мисли додоят бадқаҳл нашавӣ, писарам, ин ягона хоҳиши ман аст.

Сухани модарамро хуб дарк накардам. Фардои он рӯз ба мактаб, росташро гӯям, ба назди тахтаи ифтихорӣ, ки бар девори роҳрав овезон буд, бо шитоб давида рафтам. Сад афсӯс, агарчи чанд бор номгӯйи тахтаро аз назар гузарондам, на номамро ёфтаму на суратамро! Зоҳиран, касе ҳушёрӣ карда, ба тахтаи ифтихорӣ назадани акси фарзанди душмани халқро пештар хотиррасон кардааст, аз ман дида зарангтар будааст.

Инак, аз он воқеаҳои содиршуда ним асру анде мегузарад. Чӣ қадар ҷиноятҳои замони шахспарастӣ ифшо гардид. Аз ин ҳама ҷинояти даҳшатовар, фикр мекунам, бадтаринаш ин аст, ки гузашта аз бузургсолон, мисли мани кӯдак ҳар як хурдсол низ ба ҳар чиз бо шубҳа менигарист, ҳар кас дар ҳама ҷо саъй мекард дунболи ҷустуҷӯйи бадкориҳо бошад.

Дар ниҳоят, лаҳзаҳои худоҳофизӣ бо падарам ҳам фаро расид. Барои видоъ кардан танҳо ба се нафар иҷозат доданд: ба модару хоҳарбузургам ва ба ман! Шояд аз ин хотир буд, ки аз хешу табор касе наомад, на бародарони падарам, на дӯстонаш – ҳеҷ кас.

Модараму хоҳаронам шаби дароз нахобида, барои падарам талқони гандуму арзан ва боз чизҳое омода карданд. Зеро он вақт орзуи озод шудани падарам ба сони шамъи базӯр равшан милт-милт мекард, барои модарам бошад, эҳтимоли ба ҷойҳои дур бурдани эшон бештар аён шуда буд.

Саҳарии барвақт кӯлбору халтаҳоро бардошта роҳи маҳбасро пеш гирифтем. Ин бор моро зиёд мунтазир накарданд. Як нафар низомӣ, ки тапончаеро шабеҳи чойник ба камари худ зада буд, моро аз як роҳрави тангу тор ва нимаравшан ба дохил гирифта бурд. То нисфи роҳрав рафта, аз самти рост дареро боз кард ва ба мо роҳ дод. Дар хонаи чаҳоргӯшаи каме васеъ, дар назди мизи пешгаҳ як нафар марди гимнастёркапӯш, ки мӯйҳои сап-сафед дошт, бо нависонавис банд буд.

Он замон падарам дар як бурҷаки хона ба курсӣ менишастааст (ман ӯро сараввал нашинохтам!), баробари даромадани мо ҷаста аз ҷо хест. Марде, ки аз азал чорпаҳлуву тануманд ва қоматбаланд буд, дар тӯли як-ду моҳ мисли чӯб лоғар шуда, лунҷҳояш ба дарун фурӯ рафта, чашмонаш чӯкида, бинии тӯтивораш нозуктар шуда буд.

Дубора, ба сони шаби гирифторӣ ба асорат, дар он хонаи маҳбас доду шеван роҳ афтод. Модарам сурати худро бо рӯмол пинҳон карда, бо овози паст дар худ мегирист, хоҳарбузургам бошад... Ба гардани падарам худро андохта бо нолаву фарёд кулбаи торро ба сар мебардошт.

Баъдҳо модари шодравонам бо ҳасрат мегуфтанд, ки «ноинсофон ҳадди ақал ним соат фурсат надоданд, аз дидори додои шӯрпешониат сер ҳам нашудем, он як рубъ соати ҷудошуда бо як чашмпӯшӣ гузашта рафт».

Дар давоми ин чаҳоряк соати хайру маъзур падарам ҳатто як бор ҳам исми Сталинро ба забон наовард, мисли он рӯзҳои афтидан ба асорат нагуфт, ки «Ман дар қиболи ҳизб гуноҳкор нестам! То муҳтарам Сталин барҳаёт аст, намегузорад ман зери пой шавам!». Аммо, чанд бор оби дида рехта изҳор кард:

– Гулшан, маро бубахш. Намедонам бо зансариат панҷ бачаро чӣ хел ба камол мерасонӣ. Шояд аз ин пас дида ба дидор нарасад, маро бубахш!

Ҳар гоҳ падарам ин суханро мегуфт, он марде, ки ҷуссаашро ба рӯйи миз партофта ким-чиҳоеро менавишт, аз коғазҳои дами даст сар набардошта гап мезад:

– Эй, Ёқубов! Чӣ шуд ба ту? Мебинам, ки бачаӣ, Ёқубов!

Дар охир, ҳамон мард ба соати девории аз Доқиёнус мондаи рӯ ба рӯяш чашм андохта амр кард:

– Фурсати мулоқот ба поён расид, Ёқубов. Хайру хуш кунед!

Нолаи хоҳари калониам баландтар садо дод. Модарам андак пули овардаи худро бо дастони ларзони худ ба падарам дароз кард. Падар илтиҷоомез гуфт:

– Ба бачаҳо нигаҳ дор, Гулшан.

Вале бо истодагарии модарам ӯ розӣ шуда пулро гирифт. Он пули овардаи модарам ҳамагӣ панҷоҳ сӯм буд – даҳто коғази панҷсӯмӣ. Падарам бо дили нахоҳам пулро пазируфт ва аз дохилаш якто панҷсӯмиро кашиду ба ман дароз кард. Модарам хост онро гирифта дубора ба ӯ диҳад, аммо падарам монеъ шуд, дасташро ба рӯйи шонаам гузошта гуфт:

– Акнун ту, писарам, марди калони ин хонадон ҳастӣ, – медидам, ки аз нав чашмонаш пур аз оби дида мешуд, – ба модарат дастёр шав, ғамхори додаронат бош, писарҷон! – сипас панҷсӯмиро

дар ҷайбам андохт ва афзуд: – Дар умрам як бор мехостам бароят яхмос гирифта диҳам, лекин насиб накард. Бо ин пул дафтару китоб хар, ба бақияаш яхмос харида хӯр, писарҷон!

Хеле вақт буд, ки мани моту мабҳут дар канори модараму хоҳари калониам гиря карданро ба худ муносиб надида меистодам. Ногаҳон, ба монанди ҳамон рӯзи аз хонаамон гирифта бурдани падарам дар худ ноҳинҷориеро ҳис кардам, дигар на таърифҳои корманди НКВД, на пешоҳанги фаъол буданам дар фош намудани аъмоли зиддиинқилобчиён ба зеҳнам омад, «додоҷон!» гӯён бо ду даст поҳои падарамро оғӯш кардам.

Аз он ҳодисаҳои бадюмн чандин сол гузашт, оби бисёр ҷорӣ шуд. Соли 1955, пас аз суханронии машҳури Хрушев, ки дунёро ба ларза андохта буд, оилаи мо низ дар канори миллионҳо хонаводаи аз дасти шахспарастӣ зулмдида, бо ҳадафи донистани сарнавишти падарам, зинда ё мурда будани ӯ (то он дам ба даҳҳо номаи мо як бор ҳам ҷавоб наомада буд) ба созмонҳои болоӣ муроҷиат кардем. Аз номаҳо якеро ба кумитаи марказии ҳизби коммунистии Қазоқистон, дигареро ба кумитаи амнияти давлатии СССР ирсол намудем.

Ҳудудан пас аз чаҳор-панҷ моҳ пайи ҳам ду ҷавоб омад. Яке аз номаҳои ҷавобӣ аз сӯйи кумитаи марказии ҳизби коммунистии Қазоқистон буд, ки дар он аз бобати баррасӣ шудани узвияти падарам ба ҳизб ва қурбони бӯрони шахспарастии Сталин шудани ӯ ёдоварӣ мегардид ва пайғом медод, ки узвияти ӯ ба ҳизб муқаддаман аз соли 1918 барқарор шудааст.

Посухи дувум аз Маскав, аз ҷониби кумитаи амнияти давлатӣ расида буд, ки бино ба он нома, падарам дар яке аз бунгоҳҳои ҷангалдории Шарқи Дур дарахтбурӣ кардааст ва дар айёми зимистони соли 1943 (санаро дақиқан нагуфтаанд) ҳангоми дарахтбурӣ афтида ба ҳалокат расидааст. Дар муғойират бо номаи аввала, дар ин хат як иловае ҳам буд, ба ин маънӣ, ки агар модарамон (номаҳоро ман навишта будам, албатта, бо исми модарам) ба синни нафақа даромада бошад, барояш аз тарафи давлат ҳаққи бознишастагӣ тааллуқ мегирад ва агар модарамон хона надошта бошад, ӯ бар асоси номаи кумита метавонад ба Шӯрои шаҳрӣ муроҷиат намояд ва бенавбат хона бигирад...

Манзури ҳар ду нома аз эҳёи ҳақиқат ва адолат дарак медод. Намедонам чаро, ба ёди ман шаш моҳи сарбозиам, ки дар Шарқи Дур сипарӣ шуда хеле азобиҳоро аз сар гузаронда будам, хунукиҳои беохири ҷангалзор, дарахтҳои монда ба зери барф, зимистонҳои қаҳратун омад. Як дам дар хаёли худ падарамро, ки беҳолона дарахт мебурид, тасаввур кардам ва тамоми вуҷудам аз сели бепоёни ҳиссиёти олудаи аламу изтироб, меҳру зорӣ ва таҳқиру хориҳо ба шиддат ларзида рафт. «Асло! Ин аҳли нокас падарамро, ки аз соли 1918 инҷониб узви ҳизб буд, ноҳақ ба ҳабс андохтанд, ҳатто айёми пиронсолӣ озод карданро нахоста, дар зимистонҳои қаҳратун ба дарахтбурӣ маҷбур намуда, боиси марги ӯ гардиданд ва акнун, пас аз чандин сол мехоҳанд барои шустани гуноҳони худ беваи аз дасти фироқ дукак шудаи ӯро бо нафақа таъмин кунанд, хона диҳанд! Ҳеҷ гоҳ, ман ба садақаи онҳо зор намондаам, худам модарамро мепоям ва сарпаноҳ ҳам медиҳам!», хаёлан чунин андеша ронда, ду барг номаи бо нияти нек навиштаро пора-пора карда дур андохтам...

---

* Иттиҳоди Шӯравӣ – СССР-и собиқ;

(1) **тор** – боло, фарқ, теппа;

(2) САКУ: Средне-Азиатский коммунистический университет – Донишгоҳи коммунистии Осиёи Миёна;

(3) НКВД : Народный комиссариат внутренних дел – Комиссариати мардумии кишвар;

(4) райком: районный комитет – кумитаи ноҳия, ноҳиядорӣ;

(5) СССР: Союз Советских Социалистических Республик – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ

## Пиримқул Қодиров
## (1928 – 2010)

*Пиримқул Қодиров 25 октябри соли 1928 дар деҳаи Кенгкӯли ноҳияи Шаҳристони Тоҷикистон зода шудааст. Айёми бачагиаш ба солҳои ҷанг рост меояд ва дар канори падару модар барои таъмини оила дар хоҷагии ҷамоавӣ, роҳсозӣ, корхонаи оҳани Бекобод кор мекунад.*

*Адиб солҳои 1946 – 1951 дар факултаи шарқшиносии Донишгоҳи Осиёи Миёна дарс мехонад ва сипас дар Донишкадаи адабиёти ҷаҳони Маскав давраи аспирантураро фаро мегирад. Соли 1954 перомуни эҷодиёти Абдулло Қаҳҳор рисолаи номзадии худро дифоъ мекунад.*

*Пиримқул Қодиров солҳои 1954 – 1963 ба унвони мушовири адабиёти ӯзбек дар Иттиҳодияи нависандагони Шӯравии собиқ ва баъдан чандин сол ҳамчун корманди илмӣ дар Донишкадаи забон ва адабиёти Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон ва созмонҳои ҷамъиятӣ фаъолият мекунад.*

*Нахустин ҳикояи ӯ «Донишҷӯён» (1951) аст. Қиссаҳои ӯ бо номҳои «Қадри ман» (1961), «Озодӣ» (1968), «Мерос» (1974), «Саргузаштҳои Акрам» (1974), «Яйра ба донишгоҳ даромаданист» (1979), «Начот» («Бахилон ва ҷасурон», 1980) ба табъ расидаанд. Ӯ муаллифи романҳои «Се реша» (1958), «Чашмони сиёҳ» (1966), «Камари алмосӣ» (1976), «Шабҳои пурситора» (1979, давоми ин асар «Ағбаи наслҳо» аст, 1989), «Нидои модаршоҳин» (2000) мебошад. Рисолаҳои илмии ӯ доир ба масъалаҳои илмию назариявии забону адабиёти ӯзбек (чунончи, «Забон ва дил», 1972) ба табъ расидаанд ва ӯ бобҳои «Забони асари бадеӣ» ва «Ҷараёни адабӣ»-и китоби дуҷилдаи «Назарияи адабиёт»-ро навиштааст. Дар заминаи қиссаи «Қадри ман» филми ҳунарии «Пайҳои ту» ва бар асоси романи «Шабҳои пурситора» ва ҳикояи «Ҷон ширин аст» силсилаи филмҳои видеоӣ ба навор гирифта шудааст. Нависанда аз асарҳои адибони рус Лев Толстой («Казакҳо»), Константин Федин («Хурсандиҳои нахустин») ва адиби туркман Хидир Деряев («Сарнавишт») ба ӯзбекӣ тарҷума кардааст.*

*Пиримқул Қодиров 21 декабри соли 2010 дар шаҳри Тошканд аз олам чашм мепӯшад.*

*Нависандаи мардумии Ӯзбекистон Пиримқул Қодиров ба медали «Шуҳрат» (1994), нишонҳои давлатии «Эл-юрт ҳурмати» (Маҳбуби халқу ватан, 1998) ва «Буюк хизматлари учун» (Барои хидматҳои шоиста, 2006) сазовор шудааст.*

## УМЕДВОРӢ
***(ҳикоя)***

***Ду нафар хоҳарбузурги ман ба шавҳарони худ, ки дар ҷанги дуюми ҷаҳон ҳалок шудаанд, содиқ монда, дигар издивоҷ накарданд. Яке ду писар ва дигаре се фарзандро бе падар тарбия дода ба камол расонд. Ин гуна модарон дар ҳар як деҳа, дар ҳар як шаҳр ҳастанд. Камина тавассути ин ҳикояи худ ба чунин модарон эҳтироми бепоёни худро изҳор медорам.***
***Муаллиф***

Соатҳои дуи шаб буд, ки дарвозаро тақ-тақ заданд. Алишер дар айвон дароз мекашид, хобаш зӯрӣ кард магар, ба осонӣ бедор нашуд. Чун садои тақ-тақ баландтар ба гӯш расид, дари хонаи миёна ғиҷирросзанон боз шуду Иқболапа ба айвон баромад. Алишер ҳамон дам чашм кушода ҷаста аз ҷо хест. Ӯ дар торикӣ бо ҳарос либос ба бар намуда, ба сӯйи дарвоза рӯ овард ва овоз дод:

– Ҳозир!

Бадани Иқболапа ногаҳон ларзида рафт, бетоқат шуда садо баланд кард:

– Тезтар биҷунб, кошки додоят бошад!

Алишер хоболуд пурсид:

– Кӣ будааст?

– Додоят!

Алишер ба шигифт омад.

– Эҳ оча, аҷаб гапҳое мезанед! – гуфт ӯ ва аз айвон фаромада ба самти дарвоза шитофт.

Аз он даме, ки падари Алишер Умарҷонака ба ҷанг рафта бедому дарак шуда буд, сӣ сол мегузашт. Иқболапа аз чӣ сахт метарсид – аз омадани «хати сиёҳ». Бедарак шудан, ба ҳар ҳол, аз ин беҳтар менамуд. Ӯ ду чашм ба роҳи шавҳар менишаст, ба хусус, ҳар гоҳ шабҳо садои дарвоза мебаромад, дилаш беҳузур мешуд, «додоят набошад?» гӯён суоломез назар меафканд.

Алишер низ дар солҳои хурдӣ ба мисли модараш буд, пайваста роҳи падарро мепоид. Аммо бо мурури бузург шудан гумони зинда намондани падар ба рӯҳияташ бештар чира шуд. Дар воқеъ, агар ӯ барҳаёт мебуд, магар ба суроғи зани бовафою фарзандони азизаш намеомад?! Ё дар он сӯйи дунё ҳам бошад, магар наметавонист аз худ дарак диҳад, пайғоме фиристад?! Аммо, Иқболапа бо аламу умедворӣ мегуфт:

– Ин ҷанги хонумонсӯз чӣ рӯзҳоеро ба сари мардум наовард! Шояд додои ту ҳам захмӣ шуда ба асорат афтида бошад ва ҳоло дар ягон кишвари хориҷа умр ба сар мебарад? Шояд ҳам воқеаи ногуворе рух дода бошаду ба хотири ба иснод намондани бачаҳо қасдан хомӯш мегардад? Эҳтимол дорад, рӯзеро мепояд, ки бо ягон амали нек аз он нохушиҳо раҳоӣ ёфта, роҳаш боз шуда, баъд баргардад?

Ин гуна тахминҳо Алишерро бештар ба хаёлу андешаҳои чигил фурӯ меандохт. Ӯ барои халос шудан аз ин мубҳамиҳо саъй мекард дар майдони ҷанг ба ҳалокат расидани падарашро ба субот расонад. Ҳамин ки хабар ёфт дар Маскав созмони махсусе бо кофтукови ҷанговарони бедому дарак машғул будааст, бедаранг аз пайи ҷустуҷӯ шуд ва чанд нома ба он ҷо навишт. Аз охирин суратҳои падараш, номаҳо ва суроғаҳои мавҷуд нусха гирифта фиристод. Кофтуков гоҳ фаъолу гоҳе бо ист чанд сол идома ёфт. Дар ниҳоят, тирамоҳи соли гузашта аз Маскав ҷавобе омад, ки роҷеъ ба ҳалокати аксари ҷанговарони ротаи тирандозӣ дар шаҳри Тернополи Украини Ғарбӣ хабар медод.

Умарҷон Раҳимов низ сарбози ҳамон рота будааст, вале дар хусуси фавтидани ӯ санади дақиқеро пайдо накардаанд. Чаро ки Тернопол як бор аз дасти душман озод мешавад, аммо бо хиёнати ҷангараҳои пинҳонӣ – бендерҳо дубора ба душман мегузарад ва ҳамон вақт аксари аснод нобуд мегардад.

Агар санад нест, пас эҳтимол дорад зиндамондаҳо бошанд. Алишер бо ин умед ба идораҳои шаҳри Тернопол, ҳатто ба созмони ҷавонон – дастаҳои пайшиноси ҷавон низ номаҳо навишт. Лекин натиҷае ба даст наомад. Дар ҷавоби номаҳо маслиҳат додаанд, ки ҳалли ин гуна муаммо бо хат аз имкон берун аст. Мебояд одамҳое, ки бо ҷанговарони бедому даракшуда аз наздик шиносанд ва нишонаҳои аниқу равшани онҳоро медонанд, ташриф биёваранд.

Кӣ меравад? Иқболапаи living бознишаста пас аз сӣ соли кор дар корхона сусту заиф шудааст, саломатиаш хуб нест. Бемории қанд неруву дармони ӯро костааст, фишори хун ҳам дорад. Агар бо ин вазъ раваду, ногаҳон қабри шавҳараш пайдо шавад ва охирин умедаш низ аз даст равад, ба чӣ ҳол меафтад? Магар бадтар обу адо намешавад? Алишер гуфт:

– Ман худам меравам!

Аммо ба ин тасмими ӯ хоҳарбузургаш Маҳфуза розӣ нашуда изҳор кард:

– Ту додоямонро хуб намешиносӣ, он замон кӯдак будӣ. Агар одамон нишонаеро пурсанд чӣ мегӯйӣ? Ман додоро дидаам, бояд ман равам...

Инак, аз рафтани Маҳфуза ҳашт рӯз мегузашт. Ин буд, ки баробари таққас задани дарвоза хаёли Алишер ба ӯ рафт.

Роҳрави дарвозахонаро як «Запорожетс»-и сафедранг банд мекард. Алишер аз самти чапи мошин гузашта, палмосида калиди чароғи барқиро ёфт. Ба маҳзи ин ки роҳрав чароғон гардид, дар берун сару сурати як марди солманд намудор шуд. Аз он сӯ овози хиррие баромад:

– Телеграмма!

Алишер як лингаи дарвозаро боз карда, дар равшании чароғ расидбарги телеграммаро имзо карда дод.

То ин муддат Иқболапа низ рӯмолашро ба сар андохта, аз айвон ба назди дарвоза омад. Алишер барги таҳшудаи телеграммаро бо ҳарос дар зери чароғ кушод. «Он чиро меҷустам пайдо шуд. Аз Киев бо парвози шаб меравам. Соати сеи Тошканд ба пешвозам баро. Маҳфуза».

Каломи «пайдо шуд» Алишерро ба ваҷд овард. Ӯ ба самти модараш баргашта, бо чашмони дурахшон изҳор кард:

– Апаам!

– Чӣ мегӯяд? Дараки додоятро ёфтааст ё не?

– Ёфтааст барин!

– Эҳ, Худоҷон! Дар куҷо будаанд? Чаро то ин қадар вақт наомадаанд?

Иқболапа дар хусуси зинда будани шавҳараш бо боварӣ гап мезад. Алишер ин ҳолатро ҳис кард, як он безобита шуд. Шояд Маҳфуза қабри падарро ёфтагист? Бародару хоҳар вақтҳои охир ба ҳалок шудани падар дигар шубҳае надоштанд. Охир, магар мумкин аст, одами зинда ин қадар сол дар Тернопол хомӯш гардад? Аммо модараш инро ба гӯшаи хаёл ҳам намеовард. Агар ӯ гапи хоҳарро «зинда ёфт шудааст» гӯён пиндораду баъдан акси ин ҳол рух диҳад, аҳволи модар бадтар намешавад? Оре, бадтар мешавад, бемориаш ҳам, бешак, авҷ мегирад...

– Очаҷон, ту дарҳол бовар накун!

– Ҳа, барои чӣ?

– Охир, камакак андеша кун... Апаам ки омад, ҳама чиз равшан мешавад.

– Кай меомадааст?

– Сеи шаб. Эҳ, ҳоло соат чанд аст? Ваҳ, чил дақиқа мондааст! Ман бояд тез ба роҳ бароям!

Ҳамсари Алишер низ бедор шуд, бо ҳарос сарутан пӯшид. «Запорожетс» ғаррас зада пуштнокӣ аз дарвоза баромад. Иқболапа писару сунҳорашро(1) ба фурудгоҳ гусел карда ба айвон баргашт.

Се бачаи хурду калон аз якдигар дар айвон масти хоб буданд. Моҳи нопурра дар баҳри осмон шино мекард. Иқболапа ба хонаи ҷойи нишасти худ даромада, ба назди сандуқи кӯҳнаи пешгаҳ гузашт. Аз болои сандуқ кӯрпаҳои бахмали рахт задаро ба канор гузошт. Сипас калиди овезон бар мехи токчаро гирифта ба қуфли сандуқ халонд. Қуфл бо садои маҳин ҷиринг карда кушода шуд, аз дохили сандуқ бӯйи қаранфул (2) ба димоғ зад. Умарҷонака қаранфулро нағз медид. Аҳёнан як-ду донаи онро ба даҳон андохта, дар миёни дандонҳояш бозӣ доронда меистод, ҳангоми сухангӯйӣ ҳам аз даҳонаш бӯйи қаранфул меомад. Иқболапа инро фаромӯш накарда буд, ҳар як либос ва номаҳои ӯро бо қаранфул якҷоя нигаҳ медошт.

Ана, ин ҳама либосворие, ки Умарҷонака сӣ сол пеш ба бар мекард: кителу(3) шалвори зарди чучунча(4), пероҳане, ки ба гиребону остинаш зеҳаки ироқӣ дӯхта шудааст, мӯзаи хром... Умарҷонака дар номаҳои худ таъйин мекард: «Ду бачаи хурдро калон кардан ба ту осон нест, ашёи хонаро дареғ надор, агар лозим шавад, либосҳои маро низ фурӯхта хӯрокӣ хар. Сарамон дар амон бошад шуд, чиз ёфт мешавад, худату бачаҳоро эҳтиёт кун!». Иқболапа гарданбанду зару зевари худро фурӯхт, аммо ба либосҳои шавҳар даст назад, соле як-ду бор гирифта, афшонда, шамол дода, аз нав таҳ карда мемонд. То калон шудани Алишер кители чучунчаю пероҳани зеҳакдор аз мӯд монд. Ҳоло Алишери меъмору лоиҳакаш дигар мӯзаи хроми падарро низ намепӯшад. Аҷиб, чаро зиёиёни ин замон мӯза намепӯшанд? Умарҷонака омӯзгор буд, аз фанни ботаника дарс медод, аммо доимо мӯза пӯшида мегашт.

Ҳеҷ гап не, агарчи либосвории сандуқ аз рад хориҷ шудааст, Иқболапа бо омадани Умарҷонака ин лавозимро ба ӯ мепӯшонад. Дар сандуқ як найи зебо низ мехобид. Он аз пояи найи Қашқар сохта шуда, ҳалқаҳои нафиси нуқрагин бароящ хеле мезебид. Қуббачаи як сари най бо фирӯзаи майдаи обиранг оро ёфта буд.

Умарҷонака бо ҳамин най навоҳои «Наво», «Дугоҳ» ва баъзан ҳам оҳангҳои ғалатиеро, ки Иқболапа намедонист, месароид. Аз он навоҳо ба завқ омада, об мешуд. Ин дам ҳам дар назари зан най ба садо даромад, симои шавҳараш, ки най ба даст меистод, дар зеҳнаш падид омад. Ҳар гоҳ Умарҷонака лабашро ба сӯрохи най расонда, хаёлангез ба навохтан мепардохт, нури дандонҳои чун садаф сап-сафеди ӯ ба рӯйи ҳалқачаҳои нуқрагин афтида аёну ноаён ҷило медод. Ҳоло ҳамон ҷило ба рӯйи ҳалқачаҳо дубора пайдо шуд гӯё. Мисли ин ки оҳангҳои найи Умарҷонака аз дили Иқболапа садо доданд. Ҳис мекард, ки дар қалби ӯ низ ба мисли пардаҳои най торҳои нафису дилоро хобидаанд ва онҳоро танҳо Умарҷонака метавонист навозад.

Аз рӯзе, ки шавҳараш ба ҷанг рафта буд, Иқболапа ин найро ба касе надод. Сию ду сол аст, ки най хомӯш мехобад. Ҳиссиёти муҳаббатангези Иқболапа низ ҳамоно мунтазири Умарҷонака сокит аст...

Вақте ки Умарҷонака ин либосҳоро пӯшида най менавохт, ҷавони бисту сесола буд ва Иқболапа он замон – арӯси бистсола. Ҳамон айёми масъуд лобалои ин либосҳо, ҳамроҳ бо бӯйи қаранфули гардан, гӯё ба сони шуълаи ҷилододаи рӯйи най ҳанӯз ҳам зинда метобад. Дуруст, Иқболапа дигар он зани ҷавон нест, бознишаста шуд, кадбонуи набередор аст, лекин то ба ҳол дар қалби ӯ пайи ҳиҷрони сию дусола хобидааст, ҳиссиёти нозуке, ки тайи ин қадар сол ба рӯ нуфуз накардааст, қат-қат шуда мехобад. Ӯ орзу кард, ки кош ин лаҳза ба синни бистсолагӣ баргардад, кош бо шавҳари азизаш сию чилсолагиҳоро такроран тай кунад. Барои расидан ба ин орзу гашта омадани Умарҷонака зарур аст. Эҳ, кошки ҳамин ҳозир пеш-пеши бачаҳо даромада меомад! Маҳфуза ҳам дар телеграмма ёфтанашро хабар додааст. Агар падараш намебуд магар чунин менавишт?

Иқболапа ба умеде, ки чандин сол дар дили худ мепарварид, итминон ҳосил намуд. Дарзмолро ба барқ васл кард. Либосҳои пӯшидании Умарҷонакаро аз сандуқ гирифта ба уту задан пардохт...

* * *

Дами саҳар аз кӯча ғур-ғур садои мотори «Запорожетс» шунида шуд. Иқболапа бо шитоб ба ҳавлӣ баромад, аз дарвоза Маҳфуза даромад. Модару духтар ҳамдигарро ба оғӯш гирифтанд. Иқболапа гунаашро ба гунаи духтар часпонд ва ҳамин лаҳза намии оби дидаи Маҳфузаро ҳис карду дилаш «шувв» рехт.

– Чӣ хелӣ, духтарам, рафта омадӣ? Додоятро ёфтӣ, не?

– Даракашон ёфт шуд, оча...

Алишер мошинро ба дарвозахона даровarda пиёда шуд ва ба модару хоҳарбузургаш рӯ оварда гуфт:

– Биёед, ба хона дароем.

Чеҳраи ӯ низ маъюс менамуд. Аз даме, ки хоҳарбузург аз ҳавопаймо пиёда шуда дар хусуси ҳодисаҳои шунидааш ва воқеаҳои ҷанги бераҳмонаи сӣ сол пеш нақл карда буд, худро нороҳат ҳис мекард...

Ҳамон рӯзе, ки шаҳри Тернопол бо ёрии бендерчиён бори дуюм ба дасти фашистон мегузарад, Умарҷонака бо дастаи худ дар як хонаи шашутоқа камин гирифта то охирин нафас ҷанг мекунад. Ӯ зану бачаҳои ин хонаро аз тариқи тирезаи ақиб фароварда мегурезонад. Ҳаёти онҳо низ бар рӯйи қил будааст, агар ин корро намекард, Худо медонад чӣ балое ба сарашон меомад.

Фашистон хонаи камингирифтаи Умарҷонакаро бо танкҳои вазнин хароб карда аз болояш гузаштаанд...

Дафъаи дигар Тернопол аз дасти душман озод мешавад. Ин бор ҷасади ҷанговаронро аз зери харобазор кофта мегиранд ва дар қабристони бародарӣ гӯр мекунанд. Симоюю сурати фавтидагон ба дараҷае абгор будааст, ки аксари онҳоро нашинохта, исмашонро мушаххас накарда ба хок супурдаанд...

Аз байни бачаҳое, ки Умарҷонака гурезонда будааст, яке ӯро хуб дар хотир доштааст. Чун дар он хона чанд муддат бо ҳам зистаанд, Умарҷонака ба ӯ ӯзбекистонӣ будани худро, дар Тошканд як духтару як писар доштани худро нақл кардааст. Ҳамон бача ҳоло чиҳилсола аст, омӯзгор. Ӯ ҷустуҷӯйи пайшиносони тернополиро аз пайи номаи фиристодаи Алишери тошкандӣ шунида ба онҳо рӯ меоварад.

Духтари сиёҳҷурдаи абрӯборик бо чашмони каме тори худ ба падараш хеле шабоҳат дошт. Омӯзгор ба маҳзи ин ки ӯро мебинад, Умарҷонака ба хотираш меояд. Муаллим ёдовар мешавад, ки Умарҷонакаро ҳамсилоҳонаш «Умар» гуфта ном мебурдаанд. Аз миёни одамоне, ки Умарҷонака аз тиреза гурезонда буд, боз як зани дигар дар шаҳр иқомат мекардааст. Онҳо ба комиссариати ҳарбӣ рафта дар хусуси ҷасорати Умарҷонака, чӣ навъ ба ҳалокат расидани ӯ ва маҳалли дафнаш хабар медиҳанд. Умарҷонака низ дар қабристони бародарии маркази шаҳр, ки дар он ҷо қабри ҳаштод нафар ҷанговар мавҷуд будааст ва лавҳасанги бузурги мармарӣ дорад, дафн шудааст. Аммо исми ӯро дар лавҳи ёдгорӣ пайдо накардаанд, чунки он замон кӣ будану чӣ навъ ҳалок шудани ӯ маълум набудааст. Маҳфуза бо созмонҳои алоқадори шаҳр вохӯрда, номи падарашро низ ба рӯйи лавҳасанг нависонда бармегардад...

Чун аз фурудгоҳ баромада меомаданд, ӯ ин воқеаҳоро ба додараш Алишер нақл мекарду наметавонист оби дидагонашро нигаҳ дорад. Алишер чанд бор ӯро дилдорӣ кард:

– Апа, вазнин шав, ин ҳолатро дида оча намебардорад.

– Чӣ кор кунам, дар Тернопол ҳам мегаштаму аз алам беист оби дида мерехтам. Аз одамони раҳгузар хиҷолат кашида ба чашмонам айнаки сиёҳ задам. Оби дидаҳоям аз зери айнак шорида мефаромад, бо рӯмолча пок мекардам.

– Аммо... он воқеаи мудҳиши... – гулуи Алишерро ҳам буғзи алам гирифт, бо азоб суханашро давом дод: – он воқеаи... дар зери харобазор монданашонро ба оча нагӯй.

– Чӣ, магар девонаам?

Ҳамин ки Маҳфуза ҳамроҳи модар ба хонаи дарун даромаданд, сандуқи боз, пероҳани зеҳакдори дарзмолшудаи падарро диду аз «пайдо шуд» гӯён навиштани худ дар телеграмма афсӯс хӯрд. Иқболапа мунтазири хабари хуш чашмонаш барқ мезад. Маҳфуза ӯро ба оғӯш кашида гиряолуд ба сухан даромад:

– Очаҷон, Худо қувват диҳад, мард шав!

Ранги рӯйи Иқболапа чун дока канд. Аз бағали духтар оҳиста баромад, бо ҳоли гирифта ва садои шикаста гуфт:

– Чӣ... Додоят... дигар намеоянд?

– Чаро? Рӯҳи додоям ҳамеша зинда аст! Додоям то нафаси охирин мардонавор ҷангидаанд. Чанд бачаро бо модаронашон халос кардаанд.

Иқболапа нолаомез садо баровард:

– Ман чӣ? Кӣ маро аз бевагӣ халос мекунад?

Даҳони Иқболапа хушк шуд, сараш сари ҷо чарх задан гирифт. Маҳфуза бетобии ӯро нағз медонист, ҳамоно аз дасташ дошта, гапзанон ба сӯйи диван ҳидоят кард:

– Очаҷон, сахт ба дил нагир, бардам шав!

Чашми Иқболапа ба пероҳани зеҳакдори дарзмолшуда афтод. Дигар инро ҳеҷ кас намепӯшад! Ин мӯзаҳо ҳам, ки чандин сол дар сандуқ хобидаанд, ба касе лозим нест! Найи ороста бо ҳалқаҳои нукрагинро низ Умарҷонака дигар ҳеҷ гоҳ наменавозад. Хона ба назари Иқболапа хеле ваҳмангез намуд, хост гиря кунад, аммо ба чашмонаш нам наомад. Гӯё дар гулуяш чизе дармемонд, ҳаво намерасид.

Алишер дарҳол ба ошхона гузашту як пиёла об овард. Маҳфуза ба модар об хӯронд, ӯро ба рӯйи кат хобонд.

Арӯси хона, ки ҳамшираи тиббӣ буд, дарҳол сӯзандоруро барои ҷӯш додан гузошт. Ӯ аллакай чанд бор модаршӯяшро ампул зада одат карда буд. Аввал барои костани фишори хун ва сокин кардани ҳолаш сӯзандору кард. Сипас, то субҳона доруи инсулин фиристод.

Аз миён се-чаҳор рӯз гузашту Иқболапа ба худ омад. Ӯ аз Маҳфуза пурсид:

– Ягон сурати додоят набудааст?

– Сураташонро наёфтам.

Чанд гоҳе хомӯш нишаста дубора суол кард:

– Кӣ падаратро ба қабр мондааст?

– Намедонам. Бо чунин одаме вохӯрӣ накардам.

Алишер пай мебурд, ки ин пурсишҳои модар бесабаб нест. Ӯ ба мурдани шавҳараш боз ҳам шубҳа дошт. Рости гап, ҳанӯз ҳам дар дили Иқболапа умеди сисолааш «Умарҷонакаам як рӯз не, як рӯз бармегардад», аз нав зинда мешуд. Алишер акнун ҳис мекард, ки дар мағзи ин умед чӣ қадар меҳр, чӣ қадар садоқати беҳудуд мехобад. Акнун дарк кард, ки дар ҷанги беамон ҳамин гуна бовару ҳиссиёти бузург мардумро ба пирӯзӣ расондааст. Аз ин хотир, хост, ки умеду хоҳиши қаъри дили модарро ҳифз кунад.

– Кӣ медонад, оча, ба номи чандин кас «хати сиёҳ» омадааст, вале худашон зинда баргаштаанд. Шояд падарам ҳам як рӯз ногаҳон омада мемонад...

Аз ин гапи писар Иқболапа хушҳол шуд, сарашро аз болин бардошта, каме бо лабханд гуфт:

– Тавба! Дар корхона, вақте ки ба сарбозон либос медӯхтем, бо як ҷавонзан ошно шуда будам. Ҳар дуямон пешқадам будем, дар рӯзнома суратамон баромада буд. Як рӯз ба ҳамон дугонаам «хати сиёҳ» омад. Бечора аз дарди фироқ хеле гиря кард, мотам гирифт. Бача надошт... Пас аз ҷанг бо як каси дигар издивоҷ кард. Рӯзе шунидам, ки шавҳараш зинда будааст, баногоҳ даромада меояд. Дугонаам аз кори кардааш пушаймон шуда, бо армон мегирист...

Ҳамин тавр, Маҳфуза ҳам, Алишер ҳам дар назди модар дигар аз бобати вафоти падар гап намекушоданд. Иқболапа як ҳафта бистару болин карда хоб рафт. Сунҳораш ӯро дорую дармон кард, ба гарму хунукаш нигарист. Сипас ба по хест.

Як рӯз нисфи шаб дубора дарвозаро кӯфтанд. Ин садоро боз ҳам Иқболапа аз писараш зудтар шуниду Алишерро бедор кард ва гуфт:

– Нигоҳ кун, падарат набошад?

Дарвозаро яке аз ҳамсояҳо мезад. Алишер баргашту пиҷакашро ба китф андохта гапзанон аз дар баромад:

– Зани Акбарро дард гирифтааст, ба зойишгоҳ мебарам.

Иқболапа аз мағзи дил оҳ кашид, аммо худро сари ҳол дошта гуфт:

– Хуб, писарам, тезтар гирифта бар.

Алишер дарвозаро боз карда, мошинро ба кӯча баровард, дар дилаш пайдо шудани ҳиссиёти сурурангезеро ҳис кард. Ба назараш чунин намуд, ки дар ҳақиқат падараш дар ҷанг ҳалок нашудааст, гӯё фардо-пасфардо дарвозаро тақ-тақ зада даромада меояд...

---

(1) **сунҳор** – зани писар, келин;

(2) **қаранфул** – *гиёҳи буттагии хушбӯй, ки гулҳои хурди махмалӣ дорад; номи аслии он аз забони ҳиндӣ «каранпаҳул» аст ва қаранфул шакли арабишудааш мебошад;*

(3) **кител** – камзӯли мардона;

(4) **чучунча** – *навъи матои абрешимӣ*

## ДАР ҲОШИЯИ «ХИРМАНИ СУХАН»

*Забон дар даҳон, эй хирадманд, чист?*
*Калиди дари ганҷи соҳибҳунар.*
*Чу дар баста бошад, чӣ донад касе,*
*Ки гавҳарфурӯш аст ё пилавар?!*
*(Саъдӣ)*

Адаб ё адабиёт маҷмӯи суханонеро фаро мегирад, ки онҳо бартару волотар аз суханҳои маъмулианд ва мардум он суханонро хонда ё шунида ба ваҷд меоянд, эҳсоси ғаму шодӣ мекунанд, лаззат мебаранд ва ҳатто, ҳолати рӯҳиву равонии хешро дигаргун месозанд. Ин аст, ки қавме ё миллате дар ҷаҳон бе адабиёту дастовардҳои адабӣ буда наметавонад. Ҳар як халқ ба таври муттасил саъй мекунад беҳтар аз гузашта осори дардхуру рӯҳбахш ба ёдгор гузорад, бо ин чеҳраи маънавии худ дар байни миллатҳои дигар мақоми сазовор касб намояд.

Миллати ӯзбек низ дар миёни халқҳои дигар бо адабиёти пурғановати худ, бо осори назмиву насрие, ки зарфи садсолаҳо аз сӯйи шоиру нависандагони бешумор эҷод шудаанд, ифтихор дорад. Ба вижа, пешрафти адабиёти ӯзбек дар сад соли ахир хеле назаррас аст. Дар ин давра миллати ӯзбек даҳҳо нафар адиби барҷастаро ба ҷаҳониён рӯнамоӣ кардааст ва гузашта аз шоирон, нависандагони маъруфи ӯзбек, аз қабили, Абдулло Қодирӣ, Ғафур Ғулом, Абдулло Қаҳҳор, Ҳамид Олимҷон, Саид Аҳмад, Мирмуҳсин, Шукрулло, Мақсуд Қориев, Одил Ёқубов, Худойбердӣ Тӯхтабоев, Шукур Холмирзоев, Ӯткир Ҳошимов, Тоҳир Малик, Эркин Аъзам, ки ин феҳристро хеле метавон идома дод, доди суханро додаанд, бо достонҳои кӯтоҳу баланди худ, бо қиссаву романҳои баландпоя насри ӯзбекро пеш бурдаанд.

Қобили зикр аст, ки беҳтарин намунаҳои осори адабию бадеии ӯзбекӣ ба забонҳои дигар, минҷумла, ба забони форсии тоҷикӣ тарҷума шудаанд. Ба ҳамдигар расондани китобҳо, ҳамфикрӣ ва ҳамкориҳои адибони тоҷику ӯзбек ҳанӯз дар замони устодони бузург – Садриддин Айнӣ, Ойбек, Абулқосим Лоҳутӣ, Ғафур Ғулом, Ҳамид Ғулом, Мирзо Турсунзода ва дигарон вусъати зиёд дошт. Равобити дӯстонаи адибон ҳамеша намоёнгари ҳусни таваҷҷуҳ ва ҳамгароии миллатҳост. Ин гуна муҳаббат буда, ки «...16-июли соли 1954 ҳангоми видоъ бо аллома Айнӣ, дар радифи меҳмонони дигар, шоири машҳури ӯзбек, дӯсти наздики Айнӣ Ғафур Ғулом дар поёни пойи марҳум рост истода, дар ҳолате ки ашк аз чашмонаш ҷорӣ мешуд, «Во устод, во устоди бузургворам» гӯён ба тоҷикӣ дарду аламӣ худро паст мекард (У. Ғаффоров, «Миллат аз афрод меёбад мақом», с.5).

Боиси хурсандӣ ва хушбахтии ду халқи ба ҳам дӯсту бародар аст, ки сарварони кишварҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон барои об кардани яххои сахтшуда дар роҳи дӯстӣ замина фароҳам оварданд ва акнун беш аз пеш офтоби меҳру садоқат дар ҳама бахшҳои зиндагӣ нурпошӣ мекунад. Дар кишвари Ӯзбекистон ба густариши кори Марказҳои миллию фарҳангӣ, мактабҳо ва расонаҳои гурӯҳии тоҷикон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мегардад. Дар канори рӯзномаҳо китобҳои бадеию дарсӣ ба табъ мерасанд. Аз ҷумла, мураттаб шудани китоби мазкур, ба навъе, маҳсули чунин як боғи пурнеъмати дӯстиву ҳамгароӣ аст.

Пӯшида нест, ки хонандаи тоҷик ба забони модарии худ чандин ҳикоя, қисса ва романи ӯзбекиро қироат кардааст ва то ҷое бо адабиёти ӯзбек ошноӣ дорад. Иқдоми тозаи мо дар шакли тарҳи ҷадид ба густариши доираи ин шиносоӣ равона шудааст. Мо тасмим гирифтем нависандагони ӯзбекро ба таври мухтасар, бо баёни шарҳи ҳол ва намуна аз осорашон муаррифӣ намоем. Ин рӯнамоӣ ба шакли муназзам, бо таваҷҷуҳ ба қоидаи хронологӣ ва бо диди холис пайгирӣ хоҳад шуд.

3 августи соли 2017 Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳангоми мулоқот бо аҳли зиёи кишвар изҳор дошта буд: «Аҷдоди бузурге дорем, ки месазад бо онҳо ифтихор кунем. Сарватҳои фаровоне дорем, ки месазад бо онҳо биболем. Ва ман бовар дорам, насиб кунад, оянадаи бузург, адабиёт ва ҳунари беҳамтое ҳам, албатта, хоҳем дошт, ки месазад бо онҳо сарбаланд бошем». Ин эътирофи сарвари кишвар, аз ҷумла, ба он далолат мекунад, ки халқи ӯзбек адабиёти хонданӣ ва писандида дорад. Адибони ботаҷриба, рӯзгордида ва боистеъдод пайваста хоманигорӣ карда, ҳаёту ҳастии инсониро бо ҳама бурду бохташ, бо ҳама бешу камаш муассиру ғарро ба тасвири бадеӣ кашидаанд. Даҳҳо асари хурду калони адибони ӯзбек, ки дар сад соли ахир офарида шудаанд, бо мазмуну муҳтавои муассир ва пурфусуни худ дар дили мардум ва дар канори осори адибони ҷаҳон ҷой гирифтаанд, чунончи: «Падаркуш» (Беҳбудӣ), «Рӯзгори мозӣ», «Каждум аз меҳроб» (Абдулло Қодирӣ), «Бачаи шум» (Ғафур Ғулом), «Навоӣ» (Ойбек), «Уфуқ», «Исёни арӯсон» (Саид Аҳмад), «Меъмор», «Темурмалик» (Мирмуҳсин), «Дафншудагони бекафан», «Ҷонҳои зинда» (Шукрулло), «Дунёи куҳан» (Одил Ёқубов), «Шабҳои пурситора» (Пиримқул Қодиров), «Кулоҳаки сеҳрнок»

(Худойбердӣ Тӯхтабоев), «Фариштаҳои дурӯғгӯй» (Неъмат Аминов), «Алабӯҷӣ» (Шукур Холмирзоев), «Нур ва соя», «Нигоштаҳои ҳошияи дафтар» (Ӯткир Ҳошимов), «Тири охирин», «Шайтанат» (Тоҳир Малик), «Саҳроҳои монда аз падарам» (Тоғай Мурод), «Кӯҳҳои баланд», «Бойчечак» (Абдусаид Кӯчимов), «Пуанкаре», «Муаммо» (Абдуқаюм Йӯлдошев)...

Ҳамроҳ бо мутолиаи осори адабӣ донистани шарҳи ҳол, қисмату зиндагиномаи адибон низ ибратомӯз аст. Чунончи, нависандаи мардумӣ, Қаҳрамони Ӯзбекистон Саид Аҳмад аз ҷумлаи эҷодкоронест, ки дар тӯли умри худ азобу шиканҷаҳои фаровон мекашад, вале рӯҳан нашикаста тамоми неруи худро дар роҳи адабиёт, барои офаридани асарҳои мондагор сарф мекунад. Яке аз хислатҳои наҷиби ӯ он аст, ки ба оилаи худ, ба ҳамсари адибаш Саида Зуннунова эҳтиром ва садоқати беназир доштааст. Мегӯянд, вақте ки ӯро «душмани халқ» эълон карда ба ҳабс мегиранд, аз ин тараф Саидабонуро низ маҷбур мекунанд, ки ё аз шавҳараш даст кашад ё аз узвият ба Иттиҳодияи нависандагон. Он дам зани вафодор бе дудилагӣ номаи тӯлонии гилаомезу эътирозӣ навишта, онро бо билети узвияташ ба шуъбаи кадрҳо месупорад ва худ мунтазири шавҳар мемонад. Мутаассифона, ҳаёт бо Саида намесозад. Ҳанӯз дар рӯзи арӯсиашон бародари азизаш аз дунё чашм мепӯшад, чанд моҳ пас шавҳараш ба зиндон меафтад... Пас аз табриа шудан Саид Аҳмад ба ватан бармегардад, бо ҳамсараш зиндагии осуда ба сар мебаранд, вале Саидаи дар зиндагӣ озордида дере нагузашта ба бемории сахт мубтало мешавад ва дар синни 51 солагӣ ҷаҳони равшанро падруд мегӯяд. Саид Аҳмад аз вафоти ҳамсари меҳрубонаш сахт андӯҳгин мешавад ва боқимонда сӣ соли умри худро бо ёди ӯ мегузаронад. Дӯстонаш аз ӯ мепурсанд: «Чаро пас аз вафоти Саидаапа дубора хонадор нашудед?». Ӯ бо сари баланд ҷавоб медиҳад: «Ман ният дорам бо рӯйи сурх ба назди вай равам». Ин аст муҳаббат, ин аст садоқати инсонҳои бузург ба якдигар!

Яке аз адабиётшиносон ва мунаққидони барҷастаи ӯзбек, Қаҳрамони Ӯзбекистон Озод Шарофиддинов бахши аъзами фаъолияти эҷодӣ ва дониши худро ба таҳқиқу баррасӣ ва арзёбии адабиёти ӯзбек бахшидааст ва нақшу саҳми осори нависандагонро дар пешрафти ҷомеа, дар худшиносии миллӣ ва тавсиаи ҷаҳонбинии халқ ҳамаҷониба нишон додааст. Ӯ аз забони Чӯлпон ёдовар мешавад: «Оре, ба ин тану вуҷуди муҳаррики мо ҳар қадар обу ҳаво лозим бошад, ҳамон қадар ба рӯҳи гандидаи мо, ки дар тӯли зиндагӣ аз ҳар тариқ олуда шудааст, адабиёт лозим аст. Адабиёт арзи вуҷуд кунад, миллат зинда аст...». Ва аз забони қаҳрамони мақолаи илмӣ-пажӯҳишии худ – «Дарки Чӯлпон» меафзояд: «Адабиёт ба маънои томаш на танҳо барои ҷон бахшидан ба танҳои ниммурдаву хазоншудаву рангпарида, ҳамчунин ба унвони оби тозаи маърифатӣ барои пок кардани гилу лойи сиёҳи нишаста бар хунҳоямон ва шустани олудагии қалбҳои пурзарбамон ва ба мисли оби чашма барои равшану пок кардани оинаҳои хирашуда ва чашмони гарду хокгирифтаамон бениҳоят зарур аст». Дар ниҳоят, Озод Шарофиддинов бо диди воқеият ба замони худ назар карда хулоса мекунад: «Лекин, ҳазор ҳайф, ки дар замони имрӯз дараҷаи таваҷҷӯҳ ба адабиёту китоб бамаротиб коҳиш ёфтааст. Дуруст, ҷавонон метавонанд аз васоити муосири фаннӣ – кино, видеофилмҳо, компютер иттилоъ пайдо кунанд, вале ин ҳама ёрои иброзу ифодаи фикрро надоранд. Дар сурате ки, беҳтарин восита барои таҳрики фикру андеша китоб аст». Дар воқеъ, китобхонӣ одамонро ба доштани андешаи солим, тарбият ва рушди нутқу зеҳн водор месозад.

Умед аст, китоби «Хирмани сухан», ки иборат аз тарҷумаи беҳтарин ҳикояҳои ӯзбекӣ ва роҳнамои муфиде барои шиносондани зиндагиномаю осори адибони пешгоми ӯзбек аст, ба хонандагони тоҷик мақбул меояд ва ҳар як хонандаи закӣ ба ҳусну қубҳи он бо назари нек дида меандозад. Ва ба унвони мутарҷим ва мураттиби ин ганҷина аз қавли Ҳаким Низомии Ганҷавӣ ошкор месозам:

*Шабе чун саҳар зевар ороста,*
*Ба чандин дуои саҳар хоста...*
*Ман аз шуғли гетӣ барафшонда даст,*
*Ба занҷири фикрат шуда пойбаст...*
*Даромад ба ман хобе аз ҷӯши мағз,*
*Дар он хоб дидам яке боғи нағз.*
*К-аз он боғ рангин рутаб чидаме,*
*В-аз ӯ додаме ҳар киро дидаме...*
*Ҳама хӯша чинанду ман донакор,*
*Ҳама хонапардозу ман хонадор.*
*Ба ганҷинаи ин дӯкон тохтам,*
*Зари худ баробар барандохтам...*

**Юнуси ИМОМНАЗАР,**
**мутарҷим**

## САРЧАШМАҲОИ АДАБӢ ВА ИТТИЛОӢ:

1. **Вожаҷӯ – Фарҳанги бархатти тоҷикӣ:** фарҳанги тафсирии забони форсии тоҷикӣ [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: https://vazhaju.com/
2. **Портали «ziyouz.com»:** шарҳи ҳол ва осори баргузидаи адибони ӯзбек [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: http://www.ziyouz.com
3. **Торнамои «saviya.uz»:** шарҳи ҳол ва осори баргузидаи адибони ӯзбек [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: https://saviya.uz
4. **Торнамои «Ўзбекистон Ёзувчилар уюшмаси»:** шарҳи ҳол ва осори баргузидаи адибони ӯзбек/насри ӯзбек [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: http://ijod.uz
5. **Ўзбек адиблари:** XX аср ўзбек адабиёти (намунаҳо аз осори адибони ӯзбек, асри XX) / Собир Мирвалиев, Рихсия Шокирова. Т.: Нашриёти адабиёт ва санъати ба номи Ғафур Ғулом, 2016.
6. **Ўзбек тилининг изоҳли луғати:** фарҳанги тафсирии забони ӯзбекӣ /дар зери таҳрири А. Мадвалиев (2006-2008); [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: http://www.ziyouz.com
7. **Фарҳанги (луғатномаи) ӯзбекӣ-русӣ**: шарҳи маънии калимаҳо ва истилоҳоти ӯзбекӣ ба русӣ [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: http://www.translatos.com/ru/uz-ru/
8. **Хуршид Даврон кутубхонаси:** намунаҳо аз адабиёти ӯзбек ва ҷаҳон [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: http://kh-davron.uz

## МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| **Дастовези пурарзиш** *(А. Исмоилзода)* | |
| **Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ.** Падаркуш *(драма)* | |
| **Абдулло Қодирӣ.** Дар бузкашӣ *(ҳикоя)* | |
| **Абдулҳамид Чӯлпон.** Лолаи зери барф *(ҳикоя)* | |
| **Ғафур Ғулом.** Duздбачаи худам *(ҳикоя)* | |
| Бадкории булҳавас *(ҳикоя)* | |
| **Ойбек.** Бобои чароғбон *(ҳикоя)* | |
| Бачагӣ *(ёддошт)* | |
| **Абдулло Қаҳҳор.** Ҳазору як ҷон *(ҳикоя)* | |
| **Ҳамид Ғулом.** Роҳҳо, солҳо, устодҳо *(қитъаҳо аз асар)* | |
| **Саид Аҳмад.** Сароб *(ҳикоя)* | |
| **Асқад Мухтор.** Атр *(ҳикоя)* | |
| **Мирмуҳсин.** Гули меҳру қабри модар *(ҳикоя)* | |
| **Шукрулло.** Одами чашмбаста *(пора аз роман)* | |
| **Саида Зуннунова.** Дастҳо *(ҳикоя)* | |
| **Мақсуд Қориев.** Парастуҳо дар баҳор оянд *(ҳикоя)* | |
| Дар як моҳ мемирӣ *(ҳикояи ҳаҷвӣ)* | |
| **Одил Ёқубов.** Яхмос *(ҳикояи ёддоштӣ)* | |
| **Пиримқул Қодиров.** Умедворӣ *(ҳикоя)* | |
| **Дар ҳошияи «Хирмани сухан»** *(Ба ҷойи охирсухан)* | |
| **Сарчашмаҳои адабӣ ва иттилоӣ** | |

Адабий-бадиий нашр

**ХИРМАНИ СУХАН**
(СӮЗ ХИРМОНИ: ӯзбек адибларининг энг сара ҳикоялари)
(Биринчи китоб)

*Таржимон ва нашрга тайёрловчи:*
**Юнуси Имомназар**

*Бош муҳаррир:*
**Асадулло Шукуров**

*Мусаҳҳиҳ:*
**Тиллоҷон Носирова**

*Техник муҳаррир:*
**Муҳаммадиқбол Исмоилзода**

*Саҳифаловчи:*
**Баҳманёр Юнусзода**

«Noshirlik yog'dusi» нашриёти.
100129. Тошкент шаҳри, Чорсу майдони, 3-А.
Лицензия рақами AI № 027, 27.10.2018 й.

Теришга 2018 йил 10 декабрга берилди.
Босишга 2019 йил 27 январда рухсат этилди.
Бичими $84x108^{1/16}$ «Times New Roman»
гарнитурасида офсет босма усулида офсет коғозида босилди.
13,25 шарт. Б.т. 12,0 ҳисоб нашр табоғи.
Адади 1000 нусха. 27/01-сон буюртма.
«Reliable print» МЧЖ босмахонасида чоп этилди.
100011, Тошкент шаҳри, Чорсу майдони, 3-А